**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

ТДУ 343: 007 (575.3)
ТКБ 67.99 (2) 93+659.3 (2 тоҷик)
И-75

**ИСОЗОДА ФАЙЗИДДИН ИСО**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИТТИЛООТ: ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Давлатзода Комрон Давлат

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**............3-4

**МУҚАДДИМА**........................................................................................5-20

**БОБИ 1. ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ - МУҚОИСАВИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИТТИЛООТ**

1.1.Ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................21-33

1.2. Мафҳум ва хусусиятҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот..........................................................................................................34-52

1.3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷа....................................53-73

**БОБИ 2. АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИТТИЛООТ**

2.1. Объект ва предмети ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот........74-100

2.2. Тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот......101-131

**БОБИ 3. АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИВИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИТТИЛООТ**

3.1. Субъекти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот.......................132-145

3.2. Тарафи субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот.....146-159

**ХУЛОСА**.............................................................................................161-165

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.........................................................................................166-167

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)** ...............................................168-192

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..............................................................................................193-195

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**КМҶ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ Арманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон

**КҶ Белорусия** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белорусия

**КҶ Испания** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Испания

**КҶ Қазоқистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ Қирғизистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**КҶ Латвия** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Латвия

**КҶ Литва** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Литва

**КҶ Молдова** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова

**КҶ Озарбойҷон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон

**КҶ Олмон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон

**КҶ Туркманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон

**КҶ Украина** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина

**КҶ Ӯзбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**КҶ Фаронса** – Кодекси ҷиноятии Фаронса

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ Чин** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Мардумии Чин

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ Эстония** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Эстония

**ТИК–** Технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ

**ФР** – Федератсияи Россия

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**б.** – банд

**ғ.** – ғайра

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**н.** – ноҳия

**с.** – саҳифа

**с.** – сол

**ш.** – шаҳр

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мутобиқи моддаи 1-и Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд эътироф мегардад, ки ҳадафи асосии он таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа тавассути мубориза бо ҷинояткорӣ мебошад [1]. Бо дарназардошти рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ ва бо мақсади татбиқи амалии меъёри мазкури конститутсионӣ, зарурати ногузири илмӣ ва амалии такмил бахшидани танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ба миён меояд.

Иттилоот ҳамчун ҷузъи таркибии ҷомеа ва  захираи стратегӣ дар тамоми марҳилаҳои ташаккул ва такомули ҷомеаи инсонӣ нақши муҳимро бозидааст. Дар даврони муосир, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ ва  технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тавсеа  меёбанд, нақши захираҳои иттилоотӣ торафт афзун мегардад. Иттилоот дар заминаи таҷзияву таҳлили илмӣ мунтазам такмил меёбад.

Захираҳои иттилоотӣ имрӯз на танҳо василаи мубодилаи дониш ва равандҳои идоракунӣ, балки ҳамчун объекти мустақили танзими ҳуқуқӣ ва стратегияи амнияти миллӣ баромад менамоянд. Раванди иттилоотигардонии ҷомеа, ки бо суръати хеле баланд ҷараён дорад, дар баробари имкониятҳои нав як қатор хатару таҳдидҳои навро низ ба миён овардааст. Ба хусус, дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти ҳифзшаванда, воридшавӣ ба системаҳои иттилоотӣ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар шаклҳои истифодаи ғайриқонунии захираҳои иттилоотӣ  ба амнияти иттилоотии шахс, ҷомеа ва давлат хатар эҷод менамояд. Бо дарназардошти ин, мубрами мавзуи таҳқиқотӣ дар таҳияи механизмҳои самараноки ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ аён мегардад. Илова бар ин, ҳоло тамоми самтҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ алоқамандии бевосита дошта,  таъмин ва танзими ҳуқуқии амнияти иттилоотӣ на танҳо

як самти муҳим, балки унсури зарурӣ дар устувории сиёсати давлатӣ ва танзими низоми ҳуқуқии кишвар арзёбӣ мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ, ки 23 декабри соли 2022 ироа гардид, изҳор доштанд, ки гурӯҳҳои муташаккили фаромарзӣ имрӯз бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотӣ роҳу усулҳои тозаро ба кор мебаранд, то шаҳрвандонро ба сафи худ ҷалб намоянд ва шахсони камтаҷрибаю ноогоҳро бо ақидаҳои ифротӣ гумроҳ созанд.

Дар робита ба ин, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад [202]. Дар воқеъ имрӯз ҳеҷ қудрати ҷаҳонӣ ва ҳеҷ давлати алоҳидае нест, ки тавонад бо ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содиршаванда ба танҳоӣ мубориза барад. Зеро ин падидаи манҳус аз марзи ҳамаи кишварҳо фаротар рафтаву оламро фаро гирифтааст ва кишваре нест, ки аз хатари он эмин бошад.

Омӯзиши таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат дод, ки дараҷаи содиршавӣ ва баррасию ошкор намудани ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар давоми солҳои 2008-2025 якранг набуда, он тамоюли босуръати зиёдшавиро фаро гирифтааст. Дар ҳудуди кишвар то соли 2007 ягон намуди ин кирдори барои ҷамъият хавфнок ба қайд гирифта нашудааст. Шуруъ аз соли соли 2008 содиршавии ин ҷиноят давра ба давра зиёд гардидааст. Чунончи, тибқи маълумотномаи омории расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2009 то соли 2025 шумораи ҷиноятҳои содиршуда дар самти таҳқиқшаванда якбора зиёд гардида, то имрӯз зиёда аз 171 ҷиноятро ташкил медиҳад.

Метавон зиёдшавии «ғайриқонунии ба даст овардани иттилоотро нисбат ба соли 2008 (ду ҷиноят ба қайд гирифта шудааст) чунин тасвир

кард: дар соли 2009 афзоиш 50%-ро ташкил додааст, дар соли 2010 – 66%, соли 2011 – 30%. Дар солҳои 2012 ва 2013 тағйироти назаррас мушоҳида намешавад (дар ҳар ду сол 2 ҳолати ин ҷиноят ба қайд гирифта шудааст)». «Соли 2014 – 33,3%, соли 2015 – 85,71%, соли 2016 – 75%, соли 2017 – 30,46%. Солҳои 2018-2019 низ тағйироти ҷиддӣ дида намешавад (дар ҳарду сол 13 ҳолат сабт шудааст)».

Дар соли 2020 ин нишондиҳанда ба 52% расидааст, соли 2021 бошад, ҳолат ба қайд гирифта нашудааст. Дар соли 2022 – 42,5%, соли 2023 – 49,05%, соли 2024 – 51%, ва дар нимсолаи аввали соли 2025 – 39,8%-ро ташкил медиҳад [213].

Омори мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯз на танҳо одамон, балки тамоми кишварҳо метавонанд дар фазои маҷозӣ аз ин кирдори барои ҷамъият хавфнок зарари бузург бинанд, зеро дар чунин шароит бехатарии истифодабарандагони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мудофиа, иқтисод, саноат, нақлиёт, маориф, фарҳанг, тиб ва ғайра метавонад аз як ҷинояткор вобаста бошад. Теъдоди ҷиноятҳои содиршуда дар фазои маҷозӣ аз рӯйи таносуб ба шумораи истифодабарандагони шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ афзоиш ёфта, тибқи иттилои Иттиҳоди Байналмилалии Телекоммуникатсия, суръати афзоиши ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, дар Интернети ҷаҳонӣ, босуръаттарин дар сайёра мебошад. Аллакай барои ҷамъият хавфнокии ин кирдорро на танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон, балки тамоми давлатҳои ҷаҳон эътироф намудаанд, зеро он дар айни замон яке аз хатарҳои ҷиддӣ ба амнияти ҳар як давлату миллат ба шумор меравад.

Дар даврони муосир таъмини амнияти иттилоотӣ ва танзими истифодаи технологияҳои компютерӣ тавассути қонунгузории ҷиноятӣ аз масъалаҳои мубрам дар кишварҳои пешрафта ба ҳисоб меравад. «Рушди усулҳои муосири коркарди иттилоот бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва фароҳам омадани дастрасии васеъ ба онҳо боис гардид, ки

иттилоот на танҳо дар соҳаҳои илм, таҳқиқот ва маориф, балки дар тамоми бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври густарда мавриди истифода қарор гирад» [120, с. 92-93].

Дар баробари вусъат пайдо кардани корбурди воситаҳои электронии ҳисоббарор на танҳо мушкилоти техникии зиёд ба миён омаданд, балки як қатор масъалаҳои ҳуқуқӣ низ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ зуҳур карданд. Ин масъала, ки барои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нисбатан нав ба шумор меравад, то кунун ҳалталаб боқӣ монда, дар шароити иттилоотикунонии босуръати ҷомеа бештар хусусияти идоранашавандаро касб менамояд. Аз рӯйи механизми содиршавӣ, усулҳои анҷом ва пинҳон намудани ҷиноятҳо дар самти дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот онҳо дорои хусусиятҳои хос мебошанд, ки дар таъхирнопазирии амал, сатҳи пасти ошкоршавӣ ва низоми мураккабии муайян онро метавон тавсиф намуд. Чунин хусусиятҳои кирдорҳои хавфноки ҷамъиятӣ то андозае мақомоти ҳифзи ҳуқукро, ки барои муқовимат бо ин зуҳуроти нави иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ омодагии кофӣ надоштанд, ба мушкилӣ рӯ ба рӯ сохт. Мавҷуд набудани тавсияҳои илмӣ ва амалии мукаммал дар мавриди ошкорсозӣ, коргузорӣ ва тафтиши ҷиноятҳои марбут ба иттилооти компютерӣ, инчунин маҳдуд будани донишу малакаи муфаттишон дар ин самт як қатор мушкилиҳоро дар ошкорсозии чунин ҷиноятҳо ба миён овардааст.

Таҷрибае, ки аллакай ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дорад, аз он шаҳодат медиҳад, ки нисбат ба таъсири он ҳама давлатҳо осебпазиранд, зеро он сарҳад надорад ва ҳар лаҳза метавонад ба низоми иттилоотии кишваре, ки дар ҳар нуқтаи курраи Замин ҷойгир аст, таъсири манфии худро расонад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ ҳам аз нигоҳи назария ва амалия дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ таваҷҷуҳи пажуҳишгарон ва

кормандони сохторҳои қудратиро ба худ ҷалб кардааст. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ ба таври умум дар асарҳои илмии ҳуқуқшиносонӣ ватанию хориҷӣ, аз ҷумла дар корҳои илмии В.А. Абдухамитов [150, с. 335], Н.Б. Азимзода ва З.А. Саидзода [109, с. 84-91], У.А. Азиззода [151, с. 414], Ю.М. Батурин [23, с. 160], И.Р. Бегишев [153, с. 204], С.Ю. Битко [156, с. 204], С.Д. Бражник [154, с. 189], Л.А. Букалерова [155, с. 574], В.В. Воробев [157, с. 201], К.Н. Евдокимов [162, с. 557], У.В. Зинина [164, с. 160], П.Н. Кобетс [126, с. 4-9], В.С. Комиссаров [84, с. 720], Н.А. Қудратов [169, с. 540], Ю.И. Ляпунов [130, с. 8-15], Д.Г. Малишенко [172, с. 166], З.Ҷ. Маҷидзода, А.Ғ. Холиқзода ва Р.С. Одиназода [65, с. 240], К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров [121, с. 229-236], Н.Ҷ. Назаров [66, с. 268], С.А. Пашин [52, с. 960], А.Э. Побегайло [77, с. 184], Л.Н. Попов [47, с. 496], М.А. Простосердов [81, с. 168], Д.В. Пучков [138, с. 382-390], Р.Ҳ. Раҳимзода [139, с. 4-11], Ҳ.С. Сафарзода, Ш.Т. Аҳёзода [141, с. 92-100], О.М. Сафонов [178, с. 222], Т.Г. Смирнов [180, с. 161], М.В. Старичков [183, с. 29], В.Г. Степанов-Егиянтс [184, с. 389], А.В. Суслопаров [187, с. 249], Т.Л. Тропин [188, с. 234], Т.Ш. Шарипов, Д.М. Давлатов, [143, с. 140-145], Ф.Р. Шарифзода [105, с. 267], Р.Ш. Шарофзода [144, с. 110-120], В.В. Челноков [191, с. 226], С.С. Ятимов [147, с. 204-216] ва дигарон ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Дар заминаи таҳқиқотҳои диссертатсионӣ, олимони зикр гардида тавонистаанд, паҳлуҳои гуногуни ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро, таҳқиқ намоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии назди кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади ин пажуҳиш таҳқиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ва дар асоси ин муайян кардани мундариҷа, мафҳум, низом ва асоснок намудани намуди нави ҷиноятҳо дар ҳудуди ин низом, махсусан баррасӣ, омӯзиш ва муқаррар кардани масоили мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот арзёбӣ гардидааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Ҷиҳати баҳраманд гардидан ба мақсадҳои ироа гардида ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

– пажуҳиши қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот;

– таҳқиқи мундариҷа, моҳият, мафҳум ва хусусиятҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ;

– омӯзиш, баррасии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷа оиди ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот;

– тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот;

– таҳқиқи тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот;

– омӯзиши нишонаҳои тарафи субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот.

**Объекти таҳқиқот.** Муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятие, ки бинобар ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ва ё таъсиррасонии ғайриқонунӣ ба иттилоот ба миён меоянд.

**Предмети таҳқиқот** – ин меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар онҳо иттилоот ҳамчун предмет ё васила баромад менамояд, ифода меёбад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)** нақшавӣ буда, макони таҳқиқот кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

мебошад. Давраи таҳқиқот солҳои 2023-2025-ро фаро мегирад, ки аз ду марҳила иборат аст.

Дар марҳилаи аввал (соли 2023) захираҳои илмию иттилоотӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ ба низом дароварда шуда, аз ҷониби Шурои олимон тасдиқ гардид.

Дар марҳалаи дуюм (нимаи дуюми солҳои 2023-2025) ҳадафу вазифаҳои гузоштащуда иҷро гардиданд. Доир ба мавзуи таҳқиқотӣ мақолаҳои илмӣ ба табъ расида диссертатсия омода карда шуд. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба расмият дароварда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи асарҳои назариявӣ ва таҷрибавии хусусияти амалӣ дошта дар соҳаи асосии назарияи ҳуқуқии ҷиноятӣ, вобаста ба мавзуи пажуҳишшаванда ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз қабили Л.А. Букалеров, Б.В. Волженкина, Л.Д. Гаухмана, И.А. Клепиского, В.Д. Ларичева, Н.А. Лопашенко, С.В. Максимова, Т.В. Пинкевич, Г.А. Русанова, Ю.И. Сучкова, М.В. Талан, А.А. Туришева, А.В. Федорова, А.И. Чучаева, А.В. Шулги, И.А. Юрченко, С.А. Яшкова Р.Ҳ. Раҳимзода, В.С. Савелев, А.И. Сафарзода, Д.А. Соколов, Н.С. Тагантсев, А.Н. Трайнин, А.Ғ. Холиқзода, А.И. Чучаев, Т.Ш. Шарипов, Ф.Р. Шарифзода, Р.Ш. Шарофзода, А.Қ. Назаров, Д. К. Давлатзода, П.С. Яни муҳиммияти бузурги назариявӣ доранд.

Пажуҳишгарони ироагардида ҷиҳати таҳлил намудани проблемаҳои содиршавии ин кирдори барои ҷамъият хавфнок ва муайян намудани шахсияти содиркунандаи он дар самти ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ шароити муосири доктриналӣ фароҳам овардаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқот методҳои диалектикӣ, ичунин барои ҳалли вазифаҳои гузоштащуда бо истифода аз равишҳо ва усулҳои институтсионалӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, оморӣ ва дигар методҳои умумӣ ва махсуси илмӣ, ки ҷониби илм таҳия ва дар амалия санҷида шудаанд, истифода шуданд.

Методҳои умумӣ-илмӣ имкон дод, ки омӯзиши нақши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, дар рушди ҷомеа ва таъсири онҳо ба ҷомеаи муосир, истифодаи бемавриди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ чӣ паёмадҳо дорад.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат, ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, аз қабили Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши зиёда аз 170 парванда аз бойгонии Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории расмии Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Ин таҳқиқот аввалин кори диссертатсионии мукаммал дар мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ба шумор рафта, он равиши нави консептуалиро барои арзёбии кирдорҳое пешниҳод мекунад, ки бо истифода аз технологияҳои гуногуни иттилоотӣ анҷом дода мешаванд. Дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ ва таҳлили маводи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ зарурати муайян кардани ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ҳамчун маҷмуи алоҳидаи кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ва ғайриқонунӣ, ки қаблан дар сатҳи қонунгузорӣ ва дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда нашудаанд, асоснок карда шудааст. Тавсифи муаллифи мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, пешниҳод гардида тавсияҳо оид ба такмили меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии амалкунанда дар самти ҷавобгарӣ барои содир намудани ин кирдори барои ҷамъият хавфнок пешниҳод гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**, дар як вақт навгонии тадқиқоти диссертатсиониро нишон медиҳанд.:

**1. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Раванди ташаккул ва такомули қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти танзими ҳуқуқии ҷиноятҳое, ки ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот марбутанд ва таҳлили муқоисавии намудҳои ҷазоҳоро вобаста ба ҷинояти мазкур бо дарназардошти хусусиятҳои фарқкунандаи ҳар як давра, шароити сиёсиву иҷтимоӣ ва сатҳи рушди технология, метавон ба марҳилаҳои зерин ҷудо намуд:

а) марҳилаи якум аз соли 1917 то соли 1961-ро фаро мегирад, ки намудҳои зерини ҷазоро аз ҷумла: маҳрум сохтан аз  озодӣ аз 7 то 15 сол, ҳукми қатл ва мусодираи молу мулк. Баъзе мавридҳо кирдор аз тарафи субъектҳои гуногун (аз ҷумла, субъекти махсус ва субъекти умумӣ) содир мешуд, вале  ҷазо барои ин гуна кирдорҳо як хел буд. Дар ҳамаи  онҳо тарафи объективӣ дар намуди кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, аз қабили ғайриқонунӣ гирифтан, нигоҳ доштан ё ифшои маълумоти дорои сирри давлатӣ ва ҳарбӣ пешбинӣ шуда буд;

б) марҳилаи дуюм аз соли 1998 то инҷониб, яъне бо қабул гардидани КҶ ҶТ соли 1998 ифода мегардад, зеро рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ ва фазои маҷозӣ таҳаввулоти босуръати шабакаи ҷаҳонии интернетро муқаррар карда, зарурати таваҷҷуҳи махсусро ба соҳа талаб намуд. Хусусиятҳои КҶ ҶТ соли 1998 дар он фода мегардад, ки он доира васеи муносибатҳои ҷамъиятиро аз қабили нусхабардории ғайриқонунии иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ё дар маҳзани мошинҳо мавҷуданд, ҳамчунин дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешаванд, фаро гирифта дар фарқият аз қонунгузории ҷиноятии замони шуравӣ бо объект, тарафи объективӣ ва субъект тарафи субъективӣ ва таъйини ҷазо тафовут дорад. Чунончӣ,  агар дар қонунгузории ҷиноятии давраи шуравӣ субъекти ин кирдори барои ҷамъият хавфнок ҳамчун шахси умумӣ ва махсус пешбинӣ шуда бошад, пас дар қонунгузории ҷиноятии муосири кишвар

субъекти ин ҷиноят ҳамчун шахси мукаллафе муайян гардидааст, ки ба синни 16-солагӣ расидааст;

в) аз таҳлили муқоисавии намудҳои ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда ва ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ бармеояд, ки ин ҷазоҳо аз назари моҳият ва тарзи амалкард тафовути ҷиддӣ надоранд. Дар қонунгузории ҷиноятии Озарбойҷон ва Фаронса намудҳои гуногуни ҷазо, аз ҷумла ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ, пешбинӣ шудаанд. Баръакс, дар қонунгузории ҷиноятии Белгия танҳо ду навъи ҷазо: ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар гардидааст. Қонунгузории ҷиноятии Италия ва Туркманистон маҳрум сохтан аз озодиро бо муҳлати то се сол дар бар мегирад. Дар қонунгузории кишварҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Беларус ва Украина низ барои чунин ҷиноят ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун ҷазоҳои асосӣ пешбинӣ шудаанд;

г) дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои Германия, Франсия ва дигар мамлакатҳои аврупоӣ, элементҳои таркибии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар фаслҳои (бобҳои) гуногуни Кодекси ҷиноятӣ ҷойгир шудаанд. Дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ (масалан, Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Узбекистон, Қазоқистогн ва ғ.), бошад ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ дар як боб муттаҳид карда шудаанд.

2. Дар асоси таҳлили диспозитсияи моддаи 301 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳуми зерини ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот пешниҳод гардидааст: «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот – ин гирифтани иттилоот бе ризоияти шахси истифодабарандаи он, ворид гардидан ба маълумоти махфӣ, ғайриқонунӣ дастрасӣ пайдо намудан ба системаҳо, додаҳо, барномаҳо ва иттилооте, ки дар хотираи воситаҳои гуногуни техникӣ маҳфузанд».

**2. Пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ:**

Таҳқиқи қонунгузории ҷиноятии амалкунанда муқаррар менамояд, ки вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот як қатор масъалаҳои баҳсталаб мавҷуданд. Ҷиҳати бартараф намудани онҳо аз тарафи муаллиф тавсияҳои зерини амалӣ ироа мегарданд:

1. Бо мақсади ҳифзи иттилоот ва пурзур намудани амнияти иттилооти дар шароити рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотии электронӣ пешниҳод менамоем, ки ба боби 20 «Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи алоқа ва истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ»-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароте ворид карда шавад, ки ҷавобгарии маъмуриро барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, ки боиси расонидани зарари ҷиддӣ намегардад, пешбинӣ намояд. Ҳамзамон зарур аст, ки барои такроран содир кардани ин кирдор дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ ё расонидани заррар ба миқдори калон муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқи мақсад мебошад.

2. Исбот гардидааст, ки истилоҳоте, ки дар моддаи 301 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст ба монандӣ, «нусхабардории қасдани ғайриқонунӣ» ва «бо дигар усули ғайриқонунӣ» ҳар ду як маъноро ифода мекунанд. Нусхабардории ғайриқонунӣ як усули ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумот мебошад. Пас дар алоҳидагӣ дар диспозитсияи модда пешбинӣ кардани он (нусхабардории ғайриқонунӣ) муҳим набуда дар ҷойи ин ду калима истифодаи калимаи «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» ба мақсад мувофиқ мебошад. Бинобар ин, хуб мешуд, ки дар диспозитсияи моддаи 301 КҶ ҶТ тағйирот ба таври зайл ворид карда шавад: Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти бо қонун ҳифзшавандае, ки дар ҳомили электронӣ нигоҳ дошта мешаванд, дар низоми иттилоотӣ маҳфузанд, ё тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ интиқол дода мешаванд, агар ин боиси вайронкунии назарраси ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд, ё ташкилот ва ё манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҷамъият, ё давлат гардидааст.

Аз ин рӯ, ҷиҳати мушаххас ва пурра намудани диспозитсияи м. 301 КҶ ҶТ мувофиқи мақсад аст, ки дар қисми 3-юми моддаи 301 КҶ ҶТ меъёрҳои алоҳида дар мазмуни зайл ифода карда шавад:

д) боиси нобудшавӣ ва ё басташавӣ, иттилоот гардида бошад;

е) аз ҷониби шахсе, ки аз мақоми хизматиаш истифода мебарад, ҳамзамон аз ҷониби шахсе, ки ба компютер ва технологияҳои гуногунӣ иттилоотию коммуникатсионӣ ё шабакаи онҳо дастрасӣ дошта бошад, содир шуда бошад;

Далелнокнамоии хулосаи муаллиф бо дарназардошти пажуҳиши кодексҳои ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва пасошуравӣ зарурияти ворид намудани меъёри алоҳида дар мазмуни зерин:

Моддаи 301 (1). Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, тавассути шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо

Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, тавассути шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасонионҳо, ки боиси халалдор гардидани тартиботи ҷамъиятӣ ва косташавии арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ мегардад,-

бо ... ҷазо дода мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои назариявиро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқӣ мамлакат аз ҷумла Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва судҳо метавонанд татбиқ гарданд. Илова бар ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати мукаммалгардонии фаъолияти субъектони махсуси муборизибаранда ба ин навъи кирдори

барои ҷамъият хавфнок дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ истифода бурда шавад. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар фаъолияти омӯзгорӣ барои таълими фанҳои таълимии «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ва «Криминология», ҳамзамон барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар» -и илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳанд буд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Маводҳои илмии таълифгардидаи муҳаққиқро омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи кишавр аз ҷумла дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия, дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи экспертизаи судӣ техникаи-компютерӣ ва видео-овозшиносии Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ (амалӣ) бо донишҷӯён, магистрантҳо ва аспирантҳо, ҳангоми такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода мебаранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи таҳқиқшуда ба шиносномаи ихтисоси илмӣ 5.5.8. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода ёфтааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ бевосита аз ҷониби муаллиф иҷро шудааст, дар доираи пажуҳиш мафҳумҳои асосӣ шарҳ дода шуда, тамоюлҳои нав ошкор карда шудаанд, роҳҳои ҳалли проблемаҳои мубрами дар ин самт ҷойдошта дар доираи муқаррароти илмӣ нишон дода шудаанд,

хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар интишороти илмии муаллиф аз рӯйи мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд. Муаллифи асарҳои зиёди илмию таълимӣ оид ба мавзуи интихобкардааш мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шуда, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои он муҳокима шуда, баъдан ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-019 назди ДМТ тавсия шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҳарсолаи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (амалӣ)-и устодон (ҳайати профессорону устодон) ва кормандони ДМТ (солҳои 2023-2025), инчунин хулосаву пешниҳодҳо дар конференсияҳои зерини байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маъруза ироа гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», 30-юмин солгарди қабули конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Соли маърифати ҳуқуқи эълон гардидани соли 2024 ва нақши д.и.ҳ., профессор Муллоев М.М. дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва криминология – маъруза дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятии ғайриқонуни даромадан ба иттилоот бо истифода аз Интернет» (шаҳри Душанбе, ДМТ, соли 2024);

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади олии ҳуқуқии кишвар» маъруза дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқии ҷиноятии мафҳуми ғайриқонунӣ бо даст овардани иттилоот» (шаҳри Бохтар, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 1 ноябри соли 2024);

– Конференсияи байналмилаии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», маъруза дар мавзуи «Дуздии онлайнии иттилоотӣ шахсӣ ҳамчун намуди нави ҷиноятҳое, ки тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ содир мешавад» (шаҳри Душанбе, ДМТ, 24 октябри соли 2024);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами маърифати ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: дастовард ва дурнамо, маъруза дар мавзуи «Ҷаҳонишавии проблемаҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» (шаҳри Кулоб, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2 ноябри соли 2024);

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ», маъруза дар мавзуи «Масъалаҳои криминологии пешгирии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» (шаҳри Душанбе, ДМТ, 6 декабри соли 2024).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида «25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо», маъруза дар мавзуи «Хусусиятҳо, оқибатҳо ва хатари терроризми иттилоотӣ ба амнияти миллӣ» (шаҳри Душанбе, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми майи соли 2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 9 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мавзуъ ва объектҳои таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса,

тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 195 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ - МУҚОИСАВИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИТТИЛООТ

## 1.1. Ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз лаҳзаи пайдоиши ҷамъияти инсонӣ, одамон ба талаботи робита бо ҳамдигар ниёз доранд. Робитаи ибтидоӣ (мубодилаи ахбор) бо имову ишорат, аломат, қиёфабозӣ ва овозҳои норавшан ба амал оварда мешуд ва оҳиста-оҳиста нутқи инсонӣ ба воситаи хат, чопи китоб ва монанди инҳо ба вуҷуд омад. Яъне таърихи истилоҳи «иттилоот» бо пайдоиши хат алоқаманд аст. Баъди пайдоиши хат шароит фароҳаи омад, ки донишро дар барандаи моддӣ мустаҳкам намуда, бо ҳамин тариқ онро аз истифодабаранда аз насл ба насл интиқол дод. Пас аз ташаккули хат падидаи нав, ихтироъ ва паҳншавии матбаа дар асри XV ва васеъ намудани дастрасии иттилоот ба омма тавассути паҳн кардани дониш ба вуҷуд омад. Ин дастовард ҷамъиятро ба таври куллӣ тағйир дода, барои қишри васеи аҳолӣ шароитҳои иловагиро фароҳам меорад. Ҳамзамон, дар охири қарни XIX ва аввали қарни XX бо ихтирои асбобҳои нави алоқа, мисли телеграф, телефон, радио ва телевизор, шароити интиқоли зуд ва дар ҳаҷми бузургии иттилоот фароҳам омад. Ин ихтироот имкон дод, ки тасвирҳои садоӣ ва визуалӣ ба масофаҳои дур фиристода шаванд. Дар асри XX воситаҳои алоқа, аз ҷумла телеграф, телефон, радио, телевизион ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба вуҷуд омада, ҳаёти мардумони сайёраро ба таври куллӣ тағйир доданд. Маълум аст, ки дар солҳои охир масъалаи ҷинояткорӣ дар соҳаи иттилоот аҳаммият ва мушаххасоти махсусро ба худ касб намудааст. Ин масъала дар кишварҳои мутараққии Ғарб дар нимаи дуюми солҳои 60 ва дар мамлакати мо дар ибтидои солҳои 80-90 пайдо шуда, алҳол пайваста ба инкишоф, вусъатёбӣ ва хатари аз ҳад зиёд майл дорад. Бояд ёдовар шуд, ки ҷорисозии технологияҳои гуногуни

иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон барои он шахсон, ки бо истифода аз технологияҳои муосир кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок содир мекунанд, нақши ниҳоят муҳим ва муассир дорад. «Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» бо роҳи даромадан ба ҳар кадом сирри ҳифзшаванда – ҳарбӣ, молиявӣ, техникаи компютериро барои намояндагони тоифаи ҷинояткор басо ҷолиб мегардонад. Хавфи ба ин амалҳо монанд боз ба он муайян карда мешавад, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК) оҳиста-оҳиста дар тамоми ҷаҳон ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётии инсонро фаро гирифта истодааст ва ба ҷинояткорон имкон медиҳад, ки раванди дар шаклҳои гуногун содир намудани кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки худро хеле вусъат диҳанд. Пажуҳишҳои анҷом дода шуда дар ин самт, асоснок намуд, ки назария ва амалия, тавсифи дақиқи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро кор карда набаромадааст. Дар навбати аввал ин бо тафовути қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҷиноятҳорӣ ба василаи ТИК шарҳ дода мешавад. Мувофиқи қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ҷиноятҳои дар соҳаи иттилоотӣ содиршаванда фаҳмида мешаванд, ки мақсади онҳо дастрасии ғайриқонуни ба иттилоот ва воситаҳои компютерӣ мебошанд. Мавзӯи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ хеле кам омӯхта шудааст. Инчунин қонунгузор ба меъёрҳо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот таваҷҷуҳи кам зоҳир менамояд.

Таҳаввулоти илмию техникии қарни XX андешаҳои инсониятро оиди олами атроф ба куллӣ тағйир дод. Дастовардҳои арзишманд дар соҳаи физика ва информатика ба ташаккули компютерҳо, телефонҳои мобилӣ ва дигар дастгоҳҳои баландтехнологӣ таконе доданд, ки ҷаҳони имрӯзаро бе онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҷараёни ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоот ба ҳаёти ҳаррӯза ба тағйироти сифатии муносибатҳои ҷомеа таъсир расонида, иттилоот аҳаммияти рӯзафзун пайдо

кард. Дар баробари мафҳуми арзиши бузурги иттилоот, зарурати ҳифзи он низ ба миён меояд.

Бо гузашти солҳо ва рушди ҷомеа, зарурати танзими қонунгузории муносибатҳои нав ба миён омад, ки ин бештар дар бахши ҳифзи иттилоот ва системаҳои иттилоотӣ таҷассум меёбад. Масъалаи ҳифзи маълумоти рақамӣ имрӯз яке аз масъалаҳои глобалӣ ва афзалиятноки ҷаҳон мебошад, зеро ҳар сол миқдори зиёди маблағҳо аз ҳисоби фурӯши ғайриқонунии маълумотҳои компютерӣ ба даст оварда мешавад. Ба мисоли кишварҳои пешрафта, дар ибтидои солҳои 90-ум Япония ва ИМА ба садҳо миллиард доллар зарари иқтисодӣ дучор шуданд, ки ин нишондиҳанда таҳлилталабмебошад.

Таърихи ин масала, дар асл, ба қадри ҳазорсола мерасад ва истифодаи асбобҳои автоматӣ барои коркарди маълумот дар тамаддунҳои қадимӣ, аз ҷумла Ҷопон, Чин ва Ҳиндустон, бо мақсади содасозии ҳисобу китоби маъмулӣ сурат мегирифт. Бо гузашти вақт, ихтироoти таҷҳизоти автоматӣ ва компютерӣ, ки олимони пешқадам чун Вилгелм Шикард ва Чарлз Бэббич пешниҳод кардаанд, заминаи рушд ва такмили системаҳои ҳисоббарорӣ гардиданд. Бо вуҷуди он ки ин дастгоҳҳо бо маҳдудиятҳои техникӣ рӯбарӯ буданд, онҳо барои фаҳмидани имкониятҳои автоматизатсия ва барномарезии ҳисобҳо нақши муҳим доштанд.

Дар асри XIX, таҷрибаи муҳандиси фаронсавӣ Ҷозеф Жаккар, ки бо истифода аз перфокартаҳо коркарди маълумотро автоматӣ сохт, яке аз қадамҳои муҳими тараққиёти технологияҳои иттилоотӣ ба шумор меравад. Ҳарчанд ки ин навоварӣ ба самаранокӣ ва тезонидани ҷараёнҳои истеҳсолот кумак расонд, ҳамзамон боиси тарс ва муқовимати касбӣ дар миёни коргарон гардид, ки ин амалро метавон аввалин намунаи муқовимати иҷтимоӣ ба технологияи нав ва ҳатто оғози қонуншиканӣ дар соҳаи кибер (киберҷиноят) маънидод кард.

Пешрафти технологияҳои компютерӣ дар охири асри XX боиси пайдоиши хатарҳои нав гардид. Масалан, вируси ARPAnet бо номи «кирмакон», ки соли 1988 таҳия шуда буд, нишон дод, ки низомҳои иттилоотӣ метавонанд осебпазир бошанд. Ин вирус бо паҳншавии худкор дар байни компютерҳои пайвастшуда низоми кории садҳо муассисаҳоро ба харобӣ кашид. Муаллифи ин вирус, Роберт Моррис, бо ин амали худ на танҳо ҷинояткорӣ, балки як намунаи нав дар ҷангҳои кибериро офарид, ки оқибатҳои ҷиддии ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дошт.

Аз ин рӯ, тағйироти иҷтимоӣ ва рушди технологӣ нишон медиҳанд, ки танзими қонунгузорӣ ва ҳифзи иттилоот дар ҷомеаҳои муосир бояд яке аз масъалаҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ бошад. Ин масъала ҳам ҷанбаҳои техникӣ, ҳам иҷтимоӣ ва ҳам ҳуқуқӣ дорад, ки барои пешгирӣ аз хатарҳои нав ва ҳифзи манфиатҳои давлат ва шаҳрвандон бояд бо ҳушёрӣ ва самаранокӣ баррасӣ ва идора карда шаванд.

Таърихи қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ва танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи технологияҳои иттилооти бо пайдоиш ва такмили компютерҳо ва интернети ҷаҳонӣ зич алоқаманд аст. Олимон оиди таърихи пайдоиши иттилоот андешаҳои гуногун доранд. Қисме бар он назаранд, ки таърихи шабакаи ҷаҳонӣ ва иттилоот бояд аз соли 1845  ва ҳатто 1958 оғоз гардид, иддае иброз медоранд, ки он соли 1969 аст ва иддае бар ин назаранд, ки он танҳо дар соли 1983 пайдо шудааст [146, с. 53-63]. Дар ин маврид як чиз дуруст аст – маҳз дар ҳамин солҳо муҳимтарин рӯйдодҳои таърихии иттилоотӣ ба вуқуъ пайваст.

Дар баъзе адабиётҳо яке аз аввалин ҷиноят дар самти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ин содир гардидани ҷиноят аз ҷониби Мушовири амнияти компютерии Бонки Миллии Амнияти Уқёнуси Ором Стэнлӣ Рифкин дар ИМА охири солҳои 70-уми қарни  гузашта буд ифода мегардад, ки асоси ворид намудани меъёри мушаххас ба қонунгузорӣ дар бораи ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот эътироф мегардад [173, с.

31]. Чунончӣ, Стэнлӣ Рифкин рамзеро, ки системаи бонкро дар Лос-Анҷелес назорат мекунад, ифшо кард ва ба суратҳисоби худ 10 миллион доллар интиқол медиҳад. Аммо бояд иброз намуд, ки меъёри ба ҳамин монанд ҳанӯз дар боби алоҳида, яъне «Ҷиноятҳо муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва хиёнат ба давлат»- и Кодекси ҷазои ҷиноятӣ ва ислоҳии Россия соли 1845 ҷавобгариро барои шахсони мансабдор ҷиҳати ифшои сирри давлатӣ ва маълумоти расмӣ дар моддаҳои 275-282 муқаррар намуда буд. Ҷолиб аст, ки дар диспозитсияҳои ин моддаҳо аломатҳои мушаххаси бандубастшаванда барои «сирри шахсони дигар» вуҷуд надоранд, зеро сирри давлатӣ ва маълумоти расмӣ ҳамчун ҷузъи таркибии якдигар ба ҳисоб меравад. Умуман вақте, ки сиррӣ давлатӣ ва иттилои расмӣ ғайриқонунӣ фош мегардад, мехоҳем намехоҳем сарфи назар аз шакли иттилоъ, иттилооти мақомоти системаҳои давлатии идоракунӣ вайрон мегардад. Яъне аз ин муқарраротӣ қонунгузорӣ бармеояд танҳо сирри давлатӣ ва маълумоти расмӣ зери ҳимояи қонунгузории ҷиноятӣ ва ислоҳии Россия (соли 1845) қарор гирифта буд.

Дар аввал, ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо ҳолатҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ба қонунҳои анъанавӣ оид ба дуздӣ такя мекарданд, зеро меъёри махсус бо мазмуни «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» ҳанӯз мавҷуд набуд. Аммо, ин равиш ва ё ин гуна баҳогузори ба кирдори содиршуда комилан мувофиқ набуд, зеро ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ба дуздӣ ҳеҷ рабте надорад. Натиҷаи омӯзиши адабиётҳои соҳавӣ нишон медиҳад, ки аз аввали асри XV то охири асри XX меъёри мушаххас вобаста ба «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» вуҷуд надошт. Ташаккули ҷавобгарӣ дар робита ба ҷиноятҳои баррасишуда маҳз бо пайдоиш, ихтироъ ва паҳншавии хат, матбаа, телеграф ва телефон иртиботи ногусастанӣ дорад.

«Пажуҳишҳои илмӣ исбот сохтаанд, ки марҳилаи ташаккули қонунгузорӣ ҷинояти ба таври умум дар ин самт, дар қаламрави собиқ ИҶШС, аз соли 1979 шуруъ мегардад, чунки маҳз дар ин сол дар давлати

Вилнюс дуздии 78.584 рубл ба қайд гирифта шуда, он ба феҳристи байналмилалии кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ворид карда шуд» [117, с. 69-79]. Ҷинояти содиргардида диққати ҷиддии мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва олимонро ба соҳаи ҳифзи иттилоот ҷалб намуда, ба тадқиқоти пуршиддати ин падидаро замина гузошт.

Дар моддаҳои 58 (ҷосусӣ) ва 60 (ифшои сирри давлатии бо қонун ҳифзшаванд)-и Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 [44, с. 342] бошад дар боби 2 «Ҷиноятҳои мансабӣ», меъёри мушаххасӣ монанд ба «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» бо мазмуни, «ҷавобгарӣ барои фиристодан ва ё ҷамъоварии маълумоти дорои сирри давлатидошта» ва «ифшои сирри хизматӣ» муқаррар гардида буд. Маълум мегардад, ки Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 мисли Кодекси ҷазои ҷиноятӣ ва ислоҳии Россия соли 1845 танҳо ба иттилоотӣ доро хусусияти сирри давлатидошта маҳдуд гардидааст.

Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1926 [90, с. 576] ба монанди Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 меъёри айнан монандро ба «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» муқаррар намудааст. Чунончӣ, моддаи 58-6 Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1926 барои интиқол, дуздӣ ё ҷамъоварии иттилои дорои сирри давлатӣ ё ҳарбӣ ба давлатҳои хориҷӣ ҷавобгарии ҷиноятиро ба муҳлати на камтар аз се сол маҳрум сохтан аз озодӣ ва дар ҳолатҳои махсусан вазнин бошад то мусодираи молу мулк муқаррар карда буд.

Агар ба ташаккули қонунгузории ҷиноятии ИҶШС вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот диққат диҳем заминаи назариявию ҳуқуқии он бо баробари қабул гардидани Кодекси ҷиноятии ИҶШС ва Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон асос ёфтааст. Новобаста ба таҳаввулоти мазкур меъёри мушаххас вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ҷой надошт. То қабули нахустин Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии ИҶШС амал мекард, аммо пажуҳиши гузаронидашуда вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани

иттилоот шаҳодат аз он додаанд, ки дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, соли 1935 муқаррароти мушаххас дар бораи ин кирдори барои ҷамъият хавфнок, пешбинӣ нагардидааст.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶШС Тоҷикистон), ки бо Қарори Президиуми КМИ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон 9 майи соли 1935 қабул шуда, аз 15 июни ҳамон сол дар ҳудуди ҷумҳурӣ қувваи амалкард пайдо намуд, давраи муҳимми рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад [69, с. 122]. Ин нахустин Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон буда, нақш ва аҳаммияти асосӣ дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятӣ дорад. Бо вуҷуди ин, дар КҶ ҶШС Тоҷикистон аз 15 июни соли 1935, тавре ки зикр шуд, меъёри махсус дар бораи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот вуҷуд надошт. Вале баъди қабули Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 меъёри мушаххасу монанд, ба ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот, дар мазмуни зайл, «ғайриқонунӣ гирифтан, нигоҳ доштан ё ифшои маъ лумоти дорои сирри давлатӣ» пешбинӣ гардид. Яъне пас аз қабул гардидани ин кодекс «ҷамъоварӣ, гирифтан, дуздидан, интиқол додан ё нигоҳ доштани маълумоти дорои сирри давлатӣ бо мақсади додани онҳо ба давлати хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ ё намояндагони онҳо» хусусияти меъёриро касб намуда, барои содир намудани он ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озоди ва мусодираи молу мулк муқаррар гардида буд.

Бо дарназарошти ташаккул ва дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ, 17 августи соли 1961 Қонуни ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон қабул шуда, аз 1 декабри соли 1961 ба иҷро гузошта шуд. Қонуни мазкур бар асоси принсипҳо ва муқаррароти умумии Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки 25 декабри соли 1958 қабул гардида буд, таҳия шудааст.

Ин масъалаи муҳим ҳамеша мадди назари олимон буда [68, с. 13], бо гузашти вақт меъёрҳои он такмил ёфтаанд, ки он баҳри беҳбудии вазъи ҳуқуқии ҷомеа замина фароҳам меорад.

Дар ҷараёни таҳияи Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 масъалаҳои мубрами таҷрибаи амалияи судӣ ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба инобат гирифта шуданд. Ба қонунгузории ватанӣ муяссар гардид, ки иштибоҳоту камбудиҳои мавҷудро рафъ сохта, низоми мутавозини муайянсозии муқарраноту меъёрҳои навро бо дарназардошти ташаккули ҷомеа эҷод намояд. Вале таҳлили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ҳам шаҳодат аз он додаанд, ки масъалаи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот хусусияти меъёриро касб накардааст. Ҳатто дар тамоми давраи амали Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961), ки Мувофиқи Указ Президиуми Суди Олии ССР аз 3 декабри соли 1982, тағйиротҳо ворид гардиаанд, вобаста ба масъалаи баррасишаванда тавваҷуҳ зоҳир нагардид.

Аммо мисли дигар қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои собиқ шуравӣ ва Кодексҳои ҷиноятии ҶШФСР солҳои 1922, 1926 ва Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1935, Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 меъёрҳои ҳаммонандро дар моддаҳои 65 (ҷосусӣ), яъне интиқол ё ҷамъоварӣ кардани маълумоти дорои сирри давлатӣ ё ҳарбӣ ба давлатҳои хориҷӣ, ки аз ҷониби субъектони махсус анҷом дода мешуд ҷавобгарии ҷиноятиро бо маҳрум сохтан  аз озодӣ ба муҳлати аз 7 то 15 сол ё ҳукми қатл пешбинӣ намуда буд [99, с. 33].

Бо вуҷуди он, ки дар ҳамаи Кодексҳои ҷиноятии ҶШФСР солҳои 1922 ва 1926, Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935  ва КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961, сарфи назар аз он ки меъёрҳои ҳаммонанд дар бораи ғариқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар моддаҳои алоҳида ҷойгир бошанд ҳам, вале мазмуни онҳо аз якдигар фарқият надорад. Дар ҳамаи  онҳо тарафи объективӣ дар намуди кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, аз қабили дуздидан, интиқол додан ё нигоҳ доштани иттилои дорои сирри давлатӣ бо мақсади додани онҳо ба давлати хориҷӣ, пешбинӣ шуда буд.

Таърихи ташаккули ҷавобгарии ҷинояти оид ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот аз солиҳои 1845, 1922, 1926, 1935 ва 1961 аз он шаҳодат додаанд, ки чи гуна меъёрҳои санадҳои зикршуда ва низоми меъёрҳои дахлдор тадриҷан давра ба давра васеъ гардидаанд. Онҳо вобаста ба намуди иттилоот ва объекти таҷовуз, ки бо намуди мушаххаси иттилоот пешакӣ муайян карда шудаанд, тафовут доштанд. Дар ин замина, бо гузашти солҳо, асосҳои таърихии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои ҷиноятӣ тадриҷан дар қонунгузории ҷиноятии муосири Тоҷикистон ташаккул ёфтанд. Яке аз омилҳои калидии ин раванд қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1998 ба шумор меравад, ки он ҳамчун заминаи ҳуқуқии танзими масъулият барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот хизмат мекунад.

Рушди рӯзафзуни технологияҳои иттилоотӣ ва васеъ гардидани фазои маҷозӣ боиси тағйироти ҷиддӣ дар шабакаи ҷаҳонии интернет гардиданд. Ин ҳолат зарурати таваҷҷуҳи махсусро аз ҷониби давлат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳамчунин ҷомеаи илмӣ ба масъалаҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ ва танзими ҳуқуқии он ба миён овард.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1998 қабул гардидааст, дар заминаи рушди технологияҳои иттилоотӣ ва паҳншавии киберфаъолиятҳо, як қадами муҳим дар таъмини амнияти иттилоотии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар боби 28-и ин кодекс – «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» қонунгузор ҷиноятҳое, ки ба воситаи технологияи компютерӣ анҷом дода мешаванд, мушаххас ва ба таври муфассал муайян кардааст.

Аз ҷумла, моддаи 298 воридшавии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютериро ҷиноят арзёбӣ мекунад, ки ин амал метавонад ба махфият ва дахолатнопазирии маълумоти электронии шахс ё ташкилот осеб расонад; дар моддаи 299 тағйир додани иттилооти компютерӣ ҳамчун амали барқасдона дониста мешавад, ки ба эътимоднокӣ ва саҳеҳии маълумот халал ба миён меорад; моддаи 300 таҳриби компютериро дар бар мегирад,

ки дар замони муосир метавонад боиси вайрон шудани системаи иттилоотии муассисаҳои калидӣ гардад.

Ҳамзамон, моддаи 301 КҶ ҶТ ба даст овардани ғайриқонунии иттилооти компютериро манъ намуда, ба ҳифзи маълумоти махфӣ ва шахсӣ равона шудааст. Моддаи 302 КҶ ҶТ ба масъаларо дар самти истифодаи воситаҳои махсус барои воридшавии ғайриқонунӣ ба шабака ё системаи компютерӣ мепардозад, ки як зинаи омодагӣ ба киберҷиноят арзёбӣ мегардад. Дар ҳамин замина, моддаи 303 КҶ ҶТ таҳия, паҳн ва истифодаи нармафзори зарароварро ҷиноят мешуморад, ки имрӯз бо афзоиши вирусҳо, троянҳо ва дигар воситаҳои деструктивӣ хеле муҳим мебошад. Ниҳоят, моддаи 304 КҶ ҶТ вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютериро ҳамчун ҷиноят баррасӣ мекунад, ки ин модда бештар ба масъалаҳои танзими фаъолият дар доираи иҷозатнома ва талаботи техникӣ дахл дорад.

Хусусияти муҳим ва муосири моддаҳои номбурда дар он ифода меёбад, ки онҳо танҳо бо зикри кирдор маҳдуд намешаванд, балки оқибатҳои ичтимоии ин ҷиноятҳоро низ ба назар мегиранд, яъне қонун на танҳо амали ғайриқонуниро, балки натиҷаи эҳтимолии онро, ки метавонад боиси нобудсозӣ, баста шудан, таҳриф ё нусхабардории иттилооти компютерӣ гардад, ҳамчун унсурҳои зарурии таркиби ҷиноят мешиносад.

Таҳлили ин моддаҳо нишон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон кӯшиш кардааст, ки ба таҳдидҳои ҷаҳони рақамӣ ҷавоби мушаххас ва ҳуқуқӣ диҳад. Бо ин роҳ, ҳифзи амнияти иттилоотӣ на танҳо як масъалаи техникӣ, балки як масъалаи муҳими ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ҳисобида мешавад.

«Даҳсолаи охири асри XX бо рушди босуръати технология ва махсусан технологияҳои иттилоотӣ тавсиф мешавад, ки онҳо метавонанд таъсири амиқ ба сохтори ҷомеаи муосир ва муносибатҳои дохили он дошта бошанд. Дар ин давра дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ раванди наве дар бахши шуғли аҳолӣ ба вуҷуд омад, зеро ҳоло зиёда аз нисфи аҳолии қобили меҳнат

ба соҳаҳое равона шудааст, ки бевосита бо қабули ва коркарди иттилоот марбутанд».

«Қайд намудан ба маврид аст, ки баъди дастрасӣ ба шабакаи ҷаҳонии Интернет ва компютеркунонии бо суръати мамлакат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи маълумотҳои Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин маротиб ин кирдор дар намуди тағйири иттилоот дар системаи ё шабакаи компютерӣ, ё дар махзани мошинҳо ва корношоям сохтани иттилооти компютерӣ ё барнома, соли 2008 ба қайд гирифта шудааст» [12]. Аз ин лиҳоз ҷиҳати муқовимати муассир бо ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ва содиршавии он таввассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар мамлакат чораҳои зарурӣ ва фаврӣ андешида шуда истодааст. Маврид ба зикри хос аст, ки «ҳанӯз дар ибтидои солҳои 2000-ум мо тавонистем, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор санадҳои муҳимро дар самти таъмини амнияти иттилоотии кишвар аз «дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот», ба тасвиб расонем: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооткунонӣ» аз 6-уми августи соли 2001 [5], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиллоот» аз 10-уми май соли 2002 [4], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2-юми декабри соли 2002 [8], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30-юми июли 2007 [3], Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25-уми марти соли 2011 [13], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» аз 3-юми декабри соли 2012 [6], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19-уми марти соли 2013 [7] ва якчанд консепсияҳо аз ҷумлаи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми ноябри соли 2003, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми марти соли 2008 қабул гардидаанд».

Қабули чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бевосита аз он шаҳодат медиҳад, ки муқовимати муассир бо ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот на танҳо ҷузъи асосӣ ва сиёсати давлатии кишвар дониста мешаванд, балки зарурати дар сатҳи зарурӣ ва мутобиқ ба воқеиятҳои дунёи муосир ба роҳ мондани раванди амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ ифода мегардад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «дар самти муқовимати муассир бо ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот қабул шудаанд, заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии бунёд ва рушди муқовимат бо ҷиноятӣ мазкурро ташкил медиҳанд». Аз як тараф, бунёди ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ барои инкишофи технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ, «дастрасии иттилоот, амалӣ гардидани ҳуқуқи инсон ба иттилоот, ба захираҳои иттилоотӣ, фаъолияти ҳукумати электронӣ, хизмати иттилоотӣ, рушди алоқа, таъмини сифати таҳсилот ва ғайра аҳаммият дорад». Аз тарафи дигар, бо баробари инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ҷомеаи муосир бо хатарҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ, аз қабили ҷанги иттилоотӣ (таъсиррасонии мақсадноки иттилоотии идеологӣ ва психологӣ ба шууру фаъолияти одамон бо мақсади тағйири сохти конститутсионӣ ва ғайра), кибертерроризм, киберҷиноятҳо, ҳамлаҳои киберӣ ба системаҳои иттилоотӣ, ташвиқоти террористӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, тарғиби идеологияи террористиву экстремистӣ, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ бо мақсади ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафи ташкилотҳои террористӣ ва дигар дучор гардид.

Дар натиҷаи таҳқиқӣ, ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, чунин хулосабарори намудан мувофқи мақсад аст:

1. Таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот давраҳои тулониро фаро намегирад, зеро содиршавии он ба ташаккули технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ вобастагии зиёд дорад аз ин лиҳоз метавон ташаккули қонунгузории ҷиноятиро дар ин самт маҳз аз соли 1917 бо

муқаррар гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои интиқол додан ё нигоҳ доштани иттилои дорои сирри давлатӣ бо мақсади додани онҳо ба давлатӣ хориҷӣ, ишора намуд.

2. Хусусиятҳои қонунгузории ҷиноятиро вобаста ба танзими ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ба 2 марҳила ҷудо намудан мумкин аст:

– марҳилаи якум аз соли 1917 то соли 1961-ро фаро мегирад, ки намудҳои зерини ҷазоро аз ҷумла: маҳрум сохтан аз озодӣ аз 7 то 15 сол, ҳукми қатл ва мусодираи молу мулк. Баъзе мавридҳо кирдор аз тарафи субъектҳои гуногун (аз ҷумла, субъекти махсус ва субъекти умумӣ) содир мешуд, вале ҷазо барои ин гуна кирдорҳо як хел буд. Дар ҳамаи онҳо тарафи объективӣ дар намуди кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, аз қабили ғайриқонунӣ гирифтан, нигоҳ доштан ё ифшои маълумоти дорои сирри давлатӣ, пешбинӣ шуда буд.

– марҳилаи дуюм аз соли 1998 то инҷониб, яъне бо қабул гардидани КҶ ҶТ соли 1998 ифода мегардад, зеро рушди «босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ ва фазои маҷозӣ таҳаввулоти босуръати шабакаи ҷаҳонии интернетро муқаррар карда, зарурати таваҷҷуҳи» махсусро ба соҳа талаб намуд. Хусусиятҳои КҶ ҶТ соли 1998 дар он фода мегардад, ки он доира васеи муносибатҳои ҷамъиятиро аз қабили «нусхабардории ғайриқонунӣ ё бо дигар усули ғайриқонунӣ бо даст овардани иттилоот, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ё дар маҳзани мошинҳо мавҷуданд, ҳамчунин дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешаванд», фаро гирифта дар фарқият аз қонунгузории ҷиноятии замони шуравӣ бо объект, тарафи объективӣ ва субъект тарафи субъективӣ ва таъйини ҷазо тафовут дорад. Чунончӣ, агар қонунгузории ҷиноятии замонӣ шуравӣ субъекти ин кирдори барои ҷамъият хавфнокро умумӣ ва махсус муқаррар карда буд, пас дар қонунгузории ҷиноятии замони муосир субъекти ин ҷиноят шахси мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида ба ҳисоб меравад.

3. Қариб дар ҳамаи Кодексҳои ҷиноятии ҶШФСР солҳои 1922 ва 1926, Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 ва КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961, сарфи назар аз он ки меъёрҳои ҳаммонанд дар бораи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар моддаҳои алоҳида ҷойгир бошанд ҳам, вале мазмуни онҳо кариб, ки аз якдигар тафовут надорад. Дар ҳамаи онҳо тарафи объективӣ дар намуди дуздидан, интиқол додан ё нигоҳ доштани иттилои дорои сирри давлатӣ бо мақсади додани онҳо ба давлати хориҷӣ, пешбинӣ шуда буд.

4. Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) ва КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ҳамчун таркиби ҷиноят мавҷуд набуд. Вале бо ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ дар мамлакат меъёре, ки ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилотро муқаррар менамояд дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 ворид гардид.

### 1.2.Мафҳум ва хусусиятҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот

Аз сабаби рушди босуръат ва густариши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ қонуншиканиҳои ҷиноятӣ шаклҳои нав ва муосир пайдо мекунанд. Ҳамзамон, шумораи амалҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи дастрасӣ ба иттилоот афзоиш меёбад ва усулҳои нави анҷоми онҳо роҳандозӣ карда мешаванд. Аммо сатҳи баланд дар ошкор нашудан ва камбудии ошкорсозии чунин ҷиноятҳо сабаб мегардад, ки на ҳамаи гунаҳкорон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд.

Фарохшавии кирдорҳои бо «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» алоқаманд аз фарҳангӣ ҳуқуқии қишри ҷомеа алоқамандӣ дошта, субъектони таъминкунандаи амнияти иттилоотиро уҳдадор мекунад, ки баҳри ин падидаи номатлуб муқовимати заруриро роҳандозӣ намоянд.

Иттилоот дар раванди ташаккули ҷомеаи муосир накши муҳим дошта, арзиш ва нақши «захираҳои иттилоотӣ бо сабаби фарқиятҳои сифатӣ

нисбат ба дигар захираҳои табиӣ, ашёи хом» ва энергетика ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Иттилоот чун захираи зеҳниву фарҳангӣ воситаест, инсоният онро сарф намекунад, балки тамоми умр ҳамчун дастоварди инсонӣ ҷамъоварӣ мекунад. Коршиносон бар он назаранд, ки то миёнаҳои асри XXI захираҳои иттилоотӣ ба сарвати миллӣ табдил ёфта, самаранокии истифодаи онҳо нақши калидиро дар қудрати иқтисодии кишвар хоҳад дошт.

Бо вусъати истифодаи техникаи электронии ҳисоббарор на танҳо мушкилоти техникӣ, балки масъалаҳои ҳуқуқӣ низ ба миён омаданд. Ин масъала, ки барои қонунгузории кишвар падидаи нав мебошад, ҳоло ҳалли мушаххаси худро надорад ва бо иттилоотӣ шудани ҷомеа чунин раванди мураккабнизом хусусияти тезутундиро касб менамояд. Бояд ёдовар шавем, ки аз лиҳози механизми амал, усулҳои содир ва пинҳон кардани дастрасии ғайриқонуни иттилоот «хусусиятҳои муайян доранд, ки аз ҷумла сатҳи баланди таъхирнопазирӣ ва паст будани ошкоршавиро дар бар мегиранд. Намуди зоҳирии чунин кирдорҳои хатарнок ба ҷомеа мақомоти ҳифзи ҳуқуқро, ки барои муқобила бо ин падидаи нави иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ» омодагии кофӣ надоранд, ба коркард ва роҳандозии усулҳои нав водор сохтааст. Ин ҳолат асосан бо сабаби набудани тавсияҳои илмӣ ва амалии мукаммал оид ба ошкорсозӣ, ҳуҷҷатгузорӣ ва тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи иттилоот ва низоми таълими дахлдори муфаттишон маҳдуд шудааст ва ин омил ҳангоми мубориза бо чунин ҷиноятҳо мушкилиҳои ҳалталабро ба миён овардааст.

«Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи аввали худ давлатро ҳамчун як сохтори ҳуқуқмеҳвар муайян намудааст, ки мақсади аслиаш таъмин кардани тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа ва мубориза бо ҷиноияткорӣ ба ҳисоб меравад. Дар даврони инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва дигаргуниҳои навини ҷаҳонӣ, зарурати ислоҳ ва такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар бахши амнияти иттилоотӣ ба яке аз самтҳои муҳими илми ҳуқуқ ва амалиёти он табдил ёфтааст».

Илова бар санади асосии кишвар – Конститутсия, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ барои танзими ин раванд вуҷуд доранд. Аз ҷумла, моддаи 301-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулиятро барои гирифтани иттилоот бо роҳҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла нусхабардорӣ ё дигар воситаҳои ғайриқонунӣ аз системаҳои компютерӣ ва захирагоҳҳои иттилоотӣ, инчунин гирифтани маълумот тавассути шабакаҳои иртиботии компютерӣ, пешбинӣ намудааст.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», зери мафҳуми ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, ҳуқуқи ҳар як шаҳрванди кишвар дар мавриди ҷустуҷӯ ва дарёфти озодонаи маълумот аз мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳое, ки аз ҷониби давлат бо ваколатҳои идоракунӣ муҷаҳҳаз шудаанд, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар сатҳи шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони мансабдори дорои иттилооти қонунии марбут, фаҳмида мешавад. Бо вуҷуди ин, масъалаи ҳифзи иттилооте, ки расман дастрас ва қонунӣ дар ихтиёри шаҳрвандон қарор мегирад, дар шароити кунунии рушди технологияҳои рақамӣ бо монеаҳо ва хатарҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудааст.

«Ҳоло масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ва технологияи компютерӣ, хусусан танзими ҳуқуқии он тавассути қонунгузории ҷиноятӣ, аҳаммияти хос пайдо кардааст ва дар миёни давлатҳои пешрафта яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ» ба шумор меравад. Пайдоиши усулҳои нави коркарди маълумот бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии электронӣ, инчунин густариши воситаҳои гуногуни рақамӣ, шароити мусоид фароҳам овардааст, ки ин захираҳо дар баробари истифодаи онҳо дар илм, таҳқиқот ва маориф, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ васеъ ба кор бурда шаванд.

Олимони соҳа мубрамӣ ва таъсиргузор будани ин равандро дар даврони муосир қайд намуда, роҳандозии барномаҳои мукаммал ва

чорабиниҳои самарабхшро дар ин самт аз шартҳои муҳими пешгирии омилҳои манфӣ дар ин самт мешуморанд [120, с. 92-93].

Қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар ин шароит, бояд ҳимояи саривақтӣ ва судмандӣ манфиатҳои ҷамъиятиро дар самти амнияти иттилооти ва ҳифзи он таъмин намояд.

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти соҳавӣ вобаста ба масоили мафҳуми ғайриқонунӣ бо даст овардани иттилоот, андешаҳои гуногун мавҷуданд, вале то ба имрӯз ягон ақидаи умумиэътирофгашта вуҷуд надорад, вале баҳсу мунозираҳои гуногун миёни олимон дида мешавад.

Лозим ба таъкид аст, ки калимаҳои ғайриқонунӣ бо даст овардани иттилоот дар пажуҳишҳои гуногуни илмӣ ба таври омехтаю гуногун шарҳ дода шудааст [25, с. 672], [29, с. 208], [31, с. 182]. Вале таҳқиқи адабиётҳои илмии соҳавӣ аз он шаҳодат дод, ки пуррраю фарогирандатар ин ибораи «ғайриқонунӣ бо даст овардани иттилоот» мебошад, зеро ин ибора пурра ҳама он муносибаҳоеро, ки ба ғайриқонунӣ бо даст овардани иттилоот раб доранд дарбаргиранда аст.

Иттилоот истилоҳи нисбатан фарох буда, охири қарни гузашта устуворона ба таркиби луғавии забони муосири тоҷикӣ, ҳамчун синоними калимаи байналмилалии «информатсия» дохил гардидааст ва дар луғат иттилооти калимаи арабӣ ба мазмуни (ар. اطلاعات - хабар, ахбор) маънидод гардидааст [203]. Дар асл иттилоотро бо тарзҳои шифоҳиву хаттӣ, имову ишора ва ё ба воситаи аломатҳо расонидан мумкин аст. Аммо, новобаста ба шакли тасвир иттилоот ҳамеша маълумот оид ба ягон шахс, чиз ё ҳодиса аст. Вай ҳодисаҳои аллакай рӯйдода ё баъд рӯйдиҳандаро инъикос менамояд. Дар асоси талаботи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» зери мафҳуми «иттилоот»- маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо фаҳмида мешавад [4]. Дар ин замина Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 2 моддаи 23 муқаррар намудааст, ки дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва

паҳн кардани маълумот манъ аст [1]. Яъне бе огоҳ намудани шахси муайян, ғайриқонунӣ дар бораи ӯ иттилоъ ва гузашта аз ин иттилои беобрӯкунанда ҷамъ меоварад, дар ин ҳолат талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ишорагардида вайрон мешавад. Аз ин ҷиҳат, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, истифода ва паҳн намудани иттилоот дар бораи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахс ба тариқи ғайриқонунӣ, аз ҷумла бо истифода аз зӯрӣ, таҳдид ё вайрон кардани қонунгузорӣ, ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён меорад. Ҳоло иттилоот ҳамчун захираи пурқудрати моддӣ, ки аз захираҳои табиӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва дигар манбаъҳо арзишмандтар аст, пазируфта шудааст. Ба даст овардани ғайриқонии иттилоот метавонад ба молу мулк, ҳаёт ва саломатии одамон таҳдид кунад ва инчунин фаъолияти объектҳои инфрасохториро ба таври ҷиддӣ халалдор созад.

Масоили муҳиме, ки бояд мавриди таҳқиқ қарор гирад, ин мафҳуми «ғайриқонунӣ бо даст овардани иттилоот» ифода мегардад. Марбут ба ин мафҳум дар байни муҳаққиқон андешаҳои зиёд мавҷуд аст.

Ба ақидаи В.С. Карпов, мафҳуми «ғайриқонунии дастрасӣ ба иттилоот» на танҳо ҳолатеро дар бар мегирад, ки шахс умуман ҳуқуқи ҳуқуқии дарёфти маълумотро надорад, балки инчунин ҳолатеро низ дар назар дорад, ки шахси дорои чунин ҳуқуқ қоидаҳои муқarrаргардида ва тартиботи ҳуқуқиро риоя намекунад. Ин назари ҳуқуқшинос нишон медиҳад, ки хилофи тартиби муқарраршуда амал кардан, ҳатто аз ҷониби субъектҳои иҷозатдошта, метавонад боиси вайроншавии қонун гардад. Дар ин замина, ду ҳолати асосии ғайриқонуният ҷудо карда мешаванд: аввал – дастрасии шахсе, ки дорои иҷозати қонунӣ нест; дуюм – амалкарди шахсе, ки бо вуҷуди доштани ҳуқуқи умумӣ, тартиби махсуси муқарраршударо риоя намекунад ва талаботи ҳифзи иттилоотро нодида мегирад.

Ин таҳлил ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки дар низоми ҳуқуқии иттилоотӣ на танҳо мавҷудияти ҳуқуқ, балки тарзи истифодаи он низ аҳаммияти калидӣ дорад. [166, с. 87].

Ақидаи ирогардида нопурра маънидод мегардад, зеро ғайриқонунӣ бо даст овардани иттилоот ҳамзамон маҷмӯи омилҳоеро, ки барои фаъолияти муътадили муҳити иттилоотӣ хавфноканд, аз ҷумла нобудшавии иттилоот, тағйирёбии микдор ва мазмуни иттилоот, дастрасшавии иттилоот ба шахсони бегона ва ғайра шуда метавонанд.

Алоқаманд ба ин масоил як нуқтаи назари дигарро И.А. Клепиский пешниҳод намудааст, «ки дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот ин аз ҷониби шахс ба даст овардан ва истифодаи имконияти гирифтани иттилоот, ворид кардани он ё таъсир ба раванди коркарди иттилоот мебошад» [93, с. 353].

М.Ю. Двореский «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро ҳамчун - беиҷозат гирифтани иттилоот бе ризоияти шахси истифодабарандаи он ва ворид шудан ба маълумоти махфии компютер [160, с. 72], ба даст овардани имконият ҷиҳати шинос шудан бо маълумот ё ихтиёрдории он маънидод кардааст» [52, с. 560].

К.С. Скоромников бошад, «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро кирдори барои ҷамъият хавфноке шарҳ додааст, ки ба муқобили шабакаҳои интернети ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо нигаронида шуда, қисми тартиби муқарраршудаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки таҳия, истифода, тақсим ва ҳимояи ТИК-ии барқиро танзим мекунад» [142, с. 168].

Андешаҳои олимон В.С. Карпов, И.А. Клепиский, К.С. Скоромников ва М.Ю. Двореский нисбат ба мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани итттилоот нисбатан маҳдуд аст, зеро онҳо рушди бо суръати техногияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ ва шабакаю мессенҷерҳоро мадди назар кардаанд. Дар иртибот бо ин «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» -ро бояд ба ду маъни фаҳмид: техникӣ ва ҳуқуқӣ.

**Ба маънои техникӣ**- дастрасии бевосита ва ё мустақими ҷисмонии шахс ба иттилоотро дорад;

**Ба маънои ҳуқуқӣ** - мавҷудияти ҳуқуқи қабул ва истифодаи иттилоот, зеро таҳқиқи адабиётҳои соҳавӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки нафароне низ ҳастанд, ки бо истифода аз мавқеи мансабӣ ин кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир менамоянд. Яъне, шахсоне, ки бо асосҳои қонунӣ бо маъхазҳои иттилоотӣ кор мекунанд ё фаъолияти онро таъмин (хизматрасонӣ) менамоянд (барномасозон, кормандоне, ки ба хотираи ТИК-ии электронӣ маълумотҳоро ворид месозанд, дигар истифодабарандагон, инчунин маъмурони маъхазҳои маълумотдиҳӣ, муҳандисон, барқчиён ва мутахасиссон оид ба хизматрасонии техникӣ). Намунаи кирдори баррасишаванда ҳодисаи зерин шуда метавонад: корманди мақомоти корҳои дохилӣ, дар «Шаҳраки бехатар» - Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикисон фаъолият мекунад, вале ҳуқуқи воридшавӣ ба махзани иттилоот дар бораи ҷаримаҳоро надорад, рамзро бартараф (вайрон) намуда, вориди махзани иттилоот мегардад.

Бо дарназардошти андешаҳои зикршуда метавон хулосабарорӣ кард, ки ғайриқонунии ба даст овардани иттилоот маънои онро дорад, ки шахсон тахассуси махсус ва ваколати истифодаи иттилоотӣ надошта ҳамчун сирри давлатӣ ва ё сирри дигаре, ки қонун ҳифз мекунад ва он дар самти ҳифзи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ нигоҳ дошта мешавад, ба ин низом ба таври гайриқонунӣ ворид шуда, дар ин самт нобасомониро ба амал меоранд. Ин кирдор хусусияти ҳатмии таркиби ғайриқонунии ба даст овардани иттилоотро дорад ва ҳамчун кирдори барои ҷомеа хатарнок тавсиф карда мешавад. Қонунгузор онро ҳамчун амалҳои ғайриқонунӣ мешиносад, ки метавонанд дар шакли фаъолияти фаъол: ба мисли ба даст овардани ғайриқонунии иттилоот, ё дар шакли таъсиррасонии манфӣ, инчунин нобудсозӣ, бастан, тағйир додан, нусхабардорӣ ё вайрон кардани фаъолияти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, системаҳои компютерӣ ва шабакаҳои он сурат гиранд.

Инчунин, байни кирдори содиршуда ва оқибатҳои он робитаи сабабӣ вуҷуд дорад.

«Дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот ҳамчун амалест, ки бо истифода аз воситаҳои рақамӣ ва шабакаҳои компютерӣ барои дарёфт ва истифодаи маълумот бидуни иҷозати қонунӣ анҷом дода мешавад». Моддаи 301-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин кирдорҳоро ба се шакли алтернативӣ ҷудо мекунад: нусхабардории ғайриқонунӣ, ба даст овардани маълумот бо усулҳои дигар ва нигоҳ доштани иттилооте, ки тавассути алоқаи компютерӣ интиқол ёфтааст.

Дар ин маврид зарурати тафсири илмии мафҳуми **нусхабардории иттилоот** ба миён меояд. **Нусхабардории иттилоот** маънои кӯчонидани маълумот аз як воситаи нигоҳдорӣ ё системаи компютерӣ ба воситаи дигарро дорад, ки дар раванди он мундариҷаи аслии иттилоот бе ягон тағйирот ва таҳриф нигоҳ дошта мешавад. Ин амал метавонад дар шакли тарроҳии файлҳо, ҳуҷҷатҳо, маълумотномаҳо ё дигар намудҳои иттилоотӣ сурат гирад ва ҳадафи асосии он ба даст овардани нусхаи дақиқи иттилооти аслӣ мебошад.

Нусхабардорӣ метавонад ба воситаҳои гуногуни техникӣ анҷом дода шавад, мисли интиқоли маълумот тавассути дастгоҳҳои нигоҳдории маълумот, шабакаҳои компютерӣ ё дигар технологияҳои иттилоотӣ, ки имкон медиҳанд иттилоот бидуни тағйир ё таҳриф ба воситаи дигар интиқол ё нигоҳдорӣ карда шавад. Дар соҳаи ҳуқуқ нусхабардории иттилоот метавонад ҳамчун кирдори ғайриқонунии дастрасӣ ва истифодаи маълумот, агар бе иҷозати соҳибони ҳуқуқ ва бо риоя накардани талаботи қонун сурат гирад, маҳсуб шавад.

«Вобаста ба масоили мафҳуми нусхабардории иттилоот баҳсҳои зиёде миёни олимони соҳа мавҷуд аст. Масалан ба андешаи муҳаққиқи рус, С.А. Пашин таҷдиди иттилоотро аз нусхабардории иттилоот ба он мазмуне, ки ин меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ба ин мафҳум додааст, ҳангоми банду басти ҷиноят фарқ кардан лозим аст» [76, с. 10].

«С.А. Пашин, И. Клепиский ва А.Ю. Чупров бар он назаранд, ки ҳангоми нусхабардории иттилоот муҳим нест, ки ин амал бо истифода аз воситаҳои техникии шахсӣ сурат гирад ё дастӣ, мисли нусхабардорӣ аз дисплей; яъне, нусхабардорӣ метавонад бо ҳар шакли моддӣ анҷом дода шавад».

«Бояд қайд намуд, ки шиносоӣ бо иттилооти мавҷуда дар бахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) маънои дастрасӣ ба он маълумотро дорад, зеро пас аз дастрасӣ шахс бо иттилооте», ки аз ҷониби қонун ҳифз мешавад, шинос мегардад. Мафҳуми «дастрасӣ ба иттилоот» дар ин маврид ба тафсири васеъ ниёз дорад, зеро маҳз бо шинос шудан ва истифодаи иттилоот ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ таъмин мегарданд. «Аз ин рӯ, нусхабардории иттилоот бояд ҳамчун амали номусоид ва оқибатҳои манфии пешбининамудаи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ эътироф гардад, агар он дар доираи қонун ҳамчун нусхабардории беиҷозат маҳкум шуда бошад». «Дар асл, худи ҳифзи ҳуқуқии иттилоот аз он далолат медиҳад, ки ин маълумот ҳам аз дастрасии беиҷозат ва ҳам аз нусхабардории ғайриқонунӣ муҳофизат карда мешавад». Аз ин рӯ, агар далели ғайриқонунии ба даст овардани иттилоот ва нусхабардории он аз ҷониби қонун муайян ва муқаррар шуда бошад, пас ҳамаи аломатҳои тарафи объективии ҷинояти мазкур дар амали содиршуда мушоҳида мешавад ва шахс дар назди қонун ҷавобгар дониста мешавад.

Бо гузашти вақт доираи истифодаи чунин усулҳо васеъ мегардад. Яке аз усулҳои ғайриқонунии ба даст овардани иттилоот ин истифодаи роҳҳоест, ки ба таври расмӣ дар қонунгузорӣ муқаррар нашудаанд ва бо воситаҳои дигари техникию электронӣ амалӣ мегарданд. Ба чунин усулҳо метавон чоп кардан ё нусхабардории пинҳонии маълумот, ҷойгир намудани иттилоот дар шабакаи интернет ва баъдан боз ба даст овардани он, ворид шудан ба системаҳо бо истифодаи василаҳои пинҳоннамоӣ ва монанди инҳоро шомил кард. Интернет, ки ҳамчун фазои маҷозӣ дониста мешавад, муҳити доимӣ ва пайвастаи гардиши иттилоот мебошад ва маҳз

ҳамин хусусият имконият фароҳам меорад, ки маълумоти ҳифзшаванда ба таври ғайриқонунӣ паҳн ё ба даст оварда шавад.

Маъмулан, ғайриқонунӣ дастрас кардани иттилоот, ки дар системаҳои компютерӣ, шабакаҳои электронии ТИК ё махзани мошинҳо нигоҳдорӣ мешавад, одатан бо истифодаи номи шахси дигар (масалан, ворид шудан бо ҳисоби шахсии касе), тағйири суроғаҳои физикии дастгоҳҳо, истифодаи маълумоти боқимонда пас аз ҳалли мушкилоти система, тағйири нармафзор барои гирифтани дастрасии ғайримавқуъ ва ё насби таҷҳизоти махсус барои сабти иттилоот дар каналҳои интиқол, мисли клавиатурасабткунанда ё дастгоҳҳои шиносоии сигналҳо сурат мегирад.

Ин усулҳо на танҳо хусусияти техникӣ доранд, балки оқибатҳои хатарноки иҷтимоиро низ ба миён меоранд, зеро онҳо метавонанд ба махфияти шахсӣ, амнияти давлат ва фаъолияти инфрасохторҳои муҳими миллӣ зарари ҷиддӣ ворид намоянд. «Аз ин рӯ, ҳар як шакли ғайриқонунии ба даст овардани иттилоот, ки бо ин ё он воситаи ғайриқонунӣ амалӣ мешавад, бояд ҳамчун ҷинояти дорои дараҷаи баланди хавфнокӣ баҳогузорӣ шавад».

Ин амалҳо аз ҷониби «хакер» - ҳо анҷом дода мешаванд, ки «бо мақсади қаллобӣ ё зарар расонидан ба системаҳо ва шабакаҳои компютерӣ, аз ҷумла паҳн кардани вирусҳои компютерӣ, ба таври доимӣ дастрасии беиҷозат пайдо мекунанд».

«Ю.В. Добринин чунин мешуморад, ки «хакер» шахсе аст, ки компютерро хуб медонад ва барномаҳои хуб идора карда метавонад ва аз тарафи дигар барои ба даст овардани иттилоот ба системаҳои иттилоъдиҳи ғайриқонунӣ ворид мешавад» [196].

В. В. Воробев, баръакси назари Ю. В. Добринин, таъкид мекунад, ки мафҳуми ғайриқонунии дастрасӣ ба иттилоот танҳо ҳангоми ворид шудан мустақим ба маълумоти компютерӣ тавассути убур аз воситаҳои муҳофизат, рамзшиканӣ ё дигар роҳҳои техникии дастрасӣ татбиқ

мешавад. Ӯ таъкид мекунад, ки усулҳои таъсири беруна, мисли истифодаи мавҷҳои магнитӣ, зарбаҳои механикӣ ва дигар роҳҳои ҷисмонӣ, дар маънои ҳуқуқӣ дастрасии ғайриқонунии иттилооти компютериро ташкил намедиҳанд ва бештар ба вайронкунии амнияти техникию физикӣ тааллуқ доранд, на ба дастрасии мустақим ба маълумоти иттилоотӣ.

В.В. Воробев «андешаи худро бо он асоснок менамояд, ки усулҳои таъсиррасонӣ ба иттилоот ба махсусиятҳои дастрасӣ ба он (яъне тавассути таъсири беруна ба васоити, мавҷҳои магнитӣ, зарбаҳои механикӣ), ки мо онро воридшавӣ ба иттилоот муайян мекунем, мувофиқат намекунанд» [157, с. 88].

**Дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи ТИК-ии элекротӣ фиристода мешавад** маънои онро дорад, ки шахс ба маълумоте, ки ҳангоми ирсол тавассути воситаҳои электронӣ, масалан, почтаи электронӣ, паёмрасонҳои онлайн ё шабакаҳои компютерӣ аз ҷониби истифодабаранда ба шахси дигар равон мешавад, дастрасӣ пайдо мекунад. Ин амал, одатан, дар ҳолатҳое ба назар мерасад, ки иттилоот бе ризоияти истифодабаранда ё қабулкунандаи қонунӣ аз ҷониби шахси сеюм боздошт, сабт ё истифода мегардад. Агар шахсе иттилоотро, ки ба воситаи почтаи электронӣ ба суроғаи шахси дигар фиристода шудааст, бо роҳи пинҳонӣ ва бе иҷозат дастрас намояд, ин ҳолат ҳамчун доштани ғайриқонунии иттилоот маънидод мегардад. Ин гуна амал метавонад бо истифода аз барномаҳои шиносоӣ, дастгоҳҳои сабткунанда, дастрасӣ ба шабакаҳои мобилӣ ва дигар воситаҳои техникӣ анҷом дода шавад.

Бо вуҷуди ин, олимони соҳа дар робита ба механизм ва шаклҳои амалӣ гардидани ин амал назару таҳлили мухталиф пешниҳод кардаанд, дар адабиёти ҳуқуқӣ, масъалаи доштани иттилооти ирсолшуда тавассути ТИК ҳанӯз ҳам ба таври комил ва ҳамаҷониба таҳқиқ нашудааст. Таърифҳои мавҷуда аз рӯйи муносибати ҳуқуқӣ ва техникӣ фарқ мекунанд: баъзеҳо онро ҳамчун ҷузъи дастрасии ғайриқонунӣ ба ҳисоб мегиранд, гурӯҳи дигар онро ҳамчун ҷинояти алоҳидаи дахолат ба амнияти

иттилоотӣ арзёбӣ менамоянд. «Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар қонунгузорӣ ва таҳқиқоти илмӣ ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи бештар равона гардад».

«Масалан, олимон М.В. Богомолов, ва В. Наумов бар он андешаанд, ки асоси ғайри қонуни этироф намудани «дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи ТИК-ии электронӣ фиристода мешаванд», чун қоида, набудани иҷозати махсус (яъне санксия) аз мақомтҳои дахлдори ҳифзи ҳуқуқ мебошад» [24, с. 68], [208].

Дар асл, гирифтани иттилоот тавассути алоқаи компютерӣ, ё бо истифода аз воситаҳои техникӣ сабт ва тасҳеҳ кардани сигналҳои гуногун, ки дар каналҳои техникии алоқа паҳн мешаванд, ба иҷозати махсус ниёз дорад. Масалан, «моддаи 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва иртиботи шахсиро кафолат медиҳад, ба истисноI ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст». Ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи маълумот дар бораи ҳаёти шахсии инсон бидуни розигии ӯ манъ аст. Ин амал бе иҷозати шахс ҳуқуқшиканӣ ҳисоб мешавад

Як ҷанбаи муҳимми дигари муҳокимашаванда дар ин самт ба нишонаҳо ва хусусиятҳои ғайриқонунии ба даст овардани иттилоот дахл дорад. То замоне ки ин амал ҳамчун ҷиноят эътироф гардад, он бояд ба ҳамаи нишонаҳои таркиби ҷиноят мувофиқат кунад, яъне пеш аз ҳама, кирдор бояд хусусияти хавфнокӣ барои ҷамъият дошта бошад, яъне ба манфиатҳои аз ҷониби қонун ҳифзшаванда осеб расонад ё хатари воқеӣ ба миён орад. Илова бар ин, он бояд амали зиддиҳуқуқӣ ҳисоб шавад, яъне кирдоре ҳисобида шавад, ки иҷрояш тибқи қонун манъ шудааст. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо нисбати чунин кирдор бояд ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шуда, Кодекси ҷиноятӣ барои он навъи муайяни ҷазоро муқаррар карда бошад.

Ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот кирдорест, ки тамоми ин нишонаҳои ирогардидаро доро мебошад.

**Барои ҷамъият хавфнокии ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот.** «Пеш аз ҳама, барои ҷамъият хавфнокии ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот дар он ифода мегардад, ки дар натиҷаи он ба иттилооъ ва инфрасохтори муҳими иттилоотӣ», маъхазҳои маълумотдиҳи ё қоидаҳои дастрасшавии иттилооти ҳифзшаванда зарар дида, ҳатто хисороти бузурги молиявӣ мерасонад. Ҳамзамон дар заминаи он ирсоли иттилоот ба нишонии нодуруст, дохил кардани иттилооти нодуруст ва қасдан корношоям кардани каналҳои алоқа ва шабаҳои электронӣ ба вуқуъ меояд.

Хавфи ҷиддии иҷтимоии ба даст овардани ғайриқонунии иттилоот дар он аст, ки маълумотҳои дорои аҳаммияти шахсӣ ва давлатӣ, ки ба шиносоии шахс, вазъияти воқеӣ ва далелҳои муҳими ҳаёти ӯ марбутанд, метавонад бе иҷозат дар ихтиёри шахсони дигар қарор гирад. Ин ҳолат имкони таъсири манфӣ расонидан ба ҳаёти шахсӣ, обрӯ, амният ва дигар манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаро фароҳам месозад.

Иттилооти махфии дорои аҳаммияти стратегӣ дар бахши таҷҳизоти мудофиавӣ, дастгоҳҳои аэронавигатсионӣ ва дигар воситаҳои ҳассоси технологӣ дар ҳолати сӯиистифода метавонад боиси фалокатҳо, садамаҳо, зарари муҳити зист ва ҳатто таҳдид ба амнияти миллии кишвар гарданд. Оқибатҳои чунин кирдор метавонанд ҳаёт ва саломатии одамонро зери хатар гузошта, ба фаъолияти муътадили объектҳои инфрасохторӣ халал расонанд. Аз ин рӯ, чунин амал бояд ҳамчун ҷинояти дорои хатари баланди ҷамъиятӣ арзёбӣ гардад.

Ба андешаи олими ватанӣ «К.Д. Давлатзода барои ҷамъият хавфнокии ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот, дар он ифода мегардад, ки шабакаҳо ва системаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ зарари бузурги моддӣ мебинанд, садамаҳо дар корхонаҳои саноатии ба тариқи электронӣ идорашанда ба миён омада, асоси фарорасии дигар оқибатҳои вазнин мегарданд» [122, с. 117-122].

Андешаи зикргардида боиси ҷонибдорист, зеро дар натиҷаи ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот нестшавии файлҳо, нест кардани

системаи амалиётӣ, корношоям кардани сохторҳои хостинги додаҳо, вайрон кардани сохторҳои шабакавӣ, ғайриқонунӣ ҷамъ кардани маълумоти шахсӣ, тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ, қаллобӣ дар интернет ва бастани кори корбарон ба мушоҳида мерасад.

**Зиддиҳуқуқӣ будани ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот.** Албатта, ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот он гоҳ зиддиҳуқуқӣ буда метавонад, ки қонунгузории ҷиноятӣ таҳти татбиқи ҷазо манъ кардааст. Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот аз тарафи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ гардидааст. Зиддиҳуқуқӣ будани ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот ба ҷамъият хатари бузург дорад, ки дар бораи он мо дар боло қайд намудем. Ҷиноят эътироф кардани ҳар як кирдор аз лаҳзаи хавфнокии он барои ҷамъият пайдо мегардад ва зарурати объективии аз тарафи қонунгузории ҷиноятӣ манъ кардани он, яъне он ба миён меояд. Ҳамаи ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ, ки вобаста ба ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот сафарбар гардидаанд, ба амнияти давлатӣ зарари бузургро ба бор меоваранд. Хусусияти дигари зиддиҳуқуқӣ будани ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот дар он ифода меёбад, ки ҳуқуқи соҳиби иттилоот ба иттилооти мазкур вайрон гардида, ҳамзамон ба ӯ зарарӣ ҷиддӣ расонида мешавад, ё таҳдиди расонидани чунин зарар пеш меояд.

Маврид ба таъкид аст, ки шарҳи зиддиҳуқуқӣ дар қисми 1 моддаи 17 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас муқарар гардидааст. Дар ин асно зиддиҳуқуқӣ будани ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот барои ҷамъият хавфнокии онро ба қадри кофӣ дар худ инъикос менамояд. Баҳо додани барои ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот аз тарафи қонунгузории ҷиноятӣ барои эътироф кардани он ҳамчун ҷиноят асоси кофӣ шуда метавонад.

**Гунаҳгорона ифода ёфтани ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот.** Кодекси ҷиноятии мамлакат имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва дар ҳаракатшҳои шахс мавҷуд будани тамоми нишонаҳои кирдорро фақат

ҳангмии мавҷуд будани гуноҳ пешбинӣ мекунад. Дар иртибот ба ин мундариҷаи худ гуноҳ муносибати руҳии шахс нисбати кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааш ва оқибати он мебошад. Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ҳама вақт дар намуди қасд (равшантараш дар шакли қасди бевосита) содир мешавад. Заруририяти содир гардидани он дар намуди беэҳтиётӣ дар ягон ҳолат мавҷуд нест. Зеро шахси содиркунандаи он дидаю дониста бар хилофи талаботи қонунгузории зикршуда амал намуда, хоҳони фаро расидани он мебошад. Қасди содир шудани ин кирдори барои ҷомеа хатарнок дар он аст, ки ҷинояткор бо мақсади ба даст овардани молу мулк, ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти шахсӣ, таъқиби шахс, бастани иттилоот ва нобудсозии он ғарази шахсӣ дошта хоҳони фаро расидани оқибат аст. Чунончӣ як сокини 26-солаи шаҳри Турсунзода санаи 27 сентябри соли 2023 тахминан сотаҳои 18:30 дақиқа бо марди 34-солаи сокини шаҳри мазкур вохӯрда, аз ӯ барои дар сомонаҳои интернети паҳн накардани иттилоъӣ  шахсиаш ва расмҳои урёнаш маблағи 3000 сомонӣ талаб карда гирифтааст. Яъне дар ин ҳолат шахс ҳаракатҳои худро дарк менамояд ва хоҳони фаро расидани  он аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳо вобаста ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ шакл гирифта, хусусияти техногенӣ доранд. Масалан, дар замони ҳозир бе истифодаи ин технологияҳо системаи андозгузорӣ ғайриимкон аст. Бо ин сабаб, чунин муносибатҳо бояд бо қонунҳои ҷиноятӣ ҳифз шаванд ва қонунгузор барои ҷавобгӯӣ ба талаботи нав бо муқаррароти нави ҳуқуқи ҷиноятӣ чораҳо қабул намояд.

**Сазовори ҷазо будани ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот.**

«Ҷазо чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъин карда мешавад». «Он нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст, татбиқ мегардад (м. 46 КҶ ҶТ)  Танҳо кирдоре ҷиноят эътироф карда мешавад, ки КҶ ҶТ барои онҳо ҷазо ва дигар чораҳои маҷбуркунии хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятиро муқаррар кардааст».

Сазовори ҷазо бошад аз м. 9 КҶ ҶТ сарчашма мегирад, ки мутобиқи он ба шахси ҷиноятсодирнамуда бояд ҷазое таъин гардад ё чунин чораи дорои хусусияти ҳуқуқӣ-чиноятӣ раво дида шавад, ки бароиислоҳи ӯ ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав зарур ва кофӣ бошад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи ҷазоҳо зиёданд (м. 47 КҶ ҶТ). «Аммо ҳангоми таъини ҷазо суд принсипи фардикунондани ҷазоро ба асос гирифта, хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, яъне арзиши объектҳои бо қонун муҳофизатшаванда, сабабҳои содир намудани ҷиноят, тарзи амал, шахсияти гунаҳгор, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, фикру ақидаи ҷабрдидаро аз рӯйи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба назар мегирад». (қ. 3 м. 60 КҶ ҶТ) [2].

Ин ҳолатҳоро дар таҷриба зиёд метавон мушоҳида намуд, ки таҳлилу баррасии онҳо ба манфиати кор мебошад. Роҳи ғайриқонунии бадастории иттилоот омилҳои манфӣ дошта, оқибҳои пешгӯинашаванда низ дорад [215].

Қайд намудан ба маврид аст, ки агар мафҳуми «ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот» -ро дар доираи санадҳои байналмилалӣ ҷӯё шавем дар ин доира низ ин мафҳум ба таври гуногун шарҳ дода шудааст. Масалан, мафҳуми ҳуқуқии «ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот» якумин маротиба соли 1978 дар қонунгузории ҷиноятии ИМА пешбини гардидааст, ки мазмуни зайлро ифода менамуд, «ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот» - ҷамъоварии иттилоъ оид ба ҳаёти шахсӣ ба василаи барномаҳои махсуси иттилоотию коммуникатсионии электронӣ» [118, с. 156-161]. Дар баробари ин, бояд иброз намуд, ки мафҳуми нахустин баъд аз қонунгузории ҷиноятии ИМА соли 1978 «ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот» -танҳо соли 1983 дар Фаронса аз ҷониби гурӯҳи коршиносони Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди Созмони Милали Муттаҳид ба таври зайл дода шудааст: «ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот» -, ҳама намуди ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, ғайриахлоқии муқобили қонунгузорӣ

ҷиҳати таъсир расонидан ба коркарди автоматии додаҳо ва (ё) интиқоли иттилоот мебошад» [30, с. 256-273].

Мафҳуме, ки аз ҷониби муҳаққиқон ва коршиносони Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод шудааст, пас аз таърифи пешакии қонунгузории ИМА соли 1978 ифода ёфта, дуюмин таърифи ҳуқуқии ин ҷиноят ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, он пурра мафҳуми «ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот»-ро фаро намегирад, зеро чунин кирдор, ки барои ҷомеа хатарнок мебошад, на танҳо дастрасӣ ё ҷамъоварии ғайриқонунии иттилоот дар бораи ҳаёти шахсӣ тавассути нармафзорҳои махсуси электронӣ ва ё таъсири ғайриқонунӣ ба коркарди автоматии додаҳо ва (ё) интиқоли иттилоотро дар бар мегирад, балки инчунин бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии моҳворавӣ, электронии ва таҷҳизоти ёрирасони онҳо содир гардида, ба зарарҳои гуногуни моддӣ ва маънавӣ оварда мерасонад.

Дар иртибот ба ин дар симпозиуми байналмилалие, ки дар заминаи Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи мубориза бо «ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот» -пайваста баргузор мегардид, пажуҳишгарону ихтисосмандони ин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ ду таърифи мафҳуми «ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот» -ро ба маънои маҳдуд ва фаррох ироа намудаанд:

1) «ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот» ба корбурди маҳдуд-ҳамаи ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, ки ба василаи амалиёти электронӣ хотима ёфта, мақсади он аз кор баровардани системаҳои иттилоъдиҳӣ ва истифодаи иттилоъӣ дар хотираи ин системаҳо мавҷуда мебошад.

2) «ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот» ба корбурди фарох - ҳамаи ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, ки ба воситаи компютерҳо, системаҳои иттилоотию коммуникатсионии барқӣ ё шабакаҳо, бахусус нигоҳдории ғайриқонунӣ ва пешниҳод ё фарох намудани маълумот ба василаҳои низоми додаҳо хотима меёбад [108, с. 17], [210], [145, с. 187].

«Ҳамзамон, дар доира ташкилоти байналмилаии Созмони Ҳамкории Шанхай 16 июни соли 2009 дар шаҳри Екатеринбург Созишнома миёни кишварҳои узвӣ СҲШ дар самти таъмини амнияти байналмилалии иттилоотӣ (минбаъд Созишномаи СҲШ оид ба таъмини амнияти байналмилалии иттилоотӣ) ба имзо расид» [14].

Дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ низомҳои консептуалӣ ва истилоҳотӣ, махсусан феҳрасти мафҳумҳои асосӣ, ки бояд дар қонунгузории кишварҳои узви Созишнома татбиқ шаванд, мисли «ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот», «амнияти иттилоотӣ», «ҳамаи ҳаракатҳои ғайриқонунӣ» ва «ҷинояткории иттилоотӣ» ба таври равшан муайян гардидаанд. Ҳамчунин, намудҳои муосири «таҳдидҳо дар соҳаи амнияти иттилоотии байналмилалӣ, манбаъҳо ва аломатҳои онҳо, ҳамзамон амалҳое, ки бояд дар қонунгузории миллӣ кишварҳои узви СҲШ ҳамчун ҷиноят шинохта шаванд (масалан, «истифодаи ғайриқонунии захираҳои иттилоотӣ», «дахолати беиҷозат ба захираҳои иттилоотӣ» ва дигар ҳолатҳо), хусусияти меъёрӣ гирифтаанд».

Албатта санадҳои мазкур, ҳамчун методи таъмини амнияти иттилоотӣ пурзӯр кардани фаъолияти мақомоти иҷроия дар бораи ҳимояи ҳуқуқ, бахусус огоҳонидан ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти иттилоот, инчунин ошкор, тафтиш ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсонеро, ки «ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот»-ро ба даст меоваранд, пешбинӣ менамояд.

Ҳамин тавр дар натиҷаи пажуҳиши адабиётҳои соҳавӣ, санадҳои байналмилалӣ ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарҷрибаи амалӣ иброз намудан ба маврид аст, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот метавонад оқибатҳои дигари вазнинтарро ба бор орад, бинобар ин, мафҳуми зерини ғайриқонунӣ ба даст оврадани иттилоотро пешниҳод намудан мувофиқи мақсад мебошад: дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот маънои нусхабардорӣ ё гирифтани маълумоти ҳифзшаванда бо усулҳои ғайриқонунӣ мебошад, ки ин иттилоот дар ҳомили электронӣ нигоҳ дошта

ё тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ интиқол меёбад. Ин амал метавонад ба амнияти миллӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилотҳо, ҷамъият ва давлат зарар расонад.

**Нусхабардории ғайриқонунӣ ё бо дигар усули ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот**– такрор намудан ва ба тври устувор дар махзани ТИК-ии электронӣ ва ё дигар ҳомилҳо сабт кардани онҳо мебошад. Нусхабардории ғайриқонунии иттиллотро тавассути ба корти хотира, компакт диск ва монанди инҳо сабт намудани хотираи дохилии ТИК-ии электронӣ, чопи он ба амал баровардан мумкин аст. Агар шахсе, «ки иттилоотро нусхабардорӣ мекунад, ба он ҳуқуқ дошта бошад, яъне нусхабардорӣ бе иҷозати соҳибмулк, шахси ваколатдори он ё истифодабарандаи қонунӣ анҷом ёбад, нусхабардорӣ ғайриқонунӣ эътироф мегардад». Шахсеро, ки ба иттилоотӣ дар махзани ТИК-ии электронӣ ҷиҳати шинос шудан ба он дастрасӣ пайдо намудааст, дар нусхабардории иттилоот, ки новобаста ба иродаи ӯ, ба сабаби амали автоматии воситаҳои барномавии истифодабарандаи қонунӣ сурат гирифтааст, гунаҳгор эътироф кардан мумкин нест (масалан, агар файлҳо мунтазам ҳангоми аз ҷониби дилхоҳ шахс ба он муроҷиат намудан нусхабардорӣ шавад).

Нусхабардории иттилоотро ҳамчун оқибати манфии пешбинишудаи қонунгузории ҷиноятӣ метавон баррасӣ намуд, ки ин амал маҳз аз нусхабардории ғайриқонунӣ сарчашма гирифта, аз ҷониби қонун ҳифз гардида бошад.

**Дигар усули ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар чунин ҳолатҳо ҷой дошта метавонад:**

– бевосита ба даст овардани иттилоот, ки бо гирифтани он аз соҳибмулк ба фоида худ ё ба фоидаи шахси дигар вобаста аст, ё ба истилоҳ тасарруфи иттилоот;

– ба даст овардани иттилоот тавассути ғайриқонунӣ ба даст овардани ҳомилони моддӣ (блоки системавӣ, корти хотира), ки дар он иттилоот нигаҳдорӣ мегардад;

– ба даст овардани иттилоот бо розигии соҳибмулк, вале бархилофи иродаи ӯ, ё ба истилоҳ тамаъҷӯии иттилоот.

Дар асоси ин таҳлилҳо «метавон хулосабарорӣ намуд, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот маънои гирифтани маълумот бидуни розигии шахси соҳибмуаллиф ва дастрасӣ ба маълумоти махфӣ, системаҳо, додаҳо, барномаҳо ва иттилооте, ки дар хотираи воситаҳои гуногуни техникӣ нигаҳдорӣ мешаванд, ифода мегардад». Омӯзиши таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ нишон медиҳад, ки иттилооти ғайриқонунӣ дастрасшуда танҳо дар ҳолатҳое мантиқӣ шуморида мешавад, ки:

– «шахсе, ки ҳуқуқи расидан ба маълумотро надорад, кӯшиши дастрасӣ ба он маълумотро ба таври ғайриқонунӣ анҷом медиҳад»;

– «шахсе, ки ҳамаи ҳуқуқҳои лозим барои дастрасӣ ба системаҳо, додаҳо, барномаҳо ва иттилооте, ки дар хотираи воситаҳои гуногуни техникӣ нигоҳ дошта мешаванд, дошта бошад».

## 1.3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷа

Ташаккули қонунгузории байналмилалӣ дар бахши ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон бо рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ пайвастагии зич дошта, таҳлили муфассал баъзе қонунҳоро рӯшан менамояд.

«Ба андешаи олимони хориҷӣ, тағйирот дар қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот натиҷаи на танҳо пешрафти техникӣ, балки бунёдӣ низ мебошад» [211], [212].

«Дар сеяки охири асри 20 бо пайдоиши ҷомеаи иттилоотӣ аҳаммияти ҳифзи объектҳои ғайримоддӣ ва иттилоотӣ ба таври назаррас афзуд». Ин объектҳои нав талаботи қабул ва татбиқи меъёрҳои нави ҳуқуқиро пеш оварда, онҳоро дар сатҳи муқоисашаванда бо арзишҳои моддӣ ҳифз намуданд. Дар пайи ин, бо пайдоиши механизмҳои нави содиршавии

ҷиноят, аз ҷумла ҳамлаҳои киберӣ, қонунгузории ҷиноятии миллӣ дар кишварҳои гуногун ба тағйиротҳои гуногун рӯ ба рӯ шуд.

Инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ва васеъ истифодаи онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт сабаби пайдоиши шаклҳои навини ҷиноятҳо гардид, ки ин ҳолатҳо ҳамчун кирдорҳои ҷиноятӣ шинохта шудаанд ва дар натиҷа тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ ва қабули қонунҳои навро тақозо кардаанд. Албатта, дар ин раванд танзими ҷанбаҳои ҳуқуқӣ барои муносибатҳои корбарон аҳаммияти махсус дорад. «Бояд қайд намуд, ки масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ҳифзи онҳо аз ҳамлаҳои киберӣ, аз ҷумла тавассути қонунгузории ҷиноятӣ, яке аз самтҳои ҳаётан муҳим буда, имрӯз дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба унвони масъалаҳои мубрам шинохта мешаванд».

Барои тақвияти андеша ба ин гуфта метавон такя намуд, ки «Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои гуногун бо хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, динӣ, фалсафӣ, сарчашмаҳо ва сохти меъёрҳои ҳуқуқ, инчунин дигар омилҳои хусусияти онҳоро муайянкунанда асос ёфтаанд. Таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ва давлатҳои пасошуравӣ барои ошкор кардани рушди умумӣ ва махсуси меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои содир кардани чунин ҷиноят пешбинӣ мекунанд, мусоидат менамоянд» [110].

«Омӯхтани мушаххасоту мундариҷа ва моҳияти пажуҳиши системаи қонунгузории давлатҳои хориҷиро коршиноси соҳавӣ фаронсавӣ Марк Ансел ба таври назаррас шарҳ додааст».

Муҳаққиқони ватани А.И. Сафарзода ва Ф.А. Мирзоахмедов мувофиқи мақсад иброз медоранд, ки «ташаккули бомуваффақияти илми ҳуқуқи ҷиноятии муосир дар мамлакат бе омӯзиш ва пажуҳиши қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ғайриимкон аст» [140, с. 50].

Бо дарназардошти ин нуктаҳо таҳлили мо ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дастрасии ғайриқонунии иттилоот дар қонунгузории

ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ равона шудааст. Барои ноил шудан ба натиҷаҳои дақиқ ва муассир, муҳим аст, ки таҷрибаи давлатҳои пешрафтаро аз ҷиҳати технологӣ ба назар гирифт. Дар даврони муосир, равандҳои технологӣ ба ҳамаи бахшҳои илм таъсири калон расонида, пешравиҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо суръати баланд рушд кардаанд. Албатта, дар ин раванди босуръат танзими ҷанбаҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои корбарон аҳаммияти хосса дорад.

Ҳангоми таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои қонунгузории кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, «бояд Кодекси ҷиноятии намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки 17 феврали соли 1996 дар ҷаласаи пленарии VII-и Ассамблеяи байнипарлумонӣ қабул шудааст, ҳамчун роҳнамои асосӣ пазируфта шавад. Фасли XII-и Кодекси ҷиноятии намунавии ИДМ ба мавзуи «Ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ» бахшида шудааст».

Албатта, ин самти қонунгузорӣ пайваста такмил ёфта, барои тақвияти андешаи хеш чанд меъёри онро намуна меорем: «моддаи 286 – «Дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ»; Моддаи 287 – «Тағйир додани иттилооти компютерӣ»; Моддаи 288 – «Коршикании компютерӣ»; Моддаи 289 – «Азхуднамоии ғайриқонунии иттилооти компютерӣ»; Моддаи 290 –» Таҳия ва фурӯши воситаҳои махсус барои ба даст овардани дастрасии ғайриқонунӣ ба система ё шабакаи компютерӣ» [121, с. 229-236].

Бо вуҷуди мавҷуд будани меъёрҳои мушаххас оид ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар Кодекси ҷиноятии намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, амалан ҳеҷ кадоме аз давлатҳои пасошуравӣ ин меъёрҳо ва тавсияҳои онро комилан дар қонунгузории миллии худ роҳандозӣ накардаанд. Ин ҳолат сабаб шудааст, ки меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои пасошуравӣ тамоми доираи амалҳои ғайриқонунӣ дар самти дастрасӣ ба иттилоотро фаро нагиранд. Таҳлили таҷрибаи қонунгузории кишварҳои пасошуравӣ, аз

ҷумла Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон, ки дар боби 30 «киберҷиноятҳо» меъёрҳоеро пешбинӣ намудааст, аҳаммияти махсус дорад. Масалан, «моддаҳои 271 – ғайриқонунӣ ворид шудан ба иттилооти компютерӣ (маҳрум сохтан аз озодӣ то 2 сол бо ҷарима), 272 – ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ (маҳрум сохтан аз озодӣ аз 2 то 4 сол), инчунин моддаи 273 ва зермоддаҳои он оид ба омода кардани воситаҳои махсус барои содир намудани киберҷиноятҳо ва сохтакории маълумоти компютерӣ» бо ҷазои маҳрумият аз озодӣ то 2 сол муқаррар шудаанд.

Ҳамзамон, қисми 2 моддаи 271 Кодекси ҷиноятии Озарбойҷон аломатҳои васеи ҷиноятҳоро фаро мегирад, «аз ҷумла дастрасии ғайриқонунӣ, ки такроран аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ, ё шахси мансабдор бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шудааст».

Меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Озарбойҷон метавонанд қисман намудҳои гуногуни ғайриқонунӣ дар самти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро фаро гиранд. Бо вуҷуди ин, дар қонунгузории кишварҳои баррасишаванда бо вуҷуди истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун воситаҳои асосии содир намудани ҷиноятҳои муташаккил ва трансмиллӣ, меъёрҳои махсус ва фарогир барои ҳалли мушкилоти мазкур ба таври ҷиддӣ мавҷуд нестанд.

Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон дар боби 20 «Ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ» моддаи 278-ро дар бораи вайрон кардани қоидаҳои иттилоотӣ пешбинӣ мекунад, ки дар он мафҳуми вирус ва паҳн кардани барномаҳои зараровар баён гардидааст; барои ин ҷиноятҳо ҷарима ё маҳрумият аз озодӣ то 3 сол ҷазо муқаррар шудааст. Инчунин, моддаҳои 278(2) – 278(6) ба ғайриқонунӣ ворид шудан ба маълумотҳои компютерӣ, таҳрир ё тахриб кардани онҳо, ва таҳияи барномаҳои зараровар ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷорӣ мекунанд. Бар асоси ин қонунгузорӣ, Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон бо пешбинии моддаи махсус барои

дастрасии ғайриқонунии шабакаҳои телекоммуникатсионӣ нисбат ба дигар кишварҳои пасошуравӣ фарқ мекунад ва метавонад барои такмили қонунгузории амнияти иттилоотӣ аҳаммияти калон дошта бошад.

Дар ҳамин замина, таҷрибаи Қазоқистон низ арзишманд аст, ки дар Кодекси ҷиноятии он дар боби 7 «Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ дар соҳаи иттилоот ва алоқа» моддаҳои 205-213 мавҷуданд, ки дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, тағйир додани иттилоот, вайрон кардани системаҳои иттилоотӣ, таҳияи барномаҳои зараровар ва дигар кирдорҳои ҷиноятиро таҳти ҷавобгарӣ мегиранд. Ҷазоҳо аз ҷарима то маҳрумият аз озодӣ то 3 солро дарбар мегиранд, вобаста ба вазнии ҷиноят ва оқибатҳои он. Ин таҷриба метавонад барои таҳкими қонунгузории ҷиноятӣ дар бахши амнияти иттилоотӣ муфид бошад.

Аз таҳлили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон бармеояд, ки моддаи 213 КҶ ин давлат барои қонунгузории ҷиноятии ИДМ меъёри нав мебошад, ки дар дигар давлатҳои аъзои ИДМ ба мушоҳида намерасад, ҷогир намудани чунин як меъёр дар боби «Ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоот» мувофиқи мақсад аст, зеро ҳифзи рамзи мушаххаси дастгоҳи алоқаи мобилии муштариён роҳи асосии нигоҳдории иттилои шахсӣ, оилавӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ ва дигар иттилои бо қонун ҳифзшаванда мебошад.

Кодекси ҷиноятии Туркманистон дар боби 33 ҷиноятҳои вобаста ба информатика ва алоқа, аз ҷумла дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумот ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ (м. 373) бо ҷазоҳои ҷарима ё маҳрумият аз озодӣ то 2 солро муқаррар мекунад. Ҳамчунин, моддаҳои 374 то 383 кирдорҳои гуногуни ҷиноятӣ, аз ҷумла маҷбур кардан ба додани иттилоот, нобудсозӣ ё тағйири маълумот, вайрон кардани фаъолияти системаҳои иттилоотӣ, паҳн кардани барномаҳои зараровар ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ дар самти технологияи иттилоотиро таҳти ҷавобгарӣ мегиранд.

«Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон (Боби 40 «Ҷиноятҳо муқобили амнияти киберӣ»), моддаи 320, таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар (санксия: маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 2 сол бо ҷарима). Ҳамзамон ҷавобгарии ҷиноятии барои кибер – тахриб, моддаи 321 ва паҳнамоии оммавии паёмҳои электронӣ, моддаи 322 пешбинӣ мекунад» [15, с. 287-288], [88, с. 254].

Дар қонунгузории Қирғизистон масъалаи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бо вуҷуди мавҷудияти баъзе муқаррарот, ҳамоно ба таври комил ва фарогир танзим нашудааст. Ин ҳолат метавонад ба камбудиҳо дар муайян кардани ҳамаи намудҳои ҷиноятҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ, хусусан онҳое, ки тавассути шабакаҳои интернетӣ ва технологияҳои муосир содир мешаванд, оварда расонад.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус дар боби 31, ки ба ҷиноятҳо муқобили амнияти компютерӣ бахшида шудааст, як заминаи ҳуқуқии мукаммалро барои мубориза бо ҷиноятҳои вобаста ба соҳаи иттилоот ва шабакаҳои рақамӣ фароҳам меорад. Меъёрҳои ин боб ба таври мушаххас амалҳои ғайриқонунӣ ба монанди воридшавии беиҷозат ба низомҳои компютерӣ, тағйир ё нобудсозии маълумот, таҳия ва паҳн намудани барномаҳои зараровар ва дигар амалҳои хавфнокро ҷиноят эътироф мекунанд. Хусусияти барҷастаи ин қонунгузорӣ дар он аст, ки на танҳо ба амалҳои хатарнок, балки ба оқибатҳои эҳтимолии он низ ба таври возеҳ таваҷҷуҳ мекунад ва ҷазоҳои мутаносибро пешбинӣ намудааст. «Таҳлили муқоисавии ин қонунгузорӣ бо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар боби 28-и он низ масъалаи ҳифзи амнияти иттилоотӣ ба таври ҷиддӣ баррасӣ гардида», ҳафт моддаи ҳуқуқӣ барои ҷилавгирӣ аз ҷиноятҳои рақамӣ ва таъмини тартибот дар фазои иттилоотӣ мавҷуданд. Ин монандиҳо нишон медиҳанд, ки ҳарду кишвар бо дарки хатари рӯзафзуни ҷиноятҳои киберӣ ва таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ ба таҳкими механизмҳои ҳуқуқии миллӣ таваҷҷуҳ доранд. Ҳар ду қонунгузорӣ барои эмин нигоҳ доштани фазои рақамӣ аз кирдорҳои ҷиноятӣ равона

шуда, ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва давлат мусоидат менамоянд.

Ин нуқта муҳим аст, ки «дар моддаҳои мазкур дар қатори аломатҳои асосноки ҳатмии таркиби ин ҷиноят инчунин оқибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарноки онро дар шакли нобудсозӣ, бастан, тағйир додан ё нусхабардории иттилооти компютерӣ номбар мекунад» [123, с. 31-36].

Аз мазмуни моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки намудҳои гуногуни ҷиноятҳои ғайриқонунӣ, «ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), аз ҷумла шабакаи интернет содир мешаванд, мисли ба худкушӣ расонидан (моддаи 109), қаллобӣ (моддаи 247), муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор (моддаи 200) ва тамаъҷӯӣ (моддаи 250)», дар матни худ махсусан истифодаи ТИК ё интернетро зикр намекунанд, яъне ин қонунҳо ҳолатҳои содиршавии ҷиноят бо воситаи технологияҳои навро махсус равшан накардаанд, ки ин метавонад боиси мушкилот дар муайян намудани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои муосир дар фазои маҷозӣ гардад. «Аз ин рӯ, зарур аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ барои ин навъи ҷиноятҳо бо дарназардошти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ такмил ёбад ва алоҳида ҳолатҳои содиршавии ҷиноятҳо бо истифодаи ТИК равшан гарданд».

Дар «Кодекси ҷиноятии Украина, таркиби ҷиноят дар моддаи 361 муқаррар шудааст, ки тибқи он дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти системаҳои электронии ҳисоббарорӣ (компютерҳо), шабакаҳои компютерӣ ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ» ҳамчун ҷиноят эътироф мегардад. Ин модда чунин кирдорҳоро дар бар мегирад, мисли дастрасии беиҷозат ба системаҳо, тағйир додан, нобуд кардан ё бастани маълумоти компютерӣ, инчунин халалдор сохтани кори техникии чунин системаҳо. Ин амалҳо барои амнияти иттилоотӣ хатари ҷиддӣ эҷод карда, қонун барои он ҷазоҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла ҷарима ва маҳрумият аз озодӣ муқаррар намудааст.

Дар моддаи мазкур мафҳуми «вируси компютерӣ» истифода шудааст: «паҳншавии вируси компютерӣ тавассути истифодаи воситаҳои техникӣ, ки барои ғайриқонунӣ ворид шудан ба ин мошинҳо, системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ пешбинӣ шудааст ва метавонад боиси паҳншавии ғайриқонунии иттилоот ё нобуд кардани иттилооти компютерӣ ё интиқолдиҳандагони ин гуна маълумот гардад» [33, с. 122].

Барои ин навъи ҷиноят, дар моддаи 361-и Кодекси ҷиноятии Украина, ҷазо дар шакли ҷарима ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол пешбинӣ шудааст. Қисми дуюми ҳамин модда ҳолатҳои вазнинтарро дар бар мегирад, аз ҷумла расонидани зарари калон ва содир намудани ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон, ки ҷазои сахттар – маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ солро дар назар дорад. Барои пешгирии чунин ҷиноятҳо ва муқовимат ба ҳамлаҳои киберӣ, дар Федератсияи Россия низ икдомҳои муҳими қонунгузорӣ амалӣ шудаанд, ки дар тӯли беш аз понздаҳ сол алайҳи дастрасии ғайриқонунии иттилоот равона гардида, ҳифзи амнияти иттилоотиро дар сатҳи қонун таъмин менамоянд.

«Таърихи ташаккули он дар ин самт соли 1991 бо қабули қонун «Дар бораи воситаҳои ахбори омма» оғоз шудааст. Минбаъд санадҳои дигар қабул гардиданд: Қонуни патентии Федератсияи Русия, Қонун «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ», Қонун «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои мошинҳои ҳисоббарори электронӣ ва махзани маълумот» [26, с. 249].

Дар боби 28-и Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия чандин модда пешбинӣ шудааст, ки ба ҷиноятҳои вобаста ба дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти компютерӣ, таҳия ва паҳн кардани барномаҳои зараровар, вайрон кардани қоидаҳои кори мошинҳои ҳисоббарор ва системаҳои компютерӣ, инчунин таъсиррасонии ғайриқонунӣ ба инфрасохтори муҳими иттилоотӣ ва идоракунии мутамаркази шабакаҳои иттилоотӣ ва алоқаи истифодаи умумӣ равона шудаанд.

Дар заминаи таъмини амнияти иттилоотӣ аз таҳдидҳои киберӣ, зарур аст, ки на танҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварҳои аъзои ИДМ, балки таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои пешрафтаи хориҷӣ низ бо диққати комил мавриди таҳлил қарор дода шаванд. Танҳо дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи чунин таҷрибаҳо метавон барои танзими самарабахши қонунгузории миллӣ иқдом намуд. Зеро асри XXI марҳилаи рушди бесобиқаи технологияҳо ба шумор меравад. Дар як фурсати кӯтоҳ садҳо амалиёт тавассути ширкатҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ мегардад ва дар сурати мавҷуд набудани меъёрҳои ҳуқуқӣ, эҳтимоли расонидани зарари ҷиддии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ҷомеа ва давлат хеле баланд аст. Аз ин рӯ, таҳияи чораҳои мушаххас ва мукаммал дар заминаи қонунгузорӣ ҷиҳати пешгирии дастрасии ғайриқонунии иттилоот як амри зарурӣ мебошад.

Конвенсияи байналмилалии зидди киберҷиноятҳо, ки моҳи ноябри соли 2001 дар шаҳри Будапешти Шурои Аврупо қабул шудааст, ҳамчун санади муҳими ҷаҳонӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои электронӣ шинохта мешавад. Ин конвенсия намудҳои асосии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро муайян намуда, чораҳои заруриро барои бартарафсозии онҳо дар сатҳи миллӣ муайян мекунад. Дар баробари ин, конвенсия ба ҷиноятҳои алоҳида, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ хусусияти махсус доранд, ба мисли истифодаи барномаҳои зараровар, дастрасии беиҷозат ба системаҳои компютерӣ ва дигар кирдорҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ҳадафи асосии он таъмини ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ ва такмили механизмҳои ҳамкорӣ байни кишварҳо барои муқовимат бо таҳдидҳои киберӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар фазои рақамӣ мебошад.

Аз ин рӯ, Конвенсияи Будапешт як пояи муҳим барои таҳкими сиёсати миллии амнияти иттилоотӣ ва муқовимат бо ҷиноятҳои киберӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад [116, с. 17-25].

Тафовут дар низоми ҳуқуқии байналмилалӣ сабаби он шудааст, ки мубориза бо вайрон кардани қоидаҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ то ҳол ба як шакли ягона наомадааст. Дар робита ба ҷиноятҳои мазкур, давлатҳоро метавон ба ду гурӯҳи шартӣ ҷудо кард:

– «кишварҳое, ки дар қонунгузории ҷиноятии худ меъёрҳои махсусро барои ҷавобгарӣ дар ҳолати содир намудани амали ғайриқонунӣ ҷиҳати ба даст овардани иттилоот пешбинӣ кардаанд»;

– давлатҳое, ки дар марҳилаи таҳия ва қабули чунин қонунҳои дахлдор қарор доранд.

Масалан, дар Кодекси ҷиноятии Чин тағйиру иловаҳое, ки соли 1997 ба он ворид намуданд, се моддаи махсуси марбут ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот пешбинӣ гардидааст.

Ҳамзамон, модели татбиқшудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарар расонидан ба муносибатҳои марбут ба таъмини амниятии иттилоотӣ ва системаҳои иттилоъдиҳи мавриди танқиди олимони чинӣ қарор гирифт [148, с. 177], ки меъёрҳои дар он зикршуда наметавонад ҳолати дастрасии ғайриқонунӣ ба системаҳои компютерии шахсони алоҳидаро дар сурате, ки он ба кори воситаҳои автоматии коркарди маълумот ҳеҷ таъсире нарасонад, фарогир бошад [149, с. 149].

Мутобиқи мазмуни моддаи 286-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки соли 1997 ба он тағйирот ворид шудааст, татбиқи он танҳо дар ҳолатҳое имконпазир аст, ки дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти муътадили системаи иттилоотӣ ба миён омада бошад. Дар ҳолате ки шахс бе халал расонидан ба кори система танҳо ба маълумоти компютерӣ дастрасӣ пайдо мекунад, чунин амалиёт тибқи ҳамин модда ҷиноят ҳисобида намешавад. Танҳо моддаи 285 ҷавобгариро барои дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти муҳими давлатӣ ва иҷтимоӣ пешбинӣ менамояд.

Дар Англия ба ҳифзи иттилоот ва танзими ҳуқуқии он таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Қонунгузории ҷиноятии ин кишвар дорои

хусусиятҳое мебошад, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон дида намешаванд. Манбаъҳои асосии ҳуқуқ дар Англия на танҳо қонунҳои парлумонӣ, балки ҳамчунин амсоли судӣ мебошанд, ки маҷмуи ҳуқуқҳои умумиро ташкил медиҳанд. Соли 1990 аввалин қонун дар бораи мубориза бо ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоот қабул шуда, тибқи хусусияти ҳуқуқии он, таснифи ҷиноятҳои вобаста ба ин соҳа ба амал омад, ки дар он дастрасии ғайриқонунӣ ба системаҳои компютерӣ, дахолати ғайриқонунӣ бо мақсади содир кардани ҷиноят ва тахриби қасдонаи маълумоти компютерӣ, аз ҷумла несткунӣ ё тағйирдиҳӣ, бидуни иҷозат пешбинӣ шудааст. Ин қонун то имрӯз асоси ҳуқуқӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар Англия  ба ҳисоб меравад.

Дар муқаррароти қонуни ҷиноятии Англия оид ба амнияти иттилоотӣ ва системаи иттилоотию коммуникатсионӣ (ИК) се намуди ҷиноятҳои асосӣ вобаста ба дастрасии ғайриқонунӣ ба барномаҳо ва иттилооти компютерӣ муайян шудаанд. Аввалан, дастрасии беиҷозат ба барномаҳо ё маълумоти дар системаҳои электронӣ мавҷудбуда ҷиноят ҳисобида мешавад.

Дар ин маврид, қонунгузорӣ байни компютерҳои бо чораҳои махсуси амниятӣ ҳифзшаванда ва компютерҳои маъмулӣ фарқ намегузорад [106, с. 15], ки ин ҳифзи баробар ва васеи амнияти иттилоотиро таъмин менамояд. Дар сурати ворид шудан ба компютер бо мақсади тағйир додан, нест кардан ё нусхабардории маълумот ё барномаҳо, шахс гунаҳкор дониста мешавад, зеро чунин амалҳо бевосита ба ҳифзи иттилоот ва амнияти системаи компютерӣ таҳдид мекунанд.

Дуюмин намуди ҷиноят дастрасии ғайриқонунии барномавӣ ё иттилоотӣ бо мақсадҳои ғайриқонунӣ мебошад, ки ин аломат медиҳад, ки шахс на танҳо ба система дастрасӣ ёфтааст, балки ин дастрасиро бо нигоҳи истифодаи нодуруст ва бо мақсадҳои зараровар амалӣ намудааст. Ин ҷиноят таваҷҷуҳ ба манфиатҳои ҳуқуқӣ ва молиявии субъектҳои ҳуқуқӣ ва

воқеиро дорад, ки боиси зиёд шудани таҳдидҳо ва осебпазирии фазои рақамӣ мегардад.

Сеюм, дастрасии ғайриқонуни ба иттилооти компютерӣ, ки боиси нобудшавӣ, тағйир ё басташавии маълумот ё халалдор шудани кори компютер ё шабака мешавад, инчунин ҷиноят шумурда мешавад. Муҳимияти ин намуди ҷиноят дар он аст, ки тағйирот бояд ҳадафнок ва бо донистани шахс дар бораи набудани иҷозат сурат гирад. Ба ибораи дигар, барои таснифи ҷиноят дақиқ бояд муайян кард, ки ин амал бо нияти зараровар ва бидуни иҷозати қонунии соҳиби система ё маълумот амалӣ шудааст. Ин қоидаҳо ҳифзи амнияти иттилоотиро такмил медиҳанд ва ба таъмини масъулияти шахсони алоқаманд дар истифодаи маълумот ва барномаҳо равона гардидаанд.

Дар маҷмуъ, муқаррароти қонуни ҷиноятии Англия дар ин самт равиши мукаммал ва қатъиро барои мубориза бо кирдорҳои ҷиноятӣ дар фазои иттилоотӣ пешбинӣ мекунад. Ин гуна сиёсати ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки на танҳо амалҳои мустақими ғайриқонунӣ ба барномаҳо ва иттилоот маҳкум шаванд, балки истифодаи ғайриқонунии онҳо бо мақсадҳои зараровар низ ҷазо дода шавад. Ҳамзамон, таъкид бар он аст, ки барои таъйини гунаҳкорӣ бояд ҳадаф ва дониши шахс дар ин амалҳо равшан бошад, ки ин қоидаҳо ба таъмини адолати ҷиноятӣ ва муҳофизати ҳаққу манфиатҳои субъектҳои ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд. Ин тарзи танзим ба рушди технологияҳои иттилоотӣ ва амнияти рақамӣ дар ҷаҳони муосир мутобиқат намуда, барои дигар қонунгузориҳо намунаи арзишманд ба ҳисоб меравад.

Дар Белгия қонунҳо барои ҳифзи амнияти компютерӣ тағйир ёфтанд. Аз соли 2001 дар Кодекси ҷиноятӣ қоидаҳо барои ҷазо додан ба онҳое, ки барномаҳои зараровар месозанд ё кори компютерро халалдор мекунанд, шомил шудаанд. Ин қонунҳо ҳам барои зарар расонидан ба таҷҳизот ва молу мулк ва ҳам барои амалҳои ғайриқонунӣ дар фазои интернет ҷавобгарӣ муайян мекунанд.

Ҳангоми тағйири ғайриқонунии иттилоот шахс тибқи моддаҳои 134-и Кодекси ҷиноятии Белгия (қоидаҳои умумӣ оид ба қалбакикорӣ), м. 461 (дуздӣ), м. 496 (қаллобӣ) ба ҷавобгарӣ кашида мешавад [16, с. 559].

Қонунгузории Олмон дар бахши ҳифзи амнияти иттилоотӣ санадҳои муҳим ва мураккабро пешбинӣ кардааст, ҳарчанд Кодекси ҷиноятии он боби ҷудогона барои ҷиноятҳои иттилоотӣ надорад. Ин қонунгузорӣ ҷузъиёти дақиқ ва масъулияти ҷиноятиро барои амалиёти ғайриқонунӣ бо иттилоот ва дастрасӣ ба маълумотҳои муҳофизатшуда, аз қабили ҷосусии иттилоотӣ ва қаллобии иттилоотӣ, муайян мекунад. Моддаҳои махсуси кодекс, ба мисли §202а ва §263а, ҷузъиётро дар мавриди дастрасӣ ва истифодаи ғайриқонунии маълумот, барномаҳои нодуруст ва таъсири манфӣ ба молу мулки дигарон фаро мегиранд.

Ҳамзамон, қонунгузории Олмон ба масъалаҳои тағйири ғайриқонунии маълумот ва халалдорсозии равандҳои расмии коркарди иттилоот таваҷҷуҳи махсус дорад. Моддаҳои мисли §269 ва §270 барои ҷазо додан ба таҷрибаҳои сохтакорӣ ва дахолати бемаврид ба равандҳои иттилоотӣ ва илмӣ пешбинӣ шудаанд, ки ин нишонаи аҳаммияти баланди ҳифзи дурусти иттилоот ва эътимоднокии он мебошад. Ин механизмҳо ҳадаф доранд, ки на танҳо амнияти иттилоотӣ, балки низоми қонунӣ ва илмиро аз таъсири манфӣ муҳофизат кунанд.

Инчунин, дар қонунгузории Олмон §270 барои кӯшиш ё анҷом додани кирдоре, ки ба коркарди иттилоъ дар мақолаҳои расмии илмӣ халал мерасонад, ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён меояд. Дар ин маврид дахолати бемаврид ва мақсаднок номувофиқ дониста мешавад [91, с. 397].

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки таҷрибаи Олмон дар муқоиса бо ИМА ба моделҳои гуногуни ҳифзи амнияти иттилоотӣ асос ёфтааст. Қонунгузории ИМА, ки соли 1986 қаблан қабул шудааст, бо истифода аз моддаҳои муфассал ва дақиқ, ба монанди 1030 ва 1029-и Кодекси ҷиноятӣ, ба таври васеъ ва пурмазмун ҷиноятҳои иттилоотиро танзим мекунад ва таҷрибаи бойтари амалӣ дар мубориза бо ҷиноятҳои кибериро дарбар мегирад. Ин ду қонунгузорӣ нишон медиҳанд, ки ҳифзи иттилоот ва мубориза бо ҷиноятҳои

киберӣ як мавзӯи мураккаб ва муҳим буда, барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ бояд дорои системаи қонунгузории комил ва муассир бошад.

Қонунгузории Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои вобаста ба технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ яке аз мукаммалтарин ва муфассалтарин қонунгузориҳо ба шумор меравад.

Ин мавқеъ дар як қатор санадҳои қонунӣ таҷассум ёфта, махсусан дар боби марбут ба ҷиноятҳои иттилоотӣ, ба мисли моддаҳои 1030 ва 1029-и Кодекси ҷиноятӣ, инъикос мешавад [91, с. 397].

Ин моддаҳо намудҳои гуногуни амалҳои ғайриқонунӣ бо дастрасӣ ва истифодаи системҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ки метавонанд зарар расонанд, ба таври дақиқ ва муфассал тасниф шудаанд. Ин ҷузъият нишон медиҳад, ки ИМА ба масъалаи амнияти иттилоотӣ ва мубориза бо ҷиноятҳои киберӣ аҳаммияти калон дода, системаи мустаҳкам ва ҷазоҳои қатъиро барои ин гуна кирдорҳо муқаррар кардааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки қонунгузории ИМА амалҳоро, ки бо дастрасии ғайриқонунӣ ба технологияҳои иттилоотӣ ва маълумоти махфӣ алоқамандaнд, ба чанд гурӯҳ тақсим кардааст. Аз ҷумла, дастрасии беиҷозат ба маълумоти махфии давлатӣ, ки бо мақсади расонидани зарар ба манфиатҳои кишвар ё бо фоидаи давлатҳои дигар анҷом мешавад, аз ҷиноятҳои ҷиддӣ ҳисобида мешавад. Ҳамчунин, дастрасӣ ба системаҳои иттилоотии ҳукуматӣ, ки муҳофизати махсус доранд, барои таъмини амнияти миллӣ манъи қатъӣ дорад. Ин гуна муқаррарот нишон медиҳад, ки ИМА махсусан ба ҳифзи иттилооти давлатӣ ва системаҳои ҳассоси давлатӣ аҳаммияти хосса медиҳад.

Ғайр аз он, қонунгузорӣ намудҳои дигари ҷиноятҳоро, ба мисли дастрасии ғайриқонунии ба низоми додаҳо бо мақсади қаллобӣ ва ворид намудани барномаҳо ё фармонҳои зараровар ба системаҳои технологӣ низ ба таври возеҳ муайян кардааст. Ин амалҳо метавонанд на танҳо ба молу мулки шахсӣ ё давлатӣ зарар расонанд, балки ба суботи низоми иттилоотӣ ва низоми технологӣ ҳам таъсир расонанд. Қаллобии рамзгузорӣ, ки метавонад равобити

дипломатӣ ва иқтисодии байни давлатҳоро халалдор созад, ҳамчун ҷинояти махсус ҷазо гирифта мешавад, ки ин нишон медиҳад қонунгузории ИМА ба ҷанбаҳои гуногуни амнияти миллии кишвар таваҷҷуҳ мекунад.

Ҳамчунин, фиристодани иттилоъ бо мақсадҳои тамаъҷӯӣ ё пулӣ низ яке аз намудҳои ҷиноятҳои иттилоотӣ ба ҳисоб меравад [107, с. 72], ки боиси талафоти иқтисодии ҷомеа мегардад.

Муқаррароти қонунӣ оид ба ин амалҳо таъкид мекунанд, ки ҷиноятҳои киберӣ на танҳо ба системаи технологӣ, балки ба иқтисоди миллӣ ва иҷтимоиёт таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили мукаммали қонунгузории ИМА дар соҳаи ҷиноятҳои киберӣ нишон медиҳад, ки барои мубориза муассир бо амалҳои ғайриқонунии иттилоотӣ ва технологӣ, ки метавонад ба амнияти миллӣ ва иқтисоди кишвар таъсир расонад, зарурати танзими ҷиддӣ ва ҷазоҳои қатъӣ вуҷуд дорад. Ин система бо ҷузъиёти дақиқ ва васеи худ намунаи омӯзиш ва татбиқ барои кишварҳои дигар мебошад, ки мехоҳанд соҳаи амнияти иттилоотиро бо муваффақият танзим ва ҳифз намоянд.

Кодекси ҷиноятии Фаронса моддаҳои мушаххасеро пешбинӣ мекунад [96, с. 122], ки барои ҷиноятҳои вобаста ба дастрасии ғайриқонунии иттилоот ва дахолат ба системаҳои телекоммуникатсионӣ ва автоматикунонидашуда ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар менамоянд. Ин меъёрҳо аз боздошти беиҷозати иттилоот то тағйир додани маълумот бо мақсадҳои қаллобӣ ё тахриф дар системаҳо ва ҷазоҳои ҷарима ё маҳрумият аз озодӣ то се солро дар бар мегиранд [91, с. 397].

Моддаи 1029-и Қонуни Федералии ИМА ҷиноятҳои қаллобиро дар бар мегирад, ки ба рақамҳои мушаххаси инфиродӣ (PIN), корти қарзӣ, рақамҳои ҳисоби бонкӣ ва дигар амалиётҳои электронӣ дахл доранд. Қонунгузории Иёлоти Муттаҳида ду сатҳро дар бар мегирад: қонунгузории федералӣ ва қонунгузории штатҳои алоҳида. Ҳангоми таҳияи қонунҳо низомҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ба назар гирифта шудаанд. Дар сатҳи федералӣ якчанд қонун ва моддаҳои махсус барои

мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ мавҷуданд. Ҳамзамон, дар сатҳи қонунгузории штатҳо меъёрҳое ҳастанд, ки бар зидди ҷиноятҳои соҳаи иттилоотӣ ҷорӣ шудаанд.

Дар Кодекси ҷиноятии Канада низ ба амалҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи иттилоот таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Масалан, моддаи 301.2 ҷиноятҳои қаллобиро ворид шудан ба системаи компютерӣ ба таври мустақим ё ғайримустақим, инчунин тавассути истифодаи дастгоҳҳои электромагнитӣ, акустикӣ, механикӣ ва дигар воситаҳо боздоштани фаъолияти компютериро муқаррар мекунад.

Дар ин моддаи Кодекси ҷиноятии Канада инчунин таърифҳои ҳуқуқии чунин мафҳумҳои муҳими соҳаи иттилооти компютерӣ, аз қабили «иттилоот», «дастгоҳи электромагнитӣ, акустикӣ, механикӣ ё дигар дастгоҳҳо» ва «дастгирӣ» мавҷуданд [107, с. 334].

Моддаи 387 амалҳои номатлуберо муайян мекунад, ки дар доираи ҷиноятҳои вобаста ба иттилооти компютерӣ содир мешаванд, аз ҷумла нобудсозӣ ва тағйир додани маълумот, иваз кардани иттилооте, ки маъно ва самараи онро тағйир медиҳад, инчунин халалдорӣ ё манъ кардани истифодаи маълумот, ки боиси маҳдуд кардани дастрасии қонунӣ ба он мешавад. Бо дарназардошти шароит ва хусусиятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳар кишвар, қонунгузориҳои онҳо дар самти амнияти компютерӣ фарқ мекунанд. Масалан, Австралия қонунҳои мушаххасеро татбиқ мекунад, ки дар онҳо рӯйхати муфассали амалҳои номатлуби вобаста ба иттилооти компютерӣ оварда шудааст. Қонуни ҷиноятии ин кишвар, бахши IV, махсусан ба амалҳои ғайриқонунӣ, ба мисли нобудсозӣ, тағйирот ва иловакунӣ ба маълумот дар системаҳои компютерӣ, ки ба системаи Иттиҳод мансубанд, машғул аст. Дар қонунгузории Австрия баъзе амалҳои мансуб ба технологияҳои муосири босуръатро ҷиноят ҳисоб намекунад ва барои баъзе навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳо ҷазои маъмурӣ пешбинӣ намудааст. Моддаи 52-и қонуни дахолатнопазирии иттилоот дар Австрия шахсоне, ки ба таври ғайриқонунӣ дастрасӣ ба иттилоотро ба даст

оварда, ё маълумоти махфиро нодуруст паҳн карда ва барои вайрон кардани махфият истифода мебаранд, ба ҷавобгарии маъмурӣ мекашад. Ин тадбирҳо нишон медиҳанд, ки давлатҳо бо назардошти хусусиятҳои худ барои ҳифзи амнияти иттилоотӣ ва муқовимат бо ҷиноятҳои киберӣ моделҳои гуногунро истифода мебаранд.

Барои барқасдона ва ба таври ғайриқонунӣ нест кардани иттилоот низ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад [195].

Дар Италия низ ба ин масъалаи ҳаётан муҳими даврони муосир диққати махсус медиҳанд. Ба таври мисол, дар моддаи 615-3-и Кодекси ҷиноятии Италия дастрасии беиҷозат ба компютер ё системаи телекоммуникатсионӣ, яъне дастрасӣ ба компютерҳо ё системаҳое, ки бо чораҳои амниятӣ ҳифз шудаанд, манъ аст. Барои ин кирдорҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол пешбинӣ шудааст [91, с. 397].

Моддаи 615-4 қонунгузории мазкур амалҳои ғайриқонунӣ вобаста ба нигоҳдорӣ ва паҳн кардани рамзҳои дастрасӣ ба компютерҳо ва системаҳои телекоммуникатсиониро таҳти назорат қарор медиҳад. Ин модда шахсонеро, ки бо мақсади ба даст овардани фоида барои худ ё дигарон, бо истифода аз воситаҳои дастрасӣ ба ин системаҳо зарар мерасонанд, ба ҷавобгарӣ мекашад. Таъмини ҷазо барои чунин амалҳо, ки метавонад дар шакли ҷарима ё маҳрумсозии озодӣ ба муҳлати то як сол бошад, нишондиҳандаи ҷиддияти қонунгузор дар самти ҳифзи амнияти иттилоотӣ мебошад. Ин гуна чораҳо ба пешгирии қонуншиканӣ дар муҳити рақамӣ мусоидат карда, сатҳи эътимод ва бехатарии истифодаи технологияҳои компютериро баланд мебардоранд. Ғайр аз он, маҳдуд кардани дастрасӣ ва паҳн кардани рамзҳои дастрасӣ ҳамчун амали хатарнок метавонад барои фаъолияти муътадили системаҳову шабакаҳои иттилоотӣ таҳдид эҷод кунад, ки дар натиҷа зарур аст, ки қонунгузорӣ ингуна амалҳоро бо ҷазоҳои муассир маҳкум намояд. Бо дарназардошти рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши хатари киберҷиноятҳо, чунин меъёрҳои ҳуқуқӣ нақши муҳими пешгирӣ ва ҳимояи

амнияти иттилоотиро доранд. Аз ин рӯ, татбиқи қатъии моддаи мазкур барои ҳифзи манфиатҳои субъектҳои давлатӣ ва хусусӣ, ҳамчунин таъмини устувории технологӣ ва амнияти иттилоотӣ дар доираи ҷомеа аҳаммияти хосса дорад.

Моддаи 615-5 ҷарима ё ҳабс то ду солро барои паҳн кардани барномаҳои зараровар, ки ба системаи компютерӣ ё телекоммуникатсионӣ зарар мерасонанд, муқаррар мекунад. Ин модда шахсонро барои интиқол ё фурӯши ғайриқонунии чунин барномаҳо ба ҷавобгарӣ мекашад. Моддаи 635-2 бошад, осеб расонидан ё нобуд кардани системаҳо, барномаҳо ё иттилоотро ҷиноят шуморида, ҷазои маҳрумсозии озодӣ аз 6 моҳ то 3 солро пешбинӣ мекунад, ки дар сурати суистифодаи маъмури система муҳлат то 4 сол афзоиш меёбад.

Моддаи 420-2 вайронсозӣ ё нобудсозии инфрасохтори иттилоотӣ ва пойгоҳҳои додаҳои коммуналиро ҷиноят мешуморад ва барои он ҷазои маҳрумсозии озодӣ аз се то ҳашт сол таъин шудааст.

Дар заминаи таҳлилҳои илмӣ бармеояд, ки тағйирпазирии қонунгузорӣ аз хусусияти ҳуқуқӣ ва васеъ будани истифодаи мафҳумҳо маншаъ мегирад, ки пешрафти ҷомеаи муосирро таъмин мекунад; аз ин рӯ, зарур аст бо диққат қонунгузориҳои кишварҳои гуногунро омӯзем ва дар асоси он қонунгузории миллиро такмил диҳем, зеро дар асри XXI бо суръати баланди пешрафти технологӣ ва афзоиши шумораи амалиётҳои яквақта аз ҷониби ширкатҳои технологӣ, бе танзими ҳуқуқӣ амнияти иттилоотӣ зери хатар қарор гирифта, ба манфиати шахсони зиёд зарар мерасад, ки барои пешгирии чунин ҳолатҳо тадбирҳои муассир ва ҷиддӣ бояд дар сатҳи қонунгузорӣ роҳандозӣ гарданд.

Дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ чунин хулосаҳо баровара мешаванд:

Якум, дар бештари кишварҳо далели ҷавобгарии ҷиноятӣ фақат дар қонунгузории ҷиноятӣ ифода ёфтааст. Қонунҳои дигаре, ки ҷавобгарии

ҷиноятиро барои ин кирдорҳо мушаххас ва муайян намоянд, вуҷуд надоранд.

Дуюм, таҳлили муқоисавии намудҳои ҷазоҳои бо маҳрумсозӣ аз озодӣ алоқаманд ва ҷазоҳои дигар нишон дод, ки барои ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ шароити мухталиф фароҳам оварда шудаанд. Масалан, дар қонунгузории ҷиноятии Озарбойҷон ва Фаронса ҷазоҳо асосан ҷарима ва маҳрумсозии озодӣ мебошанд. Дар қонунгузории ҷиноятии Белгия низ ду навъи ҷазо (ҷарима ва маҳрумсозии озодӣ) пешбинӣ шудааст.

Дар қонунгузории ҷиноятии Италия ва Туркманистон ҷазои маҳрумсозии озодӣ ба муҳлати то 3 сол пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин, дар қонунгузории ҷиноятии Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Беларус ва Украина ҷазоҳои ҷарима ва маҳрумсозии озодӣ муқаррар гардидаанд. Ин ихтилофи назар дар қонунгузориҳо нишон медиҳад, ки мо бояд ҳангоми таҳияи қонунгузории миллиии хеш ба таҷрибаи кишварҳои пешсаф такя намоем.

Сеюм, дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои Олмон, Фаронса ва дигар мамлакатҳои аврупоӣ, элементҳои таркибии ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот дар фаслҳои (бобҳои) гуногуни Кодекси ҷиноятӣ ҷойгир шудаанд. Дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, бошад ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилооти дар як боб муттаҳид карда шудаанд.

Чорум, объекти зери тааллуқ ва тааруз қароргирифта ҳангоми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ на танҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти интиқоли бехатари иттилооти компютерӣ (масалан, Кодекси ҷиноятии ҶТ) мебошанд, балки дигар объектҳо низ дар бар гирифта мешаванд.

Панҷум, вобаста ба ҷиноятҳои пажуҳишшудаистода давлатҳоро шартан ба 2 қисм метавон ҷудо намуд:

– давлатҳое, ки дар қонунгузории ҷиноятии онҳо қоидаҳои махсуси ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот пешбинӣ мекунанд;

– давлатҳое, ки дар марҳилаи қабули қонунҳои дахлдор қарор доранд.

Шашум, қонунгузории ҷиноятии баъзе аз кишварҳои пасошуравӣ дар тақсимоти дохилӣ фаслҳо муқаррар нагардида, танҳо бо тафриқа ба бобҳо маҳдуд мешавад, ки дар амал таснифи объекти хелии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро ғайриимкон месозад. Намунаҳои чунин қонунгузорӣ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон, Қазоқистон ва Украина мебошанд.

Ҳафтум, дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ва бо дарназардошти рушди технологияҳои иттилоотӣ метавон хулоса кард, ки моддаи 301-и Кодекси ҷиноятии ҶТ бояд таҷдид карда шуда, дар қисми 3-юми он меъёрҳои алоҳида бо мазмуни зайл пешбинӣ шаванд:

д) боиси нобудшавӣ ва ё басташавӣ, иттилоот гардида бошад;

е) аз ҷониби шахсе, ки аз мақоми хизматиаш истифода мебарад, ҳамзамон аз ҷониби шахсе, ки ба компютер ва технологияҳои гуногунӣ иттилоотию коммуникатсионӣ ё шабакаи онҳо дастрасӣ дошта бошад, содир шуда бошад.

Ҳаштум, зарур аст, ки бо ба инобати ҳифзи арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ дар шароити рушди бесобиқаи шабакаи иттилоотии электронӣ ва муътадилии тартиботи ҷамъиятӣ, моддаи 301 (1) ба КҶ ҶТ дар мазмуни зайл пешбинӣ гардад:

**Моддаи 301 (1). Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, тавассути шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасонионҳо**

1) Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, тавассути шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасонионҳо, ки боиси халалдор гардидани тартиботи ҷамъиятӣ ва косташавии арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ мегардад,-

бо ... ҷазо дода мешавад.

# БОБИ 2. АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИТТИЛООТ

## 2.1.Объект ва предмети ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот

Объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳангоми содир шудани ҷиноят ба онҳо зарар мерасад. Аҳаммияти омӯзиши объекти ҷиноят дар он аст, ки он аввалан ба муайян кардани ҷиноят будани кирдор мусоидат мекунад, сипас робита ва муносибати онро бо қонунгузории ҷиноятӣ мушаххас месозад ва хусусиятҳои фарққунандаи як ҷиноятро нисбат ба ҷинояти дигар муайян менамояд. Аз таҳлили объекти ҷиноят аломатҳои асосии он ҷиноят ба пуррагӣ бармеоянд.

Яъне:

- То кадом андоза ин ҷиноят барои ҷамъият хавфнокӣ дорад.
- Аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ чи тавр ва то кадом андоза бояд ҳифз карда шавад.
- Дар содир шудани ҷиноят дараҷаи заррари расонидашуда ё таҳти заррар қарор гирифтани объекти ҳифзшаванда муайян карда мешавад.

Дар ҳар як ҷиноят барои дарки объекти ҷиноят чи будани муносибатҳои ҷамъиятиро дар хотир доштан лозим аст.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ як форматсия (рафтори гурӯҳи одамон)-и мураккаби сохторӣ буда, унсурҳои зеринро дар бар мегиранд [133, с. 318]:

1. Субъектҳои муносибатҳо.

2. Муносибати байни субъектҳо.

3. Арзишҳои иҷтимоӣ, ки вобаста ба он муносибатҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд (объектҳои олами моддӣ, арзишҳои маънавӣ (шараф, эътиқод, ақидаҳо), омилхои сиёсӣ (истиклолияти давлат, баробарии миллӣ ва ғайра)).

Тавре, ки олимон Н.Ф. Кузнетсовой, Ю.М. Ткачевский, Г.Н. Борзенкова қайд мекунанд, аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ «дуруст муайян намудани объекти ҷиноят имкон медиҳад, ки табиати ҳуқуқии

кирдор ошкор шуда, мазмун ва шакли он муайян ва доираи субъектон муқаррар гардад, инчунин ин кирдорҳо аз дигар ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ фарқ карда шаванд» [98, с. 105-106].

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ маҷмуи объектҳои ҷиноятии ҳифзшавандаро аз рӯйи таснифоти амудӣ ба чор гурӯҳ тасниф мекунад:

– объектҳои умумӣ (тамоми объектҳои аз ҷониби қонунгузории ҷиноятии ҶТ ҳифзшаванда);

– объекти хелӣ (бо номи фаслҳои КҶ мувофиқ меояд);

– объекти намудӣ (бо номи боби КҶ мувофиқ меояд);

– объекти бевосита (бо номгӯи моддаҳои КҶ мувофиқ меояд).

Ҳолатҳои овардашуда ба тамоми ҷиноятҳо хусусан ҷинояти баррасишавандаи мо (ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот) низ таълуқ доранд. Ба андешаи В.Г. Степанов-Егианс барои фарқ кардани ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот аз дигар ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо, муайян кардани хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии кирдор, вазнинии зарари расонидашуда ё эҳтимоли расонидани заррар, самти кирдори ҷиноякорона ба объекти суиқасди ҷиноятӣ бояд ру овард [86, с. 9-10].

Албатта, дар ин ё он кирдор агар объект ҷой надошта бошад пас онҷо ҳуқуқвайронкунӣ ҷой надорад. Барои фаҳми амиқи ҷиноятҳое, ки ба ғайриқонунӣ ба даст даровардани иттилоот марбутанд, зарур аст, ки объекти ин ҷиноятҳо аз се дидгоҳ таҳлил карда шавад:

а) назари муҳаққиқон ва коршиносон;

б) ҷиҳати қонунгузорӣ ва танзими ҳуқуқӣ;

в) таҷрибаи амалии татбиқи қонун аз ҷониби мақомот.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба объекти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ақидаҳои зиёд ҷой доранд. Аз рӯи иерархия низоми объекти ин ҷиноятҳо ба 4 гурӯҳ тақсим мешаванд. Яъне объекти умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита.

Объекти умумӣ маълум аст, ки ба ҳама ҷиноятҳо як хел татбиқ

мешавад. Аз рӯи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ маҷмуи объектҳое, ки дар ҳифзшаванда ба объекти умумӣ шомиланд (қ.1 м.2 КҶ ҶТ). Бинобар ин зарурати баррасии объекти умумӣ дар ин ҷиноятҳо ҷой надорад.

Объекти хелӣ бошад, аз муносибатҳои ҷамъиятии якхела ва бо ҳам монанд иборат мебошад [104, с. 62]. Аз рӯи объекти хелӣ ҳама ҷиноятҳо дар КҶ ҶТ ба фаслҳои алоҳида ҷудо карда шудаанд. Яъне ҷиноятҳо қисман монанд мебошанд.

Бинобар сабаби он, ки объекти хелии ҷиноятҳо вобаста ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (Фасли 12 КҶ ҶТ) ташкил медиҳад, моро зарур аст, ки ин фаслро ба пуррагӣ баррасӣ намоем.

Олим И.А.Сало чунин мешуморад, ки амнияти ҷамъиятӣ ҳамчун объекти хелии ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ бояд маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмини шароити бехатари зиндагии ҷомеа фаҳмида шавад. Дар ақидаи муаллиф каме нодурустӣ ҷой дорад. Зеро муносибатҳи ҷамъиятӣ, ки ба ҳаёти осоиштаи мардум равона шудаанд, дар умум тамоми объектҳои ҳифзшавандаи қонунгузории ҷиноятӣ мебошанд. Яъне маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ объекти умумӣ мебошанд, на объекти хелӣ. Он гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи иттилооти компютерӣ равона шудаанд, қисми таркибии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ на ба тамоми муносибатҳои амнияти ҷамъиятӣ, балки танҳо дар қисмате, ки бо истеҳсол, нигоҳдорӣ, истифода ва паҳнкунии бехатарии иттилооти компютерӣ алоқамананд, ворид мешаванд. Бинобар ин ақидаи олимро мо дастгирӣ карда наметавонем.

Олими дигар В. Лосев амнияти иттилоотиро ҳамчун объекти ҷиноятҳои баррасишаванда маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар раванди ҳифзи захираҳои иттилоотӣ ва ҳифзи ҳуқуқи субъектҳои иттилоотӣ, инчунин таъмини амнияти истифодабарандагон ва истифодаи системаҳо ва шабакаҳои компютерӣ инкишоф меёбанд, мефаҳмад.

Пешниҳоди олим нисбат ба ақидаи И.А.Сало равшану фаҳмо мебошад. Аммо ин ҷо амнияти алоқа дида намедавад. Алоқа ин раванди интиқоли иттилоот аз як шахс ба шахси дигар тавассути каналҳои гуногуни алоқа тавассути системаи умумии аломатҳо (мубодилаи ахбор байни ду ё зиёда субъектҳо) ва мавчудияти системаи умумии аломатҳо мебошад. Ақидаи олим танҳо дар ҷиноятҳо ба муқибили амнияти иттилоотӣ дуруст мегирад.

В.М. Шкеле чунин пешниҳод доранд, ки иттилоот ин молест, ки хусусияти истифодашавӣ ё мубодиларо дорад. Консепсияи иттилоот ҳамчун шакли табдилёфтаи дониш вобастагии арзиши иттилоотро на танҳо аз хароҷоти истеҳсол ва нигоҳдории он, балки инчунин аз мубрамият ва мақсаднокӣ муайян мекунад. Бинобар ин бо дарназардошти мушкил будани тавсифи дурусти моҳияти иттилоот дар ҷомеаи имрӯза мафҳуми умумии объекти ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотиро дуруст муайян кардан номумкин аст.

Р.Р. Гайфудинов бошад, ба сифати объекти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ номгуи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ медонад [159, с. 5]. Олим бо дарназардошти қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия ин ҳолатро баҳо додааст.

Олими дигар М.В. Старичков низ ин ақидаро дастгирӣ менамояд [182, с. 33]. Чи тавре дар боло қайд кардем объекти хелии ҷиноят он ҷиноятҳое, ки дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ дар як фасл ҷой дода шудаанд, фаҳмида мешавад. Ин ҷиноятҳо дар фасли 9 КҶ ФР (Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ) ҷой дода шудаанд. Аммо чунин ҳолат ба қонунгузории ҷиноятии кишвари мо рост намеояд. Бинобар ин онро мо эътироф карда наметавонем.

Д.В. Пучков низ ақидаи ба ин олимон (Р.Р. Гайфудинов ва М.В. Старичков) монандро пешниҳод мекунад, ки тибқи он объекти ин гурӯҳи ҷиноятҳо маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии муқаррарнамудаи қонунҳо, расму оинҳо ва анъанаҳо фаҳмидан мумкин аст, ки таъминкунандаи дараҷаи кофии амнияти шахсии аъзоёни ҷамъият ва худи ҷамъият мебошад

[175, с. 212]. Дар мафҳуми пешниҳодшуда истилоҳи «Амнияти шахсии аъзоёни ҷамъият ва худи ҷамъият» ифодакунандаи амнияти ҷамъият ва тартиботи ҷамъият мебошад, ки дар боло инро баррасӣ кардем. Ғайр аз ин муаллиф объекти факултативии ин ҷиноятҳоро пешниҳод кардааст. Ӯ мегуяд ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ на танҳо ба масъалаҳои таъмини амнияти он, ки объекти асосии ин намуди ҷиноят мебошанд, балки ба манфиатҳои дигар (Аз қабили: дахолатнопазирӣ ва моликият, ҳуқуқҳои шахсӣ; манфиатҳои моликият; асосҳои сохти конститутсионӣ; амнияти чамъиятӣ ё давлатӣ) низ равона гардидааст. Ин объектҳо низ таҳти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор доранд ва ҳамчун объекти иловагии таҷовуз ҳангоми содир кардани ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ баромад мекунанд.

Низоми қонунгузории ҷиноятии давлати мо низ объекти хелии ин ҷинояҳоро дар фасли алоҳида (фасли 12 КҶ ҶТ) ҷой дода, онро бо номи «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» муаррифӣ мекунад.

Аз тамоми ақидаҳои дар боло овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки объекти хелии ин ҷиноятҳо маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ба амнияти иттилоотӣ равона шудаанд. Ин номгуи объектҳоро дар умум муайян кардан ғайриимкон аст, зеро иттилоот худ мафҳуми васеъ ва беҳудуд аст. Иттилооте, ки қонунгузории ҷиноятӣ истифода мешавад, он иттилооте дар назар дошта мешавад, ки дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар назар дорад. Чи тавре дар боло қайд кардем ҳамаи иттилоотро қонунгузорӣ дигар иттилоотҳо ном бурда номгуи онро мушаххас муайян накардааст.

Паҳлуи дигар дар зербоби баррасишаванда ин объекти намудии он мебошад. Объекти намудӣ маҷмуи объектҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандаро меноманд, ки дар боби КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Яъне муносибатҳои ҷамъиятие, ки объекти намудиро пешбинӣ мекунанд, нисбат ба объекти хелӣ маҳдудтаранд.  Зеро фасли КҶ ҶТ якчанд бобҳоро дар бар мегирад.

Ин қоида ба ҷиноятҳои баррасишавандаи мо низ таълуқ доранд. Аммо муҳимияташ дар он аст, ки фасли 12 КҶ ҶТ, ки «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ»-ро пешбинӣ мекунад, аз як боб (боби 28) иборат аст. Ҳамин боб низ бо номи «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» номгузорӣ шудааст. Аз ин бармеояд, ки қонунгузории ҷинояти кишвари мо объекти хелӣ ва намудии ин ҷиноятҳоро дар як шакл баҳо додааст. Вале бо дарназардошти он, ки дар адабиёти илмӣ ин ду масъала ба таври алоҳида баррасӣ гардидаанд онҳоро мо ба таври алоҳида баррасӣ менамоем.

Баъзе олимон (И. А. Клепиский [94, с. 352], А.Н. Попов [54, с. 647], Т.Г. Смирнова [180, с. 32], С.Г. Спирина [181, с. 93] ва ғайра) чунин мешуморанд, ки объекти намудии «амнияти иттилоотӣ (ҳамчун як намуди амнияти ҷамъиятӣ) – маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки таъмини истифодаи бехатари системаҳо ва шабакаҳои компютериро амалӣ менамоянд. Яъне истифодаи онҳо тарзе ба роҳ монда мешавад, ки ба пешгирӣ аз расонидани зарар ба шахс, ҷомеа ва давлат равона бошад» [94, с. 352]. Олимон ин ҷо объекти намудиро ба таври умумӣ, ки номгуи онҳо номаълуманд маънидод намудаанд. Объекти намудӣ бояд ба таври мушаххас маълум бошанд. Қонунгузории ҷиноятӣ ғайр аз бобе, ки масъалаҳои амнияти иттилоотиро дар бар мегиранд дар дигар моддаҳо амнияти иттилоотиро низ пешбинӣ намудааст. Вале онҷо ба ҳайси объекти иловагӣ баромад мекунанд (м.144, 307(1), 179 ва ғ.).

Як гурӯҳ олимони дигар ба моанди (В.Б. Вехов [31, с. 21], В.В. Воробев [157, с. 44], А.М. Доронин [161, с. 75], В.В. Крилов [59, с. 9], Ю.И. Ляпунов [130, с. 9] ва В.Ю. Максимов [130, с. 9], А.В. Пушкин [56, с. 351], К.С. Скоромников [79, с. 337], О.М.Сафонов [178, с. 11] ва дигарон) объекти намудиро ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи истифодаи қонунӣ ва бехатари иттилооти компютерӣ муайян мекунанд. Ин нуқтаи назар барои мо афзалтар ба назар мерасад, зеро истифодаи қонунӣ ва бехатари иттилооти компютерӣ на танҳо таъмини амнияти иттилоотӣ,

балки ҳифзи тартиботи ҷамъиятиро дар соҳаи иттилоот низ дар назар дорад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба проблемаи объекти намудии ин намуди ҷиноятҳои баррасишаванда ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Омӯзиши ин масъала, ки дар адабиёти илмӣ низ ихтилофотро нишон медиҳад, ки дар умум ин тавр онро пешниҳод кардан мумкин аст:

– ҳуқуқу манфиатҳои давлат, ҷамъият ва шахсият ба ҳайси соҳибмулк ё молик ва бавуҷудоии муносибатҳо вобаста ба амнияти истифодаи машинаҳои электронии ҳисоббарор (минбаъд МЭҲ);

– тартиби сохтан, истифода бурдан, ихтиёрдорӣ, нигоҳ доштан, ҳифз ва паҳн кардани маълумоти компютерӣ;

– амнияти ҷамъиятӣ, ки таъминкунандаи амнияти истифодаи системаи компютерӣ ва шабакаи компютерӣ ва дигарҳо, ки истифодаи онҳо расонидани зарарро ба шахсият ҷамъият ва давлатро истисно мекунад; муносибатҳо вобаста ба истеҳсол нигоҳдорӣ, истифодабарӣ, паҳн кардан ё ҳифзи иттилооти компютерӣ; муносибати дуруст бо амнияти истифодаи иттилооти компютерӣ [64, с. 23]; муносибатҳо вобаста ба амнияти иттилооти компютерӣ ва кори муътадили МЭҲ;

– амнияти компютерӣ, ки ҳолати амнияти иттилооте, ки дар компютер, системаи компютерӣ ва шабакаҳои он, воситаҳои техникӣ ва барномавии он, ки эҳтимолияти ҳадди ақали расонидани зарарро ба онҳо таъмин менамояд, фаҳмида мешавад [124, с. 309-314], [111, с. 89];

– амнияти компютерӣ ҳамчун сохтори ҳифзи иттилоот ҳангоми истифодаи МЭҲ, системаҳо ва барномаҳои компютерӣ, воситаҳои техникӣ ва барномавии онҳо;

– амнияти иттилоотӣ. Ин равиши навъоварона хусусиятҳои хоссаи худро доро мебошад.

Имрӯз мафҳуми «амнияти иттилоотӣ» дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар нашудааст. Танҳо дар дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст, ки вобаста ба он мо дар боло гуфта гузаштем. Дар адабиёти

илмӣ бошад, бо маҷмуи манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат муайян карда мешавад. Бинобар сабаби он, ки гап сари объекти ин ҷиноятҳо меравад моро зарур аст, ки аз рӯи вазъи объекти он ақидаҳои олимонро ин ҷо орем.

Бархе аз муаллифон амнияти иттилоотиро, аз як тараф, имконнопазирии расонидани зарар ба объект ва аз тарафи дигар, моликияти худи объект барои расонидани зарар ба объекти дигари соҳаи иттилоот мешуморанд.

Гурӯҳи дигари олимон бо истифода аз мафҳуме, ки низоми қонунгузорӣ пешбинӣ кардааст амнияти иттилоотиро ҳамчун ҳолати муҳофизати иттилоот мешуморанд [22, с. 18], [180, с. 12].

Амнияти иттилоотӣ яке аз масъалаҳои калидии асри XXI ба ҳисоб рафта, дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ аҳаммияти он рӯз аз рӯз бештар мегардад. Дар асоси таҳлил ва баррасиҳои назариявии мавҷуда, метавон амнияти иттилоотиро ба ду шоха: васеъ ва маҳдуд ҷудо кард. Ба маънои васеъ амнияти иттилоотӣ ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлатро дар соҳаи иттилоот аз таҳдидҳои дохилӣ ва таъсироти беруна дар бар мегирад. Ин таҳдидҳо метавонанд ҳам манбаъҳои киберӣ дошта бошанд ва ҳам хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дошта бошанд, ки амнияти умумии ҷомеа ва суботи давлатро зери хатар мегузоранд. Дар ҳамин ҳол, мафҳуми маҳдуди амнияти иттилоотӣ ба муҳофизати мустақими худи иттилоот – аз нобудшавӣ, ифшо, тағйир ё дуздӣ нигаронида шудааст.

Муҳим аст қайд кард, ки дар шароити муосир дигар наметавон танҳо ба мафҳуми маҳдуд такя кард, зеро иттилоот имрӯз ба унсури муҳими ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳатто ба манбаи тавоноии сиёсӣ ва иқтисодӣ табдил ёфтааст. Дар ин замина, муайян кардани амнияти иттилоотӣ бояд на танҳо аз дидгоҳи техникии ҳифзи додаҳо, балки ҳамчун кафолати амнияти шахс, ҷомеа ва давлат баррасӣ гардад. Аз ин рӯ, амнияти иттилоотӣ дар таносуб

бо дигар институтҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ, бояд мавриди таҳлил қарор гирад, зеро бисёре аз таҳдидҳои иттилоотӣ метавонанд бо унсурҳои ҷиноятӣ ҳамбастагӣ дошта бошанд.

Ҳамин тавр, таҳкими амнияти иттилоотӣ дар асоси ҳифзи манфиатҳои умумии ҷамъиятӣ ва давлатӣ бояд ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ шинохта шавад. Ин маънои онро дорад, ки қонунгузории ҷиноятӣ низ бояд дар баробари дигар соҳаҳо барои пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи иттилоот тадбирҳои муассирро пешбинӣ намояд. Махсусан, бо назардошти хусусияти тағйирёбандаи ҷиноятҳои киберӣ, навсозии пайвастаи меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба амнияти иттилоотӣ зарур шуморида мешавад.

Дар Қисми махсуси КҶ ҶТ амнияти иттилоотӣ бо муқаррар кардани ҷавобгарӣ на танҳо барои ҷиноятҳои дар боби «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» пешбинишуда ҳифз карда мешавад, инчунин барои ҷиноятҳои дигар (таҷовуз ба сирри маълумоти махфӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти иттилоотӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, сӯиқасд ба муомилоти иттилоот ва амалӣ намудани ҳуқуқ ба гирифтани иттилоот, ҷиноятҳо ба муқобили озодии обрӯ ва эътибори шахсият равонашуда, ҷиноятҳое, ки бо паҳн кардани маълумоти бардурӯғ, хиёнат ба давлат, ҷосусӣ ва ғ.). Лекин дар аксари ин ҷиноятҳо ба ҳайси объекти иловагӣ баромад мекунанд. (Масалан, таҷовуз ба номус. Объекти асосӣ ин озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ва объекти иловагӣ амнияти иттилоотии ба шахсият алоқамандбуда мебошад).

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки объекти намудии ин ҷиноятҳо танҳо ба як боб маҳдуд шуда наметавонад. Вале вақте ки сухан дар бораи боби «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» меравад, боби мазкур танҳо амнияти иттилоотие, ки ба технологияи компютерӣ, системаи компютерӣ ва шабакаҳои компютерӣ равона шудаанд, дар назар дорад.

Камбудӣ ин ҷо дар он аст, ки амнияти иттилоотӣ дар боби 28 КҶ ҶТ ҷой дорад, ин аст ки амнияти иттилоотиро ба маънои маҳдудтар истифода намудааст.

Бинобар ин ба мақсад мувофиқ аст, ки номи боби 28 КҶ ҶТ ба таври зайл тағйир ёбад: «Боби 28 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва алоқаи барқӣ».

Камбудии дигар дар ин боб дар он аст, ки объекти намудиро ба таври равшан ва фаҳмо пешбинӣ накардааст, яъне хусусиятҳои компютерии иттилоот ин ҷо нишон дода нашудааст.

Дар боби мазкур танҳо объекти намудӣ ба тавре маҳдуд шудааст, ки амнияти иттилооти компютерӣ ва алоқаи шабакаи техникиро дар назар дорад.

Қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ин масъала меъёрҳоро дар боби 28 КҶ ҶТ ҷой дода, самти муайян кардани объекти намудии ин ҷиноятҳоро - ҷиноятҳоеро, ки ба муносибатҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунӣ бо маълумоти компютерӣ халал мерасонанд, муқаррар кардааст.

Ин ҷо нуктаи назари гурӯҳи сеюми олимонро низ пешниҳод кардан мумкин аст, ки ба андешаи онҳо амнияти иттилоотӣ тавассути муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад.

Амнияти иттилоотӣ ҳамчун як маҷмуи муносибатҳои иҷтимоие арзёбӣ мегардад, ки дар он ҳимояи манфиатҳо ва ҳуқуқҳои субъектҳои мухталиф дар самти истифода ва ҳифзи иттилоот ва захираҳои иттилоотӣ дар фаъолияти устувори ҷомеа нақши асосӣ мебозад. Ин муносибатҳо инчунин ба самтҳои муҳофизати захираҳои иттилоотӣ, таъмини амнияти ҳуқуқии субъектҳои иттилоотдор ва кафолати истифодаи бехатар ва самараноки системаҳою шабакаҳои компютерӣ марбутанд.

Моҳияти амнияти иттилоотӣ аз як ҷиҳат дар он ифода меёбад, ки он ба рушди устувори муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат намуда, ҳифзи боэътимоди манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ таъмин мекунад, ва аз ҷониби дигар, ҷиноятҳои дар боби 28

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ба ҳамин муносибатҳо таъсир расонда, муҳтавои ҳуқуқии амнияти иттилоотиро ташаккул медиҳанд.

Дар асоси ин консепсияи нави таҳлили объекти намудии ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоот ҳамчун амнияти иттилоотӣ муносибати анъанавии дарки объекти ҷиноят ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандаро, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳия шудааст, бекор намекунад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло ва бо дарназардошти он, ки «ҳуқуқ дар маънои муосири худ ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад, ки дар соҳаҳо, падидаҳо ва меъёрҳои онҳо на танҳо манфиатҳо, мақсад ва неъматҳои ҳаётии инсон ифода ёфтаанд, балки тартиби ҳуқуқии таъмини онҳо» ва меъёрҳои бо боби 28 КҶ ҶТ ҳифзшаванда муносибатҳоеро, ки ҳолати бехатарии истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, истифода, коркарди иттилооти компютерӣ ва фаъолияти муътадили компютерро аз суиқасди гуногун объекти намудии ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ дар соҳаи истифодаи технологияи компютерӣ муайян карда мешавад. Ба таври дигар, амнияти иттилоотӣ доираи муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки ба таъмини ҳолати бехатарии раванди истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, истифода ва коркарди иттилооти компютерӣ, инчунин кори муътадили таҷҳизоти компютерӣ равона шудаанд ва ҳимояи онҳоро аз таҳдидҳои гуногун таъмин месозанд.

Муайян намудани объекти намудӣ бо чунин тарзи таҳлил имкон медиҳад, ки ҷиноятҳое, ки дар боби 28-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, аз дигар ҷиноятҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ дахл доранд, дақиқтар ва равшантар фарқ карда шаванд. Ин ба қонунгузор имконият фароҳам меорад, ки ҷиҳати криминализатсия кардани кирдорҳое, ки қонуншиканӣ ба шумор меравандд ва ба муносибатҳои марбут ба амнияти иттилоотӣ ва истифодаи технологияҳои муосири компютерӣ дар коркарди иттилоот дахл доранд, амал карда,

инчунин бо ворид кардани ҷиноятҳои нав ба низоми ҳуқуқӣ, муборизаи самаранокро бар зидди чунин амалҳо ба роҳ монад.

Ҳолатҳои зикршуда асос фароҳам меоранд, то номи боби 28-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва алоқаи барқӣ» иваз карда шавад. Навъи объект дар ҳамаи ҷиноятҳое, ки ба соҳаи иттилооти компютерӣ дахл доранд, умумӣ мебошад. Тафовут миёни ҷиноятҳои дар боби 28 пешбинигардида танҳо тавассути муайянсозии объекти бевоситаи онҳо моҳияти илмиву амалии худро пайдо месозад.

Ин ҷо паҳлӯи дигар ва асосӣ дар зербоби баррасишавандаи рисола ин объекти бевоситаи он мебошад. Аҳаммияти асосии объекти бевосита дар ҳуқуқи ҷиноятӣ аз инҳо иборат мебошад:

- бандубасти ҷиноятро пурра ва дуруст муайян мекунад;
- як ҷиноятро аз дигар ҷиноят ҳаматарафа фарқият мегузорад;
- андозаи зарари аз ҷиноят расонидашударо муайян мекунад;
- ба таъини ҷазо метавонад таъсир расонад. Яъне ҳангоми таъини ҷазо ҳолатҳои сабуккунанда ва ё вазнинкунандаро муқаррар мекунад, шахсияти гунаҳгорро муайян мекунад ва ғайраҳо;

Дар раванди муайянсозии объекти бевоситаи ҷиноятҳо, ки ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот марбутанд, низ ҳолатҳои махсус мавҷуданд, ки ба таҳлил ниёз доранд. Аз ҳамин ҷост, ки ба баррасии муфассали масъалаи объекти бевоситаи чунин ҷиноятҳо зарурат ба миён меояд. Таҳлили пажӯҳишҳои илмӣ дар ин самт имконият фароҳам меорад, ки то кадом дараҷа хавфнокии ҷиноятҳои марбут ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот барои ҷомеа хавфнок арзёбӣ шуда, заминаи дар низоми қонунгузорӣ бандубаст намудани онҳоро фароҳам меорад. Ин раванд хусусиятҳо онҳоро аз дигар моддаҳои зикршудаи боби 28 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Як қатор олимон объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ба даст овардани

иттилоотро, ки дар истифодаи мошинаҳои электронии ҳисоббарор (минбаъл – МЭҲ), системаи МЭҲ ё шабакаи онҳо ҷойгир аст (яъне амнияти фаъолияти ҳамаи субъектҳои соҳибони иттилоот ё операторони системаҳои иттилоотӣ дар эҷод ва истифодаи иттилоот, яъне дар бораи ба амал баровардани ваколатҳои худ дар доираи муқаррарнамудаи қонун, амнияти истифодаи иттилооти компютерӣ, захираҳои иттилоотӣ ва системаҳои компютерӣ), медонанд [60, с. 93], [21, с. 10], [128, с. 83].

Нуқтаи назари олимон мушаххас пешниҳод шудааст, ки ифодакунандаи объекти бевоситаи ин ҷиноятҳо мебошад. Яъне гап сари танҳо ҳифзи маълумотҳои махфӣ-компютерӣ аз ғайриқонунӣ ба даст овардани онҳо меравад. Бинобар ин ақидаи мазкурро дастгирӣ кардан мумкин аст.

Пешниҳоди дигари таҳлилӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқӣ ва ҷиноятии иттилооти компютерӣ чунин аст, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои мушаххаси шаҳрвандон метавонанд ҳамчун объекти бевоситаи дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ эътироф шаванд.

Тарафдорони ин назария бар онанд, ки ҳангоми содир гардидани чунин кирдорҳо, на танҳо ба низоми техникии иттилоотӣ, балки ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низ зарар мерасад [80, с. 15], [63, с. 27], [130, с. 9]. Ба чунин ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳифзшаванда, ки аз ҷониби муаллифон муайян гардидаанд, чанд омил дохил мешавад: ҳуқуқи соҳиби система ба дахлнопазирии иттилооти мавҷудбуда дар он; ҳуқуқ ва манфиатҳои махсуси ҳифзшуда, ки тибқи қонуни ҷиноятӣ муайян шуда, дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ поймол мешаванд; ҳуқуқи шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои дигар ба дастрасӣ ва истифодаи иттилоот, ки доираи васеи корбаронро дар бар мегирад; ва ҳамчунин ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар бахши моликият, ихтиёрдорӣ ва истифодаи иттилооти компютерӣ ҳамчун як навъи молу мулк. Дар маҷмуъ, ин пешниҳод ба таҳкими ҳимояи ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ равона гардида, мақоми ҳуқуқии субъектони ҷомеаро нисбат ба иттилооти

компютерӣ возеҳтар муайян мекунад.

Аз ин бармеояд, ки муайян кардани объекти бевоситаи ҷинояти дар моддаи 301 КҶ ҶТ пешбинишуда комилан дуруст ба назар намерасад. Зеро моддаи мазкур расонидани зарар ба ҳама гуна манфиатҳои ҷамъиятӣ ва ҳолати амнияти иттилоотиро дар назар дорад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян гардидааст, ки ҷиноят дар баробари тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйир меёбад, на ба расонидани зарар ба объекти ҷамъиятӣ ё давлатӣ [190, с. 25], [71, с. 130], [82, с. 154].

Дар робита ба ин масъала метавон бо он андешаронихо розӣ шуд, ки тибқи он объекти бевоситаи дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ тавассути таҷовуз ба муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Ин муносибатҳо чунин хусусиятҳоро доранд:

– онҳо амнияти (даҳлнопазирии) иттилооти компютериро таъмин менамоянд;

– ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ маънидод мешаванд, ки ба риоя ва таъмини амнияти қонунии қабул, коркард ва истифодаи иттилооти компютерӣ, ҳамчунин фаъолияти муътадили таҷҳизоти компютерӣ равона шудаанд;

– ҳамчунин ин маҷмуи муносибатҳо ба амнияти иттилооти компютерӣ ва воситаҳои ахбори омма вобаста мебошанд.

Ин нуқтаи назар имкон медиҳад, ки таъсири манфии дастрасии ғайриқонунии иттилоот на танҳо ба худи маълумот, балки ба тамоми системаи муносибатҳои иҷтимоӣ, ки барои ҳифзи амнияти иттилоотӣ таъсис ёфтаанд, баррасӣ шавад.

Нуқтаи ба ин ақидаҳои дар боло овардашударо олими дигар Малишенко Д.Г. пешниҳод мекунад, ки тибқи он объекти бевоситаи дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳуқуқи соҳиби иттилооти компютериро барои эҷод, нигоҳдорӣ, истифода ва интиқоли бехатари он таъмин мекунанд [172, с. 56].

Ин ҷо як нуқтаи муҳимро қайд кардан зарур аст, ки дастрасии ғайриқонунии иттилооти компютерӣ ғайр аз объекти асосии бевосита боз объекти иловагӣ низ дорад.

Аз ин рӯ, ҳангоми таҳлили объекти бевоситаи ҷинояти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бояд ба мафҳуми «объекти иловагии ин ҷиноят» мухтасар таваҷҷуҳ карда шавад. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти иловагӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки нисбат ба ҳифзи мустақили ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мақсад ва вазифаҳои муайян доранд, вале бо қонун танҳо бо хусусияти тасодуфӣ муҳофизат мешаванд. Ин ҳолат он вақт рух медиҳад, ки таҷовуз ба объекти асосӣ метавонад боиси расонидани зарари эҳтимолӣ ба ин муносибатҳо шавад.

Объекти иловагӣ метавонад объекти асосии дигар моддаи қонунгузории ҷиноятӣ бошад, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят ба он низ зарар мерасад ё бо моддаи мавриди баррасӣ ҳамзамон ва дар баробари объекти асосӣ ҳифз карда мешавад. Ин масъала имкон медиҳад, ки дар таҳлили ҷиноятҳо ҳам ҳифзи муносибатҳои асосӣ ва ҳам он муносибатҳои иловагие, ки бо амалҳои ҷиноятӣ хатари зарар дучор мешаванд, ба таври фарогир ва дақиқ ба назар гирифта шаванд.

Объекти иловагӣ метавонад сатҳи хавфнокии ҷинояти содиршударо барои ҷамъият бештар кунад. Ба ин гурӯҳ метавон муносибатҳоеро дохил намуд, ки дар соҳаи ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, дахлнопазирии шахсӣ ва дигар соҳаҳо қарор доранд. Ин муносибатҳо, ҳарчанд дар қонун ба таври мустақил ҳифз нашуда бошанд ҳам, тавассути ҷиноятҳои содиршуда метавонанд осеб ё зарар бинависанд ва ба ҳамин тартиб хавфнокии умумии кирдорро афзоиш диҳанд.

Ҳама ин ҳолатҳои овардашуда нисбати объекти иловагӣ ба ҷинояти баррасишавандаи мо (ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот) низ таълуқ дошта метавонад. Одатан, мавҷудияти объекти иловагӣ ҳангоми содир кардани кирдоре, ки ҳамчун ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти компютерӣ ба шумор меравад, муайян карда мешавад. Он дар якҷоягӣ бо

моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ заминаи асосии бандубасти ҷиноят мегардад. Масалан, дар сурати ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, нусхабардорӣ ва паҳн кардани маълумоти компютерӣ дар бораи ҳаёти шахсии шахс, амали ҷинояткор тибқи маҷмуи моддаҳои 301 ва 156 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд. Масъалаи муайян кардани мавзуи ғайриқонунӣба даст овардани иттилооти копютерӣ таваҷҷуҳи зиёди илмӣ ва амалӣ дорад.

Л.Л. Крутикив чунин мешуморад, ки ба ҳайси объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти копютерӣ маҷмуми маълумотҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ баромад мекунад [92, с. 630]. Ба фикри мо пешниҳоди олим ба таври васеътар пешниҳод шудааст. Яъне ифодакунандаи объекти бевоситаи якчанд ҷиноятҳое мебошанд, ки дар моддаҳои алоҳидаи қонунгузории ҷиноятӣ ҷой дода шудаанд. Олим агар қонунгузории ҷиноятии ФР-ро ҳам дар назар дошта бошад, каме хатогӣ дида мешавад. Боби 28 КҶ ФР низ иттилооти компютериро объекти якчанд моддаҳо муқаррар кардааст. Дар муқоиса агар ба муқаррароти КҶ ҶТ назар кунем иттилооти компютерӣ ба боби ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ рост меояд, ки объекти намудии ин ҷиноятҳоро ташкил медиҳад. Бинобар ин ақидаи олим ҷолиби дастгирӣ намебошад.

Дигар муҳаққиқон низ чунин пешниҳод доранд, ки вобаста ба якчанд ҳолатҳо объекти бевоситаи ҷиноятҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютериро гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

– ҳуқуқу манфиатҳои муайяни бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда, ки ҳангоми содир кардани кирдори ҷиноятӣ ба онҳо зиррар мерасанд;

– муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба риоя ва таъмини амнияти дастрасии қонунӣ, коркард ва истифодаи иттилооти компютерӣ ва ҳатто ба кор даровардани техникаи компютерӣ [28, с. 35];

– ҳуқуқи истифодабарандагони системаи компютерӣ ба дахлнопазирии иттилоот, ки дар ин система нигоҳ дошта мешавад ва тартиби ба кор даровардани компютерро амалӣ мекунад [50, с. 352];

– муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи иттилооти компютерӣ [64, с. 23].

Дар ин таснифот як чизро ба назар гирифтан зарур аст, ки объекти суиқасдро на бояд ба ин ё он неъмати моддӣ, ки ба ӯ заррар мерасад шабеҳ кард. Ҷиноят ҳама вакт ба ин ё он муносибати ҷамъияти равона аст, на ба он неъмате, ки ба ӯ заррар мерасад. Дар ин самт ҳам олим В.Ю. Максимов менависад, ки ҳангоми нусхабардорӣ ё муҳосира кардани иттилооти компютерӣ иттилоот бе ягон тағйирот ва безаррар мононда мешавад. Дар ин ҳолат маълумотҳои электронӣ дар ҳолати аввала боқӣ мемонанд ва ин ҷо робитаи мутақобилаи одамон вобаста ба истифодаи иттилоот меравад, ки дар навбати худ муносибати ҷамъиятиро ташкил медиҳад [64, с. 23].

Дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ, объекти бевоситаи ҷинояти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ки дар моддаи 301-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки ба фаъолияти қасдан нусхабардории ғайриқонунӣ ё бо дигар роҳҳои ғайриқонунӣ дастрасӣ ё гирифтани иттилооти бо қонун ҳифзшаванда дахл доранд. Ин иттилоот метавонад дар ҳомили электронӣ нигоҳ дошта шуда, дар низоми иттилоотӣ маҳфуз бошад ё тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ интиқол дода шавад. Дар натиҷа чунин амалҳо ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилотҳо, ҷамъият ва давлат таъсири ҷиддӣ расонида, онҳоро вайрон менамоянд.

Аз таҳлили низоми муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ бармеояд, ки ин муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд:

– муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба қасдан нусхабардории ғайриқонунии иттилооти бо қонун ҳифзшаванда марбутанд;

– маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба бо дигар усулҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти бо қонун ҳифзшаванда дахл доранд.

Ба фикри мо, истилоҳоте, ки дар ин моддаи пешбинӣ шудаанд, яъне «нусхабардории қасдани ғайриқонунӣ» ва «бо дигар усули ғайриқонунӣ» ҳар ду

як маъноро ифода мекунанд. Нусхабардории ғайриқонунӣ як усули ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумот мебошад. Пас, бо дарназардошти ин, ба назар мерасад, ки дар диспозитсияи моддаи 301 КҶ ҶТ зарур нест ба таври алоҳида «нусхабардории ғайриқонунӣ» оварда шавад ва иваз кардани ин истилоҳ бо «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» мувофиқи мақсад хоҳад буд. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки матни моддаи 301 ба шакли зерин тағйир дода шавад: Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти бо қонун ҳифзшавандае, ки дар ҳомили электронӣ нигоҳ дошта мешаванд, дар низоми иттилоотӣ маҳфузанд, ё тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ интиқол дода мешаванд, агар ин боиси вайронкунии назарраси ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд, ё ташкилот ва ё манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҷамъият, ё давлат гардидааст.

Аз ҷиҳати амалияи ҳуқуқтатбиққунанда низ дар муайян кардани объекти бевоситаи ин ҷиноятҳо камбудӣ ба назар мерасад. Аз 150 парвандаҳои ҷиноятии омӯхташуда дар 90%-и ҳолатҳо судҳо дар ҳукми таъиннамудаи худ як ибораро истифода мекунанд [222], [224], [217], [229], [216], [223]. Яъне «Бо ин ҳаракатҳои худ номбурда ҷинояти дар моддаи 301 КҶ ҶТ содир намудааст». Аммо мутаассифона доираи мушаххаси муносибатҳо ё амалҳое, ки объекти бевоситаро ташкил диҳанд оварда нашудааст. Ҳолати воқеии ҳодисаи ҷиноят дар ҳукм ҷой дода шудааст, вале дуруст ишора ба объекти бевоситаи ҷиноятҳои баррасишаванда намеравад.

Масалан бо ҳукми суди ш.Ваҳдат шаҳрванд А бо моддаи 301 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб шудааст. Ҳолати кор ин аст, ки ӯ аз соли 2019 то инҷониб дар ҶДММ ба ҳайси муҳосиб кору фаъолият менамуд. Дар давоми фаъолияташ ба корҳои мудири бахши муҳосибот шаҳрванд Б аҳаммият медиҳад. Тактикаи кории ӯ ба шаҳрванд А бисёр маъқул меояд. Зеро ӯ фаъолияти кории муҳосибии худро бо роҳи сохтани барномаҳои компютерӣ як низоми нав сохта буд. Бо ин низом кораш сабук, дуруст ва бехато пеш мерафт. Шаҳрванд А ин фаъолияти ӯро дида бисёр писандаш

меояд. Як рӯзи ғайрикорӣ (якшанбе) бо баҳонаи анҷом додани корҳои нотамомаш ба ҶДММ ворид шуда, чунон вонамуд мекунад, ки баъзе корҳояшро барои рӯзи корӣ пешакӣ тайёр мекунад. Аз оромӣ ва набудани кормандон дар ҷойи кор ӯ истифода карда ба компютери кории мудири бахши муҳосибот шаҳрванд Б медарояд. Тамоми барномаҳои сохтаи ӯро нусхабардорӣ карда барои худ мегирад. Дар натиҷа ин барномаҳои сохташударо аз компютери шаҳрванд Б несту нобуд мекунад, ки дар натиҷа ба шаҳрванд Б заррар мерасонад. Дар ин ҳукм низ суд истилоҳоти «Бо ин ҳаракатҳояш ҷинояти дар моддаи 301 қисми 1 КҶ ҶТ-ро содир мекунад» меорад.

Дар натиҷаи таҳлили ин масъала чунин хулосабарорӣ кардем, ки объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба сохтан, ба даст овардан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда ва таъминкунандаи доимии вазъи амнияти иттилоотӣ ва кори муътадили МЭҲ, системаи МЭҲ ё шабакаҳои онҳо мебошад.

Ин ҷо як масъаллаи мустақили дигар бояд, баррасӣ карда шавад, ин предмети ҷинояти баррасишаванда мебошад. Маълум аст, ки дар кирдори шахс муқаррар кардани объекти ҷиноят ва таснифи он давраи аввали бандубасти ҷиноят мебошад. Дар ин давра мумкин аст дар доираеро муайян кард, ки чи тавр ва бо кадом роҳ суиқасд бо объекти ҷиноят бавуҷуд омадааст. Ин масъала мушкил аст ва танҳо дар алоқа муайян кардани предмети ҷиноят ҳалли худро меёбад. Бинобар ин ба таҳлили предмети ҷинояти баррасишавандаро рӯ меорем.

Предмети ҷиноят – ин неъматҳои моддӣ мебошанд, ки дар натиҷаи содиршавии ҷиноят ба онҳо зарар мерасанд ё онро тағйир медиҳанд. Аҳаммияти ҳуқуқи-ҷиноятии предмети ҷиноят аз омилҳои зерин иборат аст:

1) дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ҷиноятро баланд ё паст мекунад;

2) ба бандубасти ҷиноят таъсир мерасонанд;

3) меъёри ҷудо кардани як ҷиноят аз дигар ҷиноят мебошад [104, с. 63].

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба предмети ҷиноят нақши халкунанда дода шудааст, ки тибқи он предмети ҷиноят ашёҳои олами моддӣ мебошанд ё ба таври дигар «ин унсури таҷассумпазири олами моддӣ, ки таҳти таъсири он шахси гунаҳгор нисбати объекти ҷиноят таҷовуз анҷом медиҳад» [61, с. 216].

Профессор Т.Ш. Шарипов ба он ақида аст, ки предмети ҷиноят, дар як ҳолат, ба бандубасти ҷиноят таъсир мекунад, дар дигар ҳолат, дар таъин намудани ҷазо ба эътибор гирифта мешавад [103, с. 100].

Ақидаи олим гарчанде мафҳуми предмети ҷиноятро мушаххасан муайян намекунад, вале аҳаммияти предмети ҷиноятро дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян кардааст.

Хулоса, предмети ҷиноят ин як маҳаки ёридиҳанда барои ошкор ва тафтиши ҷиноят, муайянкардани бандубасти ҷиноят ва ҳатто таъини ҷазо нисбати ҷинояти содиршуда мебошад.

Масъалаи асосӣ ин ҷо предмети ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот мебошад. Оид ба масъалаи мазкур дар байни олимон ақидаи мухталиф ва монанд зиёд ҷой дорад.

Масалан, А.В. Суслопаров ба сифати предмети ин ҷиноят танҳо маълумотро дохил мекунад [187, с. 124]. Олим фикри худро бо он асоснок мекунад, ки ҳангоми содир шудани ин ҷиноятҳо танҳо ба иттилоот заррар мерасад. Ба фикри мо ин каме бе асос мебошад. Зеро ба ҳайси предмети ҷиноят бояд олами моддӣ ё ғайримоддие баромад кунад, ки ҳангоми содир шудани кирдори ҷиноятӣ ба ӯ заррар расад ё онро тағйир диҳад. Масалан, ҳангоми нусхабардории ғайриқонунӣ ё бо ягон роҳи дигар ба даст овардани иттилоот тамоман ба иттилоот заррар расонида намешавад. Бинобар ин, ақидаи олимро ҷонибдорӣ кардан каме нодуруст мебошад.

Олими дигар О.А. Гаврилов ба ҳайси предмети ин ҷиноят «тамоми

таҷҳизоти техникӣ»-ро шомил медонад. Зеро тамоми маълумотҳо дар он нигоҳ дошта мешавад [37, с. 44].

Ин ҷо як масъаларо ба назар гирифтан зарур аст, ки оё шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳайси таҷҳизоти компютерӣ дохил мешавад ё не? Зеро маълумот дар ин шабакаҳо низ метавонад нигоҳ дошта шавад. (Масалан, почтаи электронии майлагент.) Ба фикри мо не. Инҳо барномаҳои компютерӣ мебошанд на таҷҳизот. Таҷҳизот қисми таркибии компютер мебошад ва олами моддӣ мебошад. Аз ин рӯ, нуқтаи назари олим бе асос мебошад.

Чунин нуқтаи назар низ вуҷуд дорад, ки предмети ҳама гуна ҷиноятҳои компютерӣ бояд компютер ҳамчун системаи иттилоотӣ ва интиқолдиҳандаи иттилоот баромад намояд [57, с. 78]. Ин нуқтаи назар дар шакли том мебошад. Ба ҳама ҷиноятҳои компютерӣ таалуқ дорад ва моро зарур аст, ки предмети ҷинояти баррасишавандаро дар алоҳидаги баррасӣ намоем.

Ба ҳамин монанд, андешае вуҷуд дорад, ки предмети ҷинояти мазкур (ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот) метавонад иттилооти компютерӣ, компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи компютерӣ бошад. Бо вуҷуди ин, аксари олимон маҳз ба ҳамин нуқтаи назар аҳаммият медиҳанд ва онро ҳамчун ҷанбае муҳими мавзӯи ҷинояти дар моддаи 301-и Кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинишуда баррасӣ мекунанд.

Ин имкон медиҳад, ки доираи таҳқиқ ва таҳлили ҷиноят васеъ ва бо дарназардошти ҳамаи ҷузъҳои техникии он амалӣ гардад, зеро он барои фаҳмиши амиқ ва татбиқи самараноки қонунгузорӣ муҳим аст.

Бо дарназардошти ин нуктаҳо К.В. Гаврилин таъкид мекунад, ки зарар расонидан ё вайрон кардани компютер, ки боиси нест шудани иттилооти нигоҳдошташуда дар он мегардад, ба маънии ҳуқуқии кирдори ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот мувофиқат намекунад ва бинобар ин барои ҷавобгарии ҷиноятӣ асос намебошад.

Ин олим бар он андеша аст, ки шомил кардани воситаҳои техникии

нигоҳдории иттилоот ҳамчун предмети ҷинояти мазкур метавонад мушкилот эҷод намояд, хусусан дар ҷудо кардани ҷиноятҳои соҳаи иттилоотӣ ва ҷиноятҳои зидди моликият. Ҷиноятҳое, ки бо воситаҳои техникии нигоҳдории иттилоот алоқаманданд, бояд ҳамчун ҷиноятҳои зидди моликият тасниф шаванд. Соҳиб шудан ба компютер ё дигар воситаҳои нигаҳдории иттилоот наметавонад ҳамчун ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ пазируфта шавад ва чунин амалҳо бояд ҳамчун ҷиноятҳои молу мулкӣ ба ҳисоб оянд. Ҳатто агар дар натиҷаи чунин кирдор иттилооти дар компютер нигоҳдошта нобуд гардад, моддаи 301 КҶ ҶТ татбиқ намегардад, зеро мақсад ва объект ба муносибатҳои моликиятӣ дахл доранд, на ба муносибатҳои иттилоотӣ.

Аз ин андешаронӣ бармеояд, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд фарқият байни зарари ба воситаҳои техникии нигоҳдории иттилоот ва дастрасӣ ё нусхабардории ғайриқонунии худи иттилоот ҷудо карда шавад.

Баъзе олимон ба предмети ҷинояти мазкур муҳити иттилоотӣ, яъне фаъолияти субъектҳои марбут ба сохтан, тағйир додан (азнавсозӣ) ва истифодаи иттилоотро шомил медонанд [78, с. 66].

Ин мавқеъ предмети дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютериро бо фаъолияти субъектҳои муносибатҳо маҳдуд намуда, объекти сӯиқасди ҷиноятиро беасос васеъ мекунад. Яъне, бо ин равиш доираи объекти ҷиноятӣ фарогиртар ва номуайян гардида, таҳлилу муайян кардани субъектҳо ва муносибатҳои дахлдор мушкил мешавад, ки метавонад ба самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои иттилоотӣ таъсири манфӣ расонад.

Предмети ҷиноят, ки фаъолияти иштирокчиёни муносибатҳоро ҳамчун мазмуни объекти ҷинояти баррасишаванда эътироф мекунад, имконият намедиҳад, ки мазмуни муносибатҳои ҷамъиятиро аз объектҳои воқеии моддӣ дар доираи ин ҷиноят фарқ диҳем. Ин нуқтаи назар метавонад ба нофаҳмиҳо ва мушкилот дар муайян кардани ҳудуди ҳифзи ҳуқуқӣ оварда расонад, зеро муносибатҳои ҷамъиятӣ ва объектҳои моддӣ

дар амал метавонанд бо ҳам омехта шаванд ва ба таври дақиқ ҷудо кардани онҳо душвор гардад.

Олим В.С. Максимов [132, с. 91] пешниҳод дорад, ки «иттилооти компютерӣ, бешубҳа як неъмати ҷамъиятӣ аст ва дар ин ҳолат метавон ҳамчун предмети ҷинояти компютерӣ баҳо дода шавад» .

А.Е. Ратникова низ нуқтаи назари ба ин монанд ва васеътарро пешниҳод карда менависад, ки «иттилоот ҳамчун предмети ҷиноят маҷмуи маълумот, хабарҳо дар бораи шахсон, ашё, далелҳо, ҳодисаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳое мебошад, ки дар муҳити моддӣ сабт шудаанд, ки бо таъсири онҳо ҷинояткор муносибатҳои ҷамъиятии бо қонун ҳифзшавандаро вайрон мекунад» [176, с. 8].

Ба фикри мо ақидаи ин олимон каме норавшан мебошад. Зеро ҳолатҳое ҳаст, ки ҳангоми содиршавии ин ҷиноятҳо ба иттилоот таъсир намерасад. Масалан, ҳангоми нусхабардорӣ ё дуздидани он иттилоот нест намешавад, заррар намебинад, фақат он аз як шахс ба шахси дигар мегузарад.

Дар сатҳи қонунгузории ҷиноятии ҶТ моддаи 301 предмети ҷиноятро ҳамчун як қоидаи мушаххас пешниҳод накардааст. Аммо аз таҳлили моддаи мазкур бармеояд, ки ба сифати предмети ҷинояти баррасишаванда иттилооти компютерӣ баромад мекунад. Таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиққунанда ба сифати предети ҷинояти мазкур бисёр иттилоот [224], [221], [222], [228], [217], [229], [219], [231], [232] ва компютер ва шабакаҳои компютериро медонад [218], [230], [220], [232].

Аз ин ба мо маълум гашт, ки оиди предмети ҷинояти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ ақидаи ягона ва умумиэътирофшуда ҷой дошта наметавонад.

Ба фикри мо ба сифати предмети ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ инҳо баромад карда метавонанд: иттилооти компютерӣ; компютер ва қисмҳои он, ки иттилоот дар он нигоҳ дошта мешавад; барномаҳои компютерӣ, ки иттилоотро маҳфуз нигоҳ дошта

метавонанд; шабакаҳои техникии алоқавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ. Аммо инҳо дар ҳар як ҷиноятҳои содиршуда метавонанд ба таври алоҳида баромад карда тавонанд. Яъне агар дар натиҷаи содиршавии ҷиноят ба он заррар расад ё онро дигаргун кунад, пас ба сифати предмети ин ҷиноят баромад карда метавонад. Ҳар яки онро (иттилооти компютерӣ; компютер ва қисмҳои он, ки иттилоот дар он нигоҳ дошта мешавад; барномаҳои компютерӣ, ки иттилоотро маҳфуз нигоҳ дошта метавонанд; шабакаҳои техникии алоқавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ) ба таври умумӣ предмети ҷиноят гуфтан ғайриимкон аст. Зеро ҳолате мешавад, ки ин ҷиноят содир мешавад аммо ба онҳо дар ҳолатҳои гуногун заррар мерасад. Масалан иттилоот ҳангоми нусхабадорӣ заррар намебинад, вале ҳангоми нест кардан ба ӯ заррар расонида мешавад.

Предмети ин ҷиноят вобаста ба тарзи содишавии ҷиноят ё сӯиқасди ҷиноят метавонад дар ҳар як ҷиноят ба таври алоҳидагӣ тағйир ёбад.

Объекти хелии ин ҷиноятҳо маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ба амнияти иттилоотӣ равона шудаанд. Ин номгуи объектҳоро дар умум муайян кардан ғайриимкон аст, зеро иттилоот худ мафҳуми васеъ ва беҳудуд аст.

Объекти намудии ин ҷиноятҳо танҳо ба як боб маҳдуд шуда наметавонад. Боби «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» танҳо амнияти иттилоотие, ки ба технологияи компютерӣ, системаи компютерӣ ва шабакаҳои компютерӣ равона шудаанд, дар назар дорад.

Бинобар ин хуб мешуд, ки номи боби 28 КҶ ҶТ ба таври зайл тағйир ёбад: «Боби 28. Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва алоқаи барқӣ».

Объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба сохтан, ба даст овардан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда ва таъминкунандаи доимии вазъи амнияти

иттилоотӣ ва кори муътадили МЭҲ, системаи МЭҲ ё шабакаҳои онҳо мебошад.

Ибораҳои «нусхабардории ғайриқонунӣ» ва «бо дигар усули ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот», ки дар м.301 КҶ ҶТ оварда шудаанд, ҳар ду як маъноро ифода мекунанд. Нусхабардории ғайриқонунӣ як усули ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумот мебошад. Бинобар ин хуб мешуд, ки «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» ба ивази ин ду ибора истифода шавад.

Ба сифати предмети ҷинояти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ метавон чунин унсурҳоро номбар кард: иттилооти компютерӣ; компютер ва қисмҳои он, ки иттилоотро нигоҳ медоранд; барномаҳои компютерӣ, ки барои нигоҳдошти иттилоот хизмат мекунанд; шабакаҳои техникии алоқавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ. Ин предметҳои номбаршуда метавонанд дар доираи ҷиноятҳои баррасишаванда ба таври алоҳида ҳисоб шаванд ва вобаста ба тарзи содиршавии ё суиқасди ҷиноят шакл ва мавқеи онҳо тағйир ёбад.

Да натиҷаи таҳлили ва баррасии зербоби мазкур ба чунин хулосаи ниҳои оид ба объекти ва предмети ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот омадан мумкин аст:

Ба ҳайси объекти хелии ҷиноятҳои баррасишаванда маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунад, ки ба амнияти иттилоотӣ равона шудаанд. Номгуи объектҳоро дар умум муайян кардан ғайриимкон аст. Зеро иттилоот худ мафҳуми васеъ ва беҳудуд аст. Дар қонунгузории ҷиноятӣ иттилоот ба маъное истифода мешавад, ки дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар назар дорад. номгӯи онҳоро қонунгузор ба таври васеъ овардааст.

Объекти намудии ин ҷиноятҳо танҳо ба як боб маҳдуд шуда наметавонад. Аммо вақте ки сухан дар бораи боби «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» (боби 28 КҶ ҶТ) меравад, боби мазкур танҳо амнияти

иттилоотие, ки ба технологияи компютерӣ, системаи компютерӣ ва шабакаҳои компютерӣ равона шудаанд, дар назар дорад.

Камбудӣ дар он аст, ки амнияти иттилоотӣ дар боби 28 КҶ ҶТ ҷой дорад, ин аст ки амнияти иттилоотиро ба маънои маҳдудтар истифода намудааст.

Хуб мешуд, ки номи боби 28 КҶ ҶТ ба таври зайл иваз карда шавад: «Боби 28 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва алоқаи барқӣ».

Камбудии дигар дар ин боб дар он аст, ки объекти намудиро ба таври равшан ва фаҳмо пешбинӣ накардааст, яъне хусусиятҳои компютерии иттилоот ин ҷо нишон дода нашудааст. Дар боби мазкур танҳо объекти намудӣ ба тавре маҳдуд шудааст, ки амнияти иттилооти компютерӣ ва алоқаи шабакаи техникиро дар назар дорад.

Қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ин масъала меъёрҳоро дар боби 28 КҶ ҶТ ҷой дода, самти муайян кардани объекти намудии ин ҷиноятҳоро - ҷиноятҳоеро, ки ба муносибатҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунӣ бо маълумоти компютерӣ халал мерасонанд, муқаррар кардааст.

Ба фикри мо истилоҳоте, ки дар ин моддаи пешбинӣ шудаанд, яъне «нусхабардории қасдани ғайриқонунӣ» ва «бо дигар усули ғайриқонунӣ» ҳар ду як маъноро ифода мекунанд. Нусхабардории ғайриқонунӣ як усули ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумот мебошад. Пас дар алоҳидагӣ дар диспозитсияи модда овардани он (нусхабардории ғайриқонунӣ) шарт нест ва дар ҷойи ин ду ибора «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» истифода шавад мувофиқи мақсад мебуд.

Бинобар ин, хуб мешуд, ки дар диспозитсияи моддаи 301 КҶ ҶТ тағйирот ба таври зайл ворид карда шавад: Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти бо қонун ҳифзшавандае, ки дар ҳомили электронӣ нигоҳ дошта мешаванд, дар низоми иттилоотӣ маҳфузанд, ё тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ интиқол дода мешаванд, агар ин боиси вайронкунии назарраси ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд, ё ташкилот ва ё манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҷамъият, ё давлат гардидааст.

Объекти асосии ба таври ғайриқонунӣ ба даст даровардани иттилооти компютерӣ маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, истифода ва паҳнсозии маълумоти бо қонун муҳофизатшавандаи компютерӣ марбутанд, яъне ин объекти ҳуқуқӣ на танҳо худи маълумот ё иттилоотро дар бар мегирад, балки тамоми равандҳо ва муносибатҳои байни одамон, ташкилотҳо ва системаҳоеро, ки бо ин маълумот сарукор доранд, фаро мегирад. Маълумоти компютерӣ метавонад маълумоти шахсӣ, тиҷоратӣ, ё давлатӣ бошад, ки қонунгузорӣ онҳоро муҳофизат мекунад, то аз дастрасӣ ё истифодаи ғайриқонунӣ эмин бошанд.

Ин муносибатҳо бо мақсади таъмини амнияти иттилоотӣ ташкил ёфтаанд. Амнияти иттилоотӣ маънои ҳифз ва муҳофизати маълумотро аз ҳар гуна хатарҳо, аз ҷумла дастрасӣ ба маълумоти махфӣ, тағйир додан ё нест кардани он ба тариқи ғайриқонунӣ дар бар мегирад. Бо кӯмаки ин муносибатҳо кори босафои системаҳо ва шабакаҳои компютерӣ таъмин мешавад, ки ин омил барои фаъолияти муназзами ҳар як ташкилот ё ҷомеа аҳаммияти бузург дорад. Вақте ки амнияти иттилоотӣ таъмин мешавад, фаъолияти технологӣ ва хизматрасониҳо бе халал ва бидуни хатари вайроншавӣ идома меёбанд.

Ҳамин тариқ, объекти мазкур як падидаи мураккаб аст, ки дар он масъалаҳои ҳуқуқӣ, техники ва иҷтимоӣ якҷоя омезиш ёфта, дар маҷмуъ барои ҳифзи иттилоот ва таъмини фаъолияти муназзами шабакаҳои компютерӣ равона гардидааст. Аз ин рӯ, қонунгузорӣ ва сиёсатҳои амниятӣ бояд ҳамеша ба таҳкими ин муносибатҳо таваҷҷуҳ кунанд, то зарари эҳтимолӣ ба шахсони алоҳида ва ҷомеа пешгирӣ шавад.

Ҳамчун предмет ё мавриди ба таври ғайриқонунӣ ба даст даровардани иттилооти компютерӣ метавон инҳоро ном бурд: маълумоти электронӣ (иттилооти компютерӣ); таҷҳизоти компютерӣ ва қисмҳои он, ки иттилоотро дар худ нигоҳ медоранд; нармафзорҳое, ки имкони нигоҳдории маълумотро фароҳам месозанд; шабакаҳои мухобиротӣ ва иҷтимоӣ, ки

интиқол ва дастрасии иттилоотро таъмин мекунанд. Аммо инҳо дар ҳар як ҷиноятҳои содиршуда метавонанд ба таври алоҳида баромад карда тавонанд. Яъне агар дар натиҷаи содиршавии ҷиноят ба он заррар расад ё онро дигаргун кунад, пас ба сифати предмети ин ҷиноят баромад карда метавонад. Ҳар яки онро (иттилооти компютерӣ; компютер ва қисмҳои он, ки иттилоот дар он нигоҳ дошта мешавад; барномаҳои компютерӣ, ки иттилоотро маҳфуз нигоҳ дошта метавонанд; шабакаҳои техникии алоқавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ) ба таври умумӣ предмети ҷиноят гуфтан ғайриимкон аст. Зеро ҳолате мешавад, ки ин ҷиноят содир мешавад аммо ба онҳо дар ҳолатҳои гуногун заррар мерасад. Масалан иттилоот ҳангоми нусхабадорӣ заррар намебинад, вале ҳангоми нест кардан ба ӯ заррар расонида мешавад.

Предмети ин ҷиноят вобаста ба тарзи содишавии ҷиноят ё сӯиқасди ҷиноят метавонад дар ҳар як ҷиноят ба таври алоҳидагӣ тағйир ёбад.

### 2.2.Тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот

Тибқи қонунгузории амалкунанда барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс, амал ё кирдоре бояд мавҷуд бошад, ки дорои ҳамаи унсурҳои таркиби ҷиноят бошад (моддаи 11 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Яке аз унсурҳои муҳими таркиби ҷиноятро тарафи объективии он ташкил медиҳад.

Тарафи объективии ҷиноят маҷмуи аломатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҷиноятӣ мебошад, ки муносибатҳои зоҳирии кирдори барои ҷамъият хавфнокро, ки ба объекти бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда, инчунин ҳолатҳои объективӣ ва шароити чунин рафторро тавсиф мекунанд. [205] Пурратар ва фаҳмотар гӯем агар тарафи объективии ҷиноят – маҷмуи аломатҳои муҳим, кофӣ ва зарурие мебошад, ки муносибатҳои зоҳирии таҷовузкоронаи барои ҷамъият хавфнокро, ки ба объектҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонад, тавсиф менамояд [97, с. 194].

Аломатхои тарафи объективии ин ё он ҷиноят дар моддаи дахлдори қисми махсуси КҶ ҶТ дар муқоиса бо дигар аломатҳо (объект, субъект, тарафи субъективӣ) пурратар муайян карда шудаанд. Тарафи объективии ҷиноятҳои мушаххасро дар меъёрҳои қисми махсуси қонуни ҷиноятӣ муайян кардан мумкин аст. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, аломатҳои тарафи объективии ҷиноят ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд. Гурӯҳи аввалро аломатҳои ҳатмӣ ташкил медиҳанд, ки ба онҳо кирдори хавфноки ҷамъиятӣ (ки метавонад ҳаракат ё беҳаракатӣ бошад), оқибатҳои чунин кирдор ва робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат дохил мешаванд. Гурӯҳи дуюм бошад, аломатҳои иловагиро дар бар мегиранд, аз қабили тарзи содиршавии ҷиноят, ҷой, вақт, шароит, инчунин восита ва олоти истифода шуда дар рафти ҷиноят.

Ин аҳаммияти тарафи объективӣ барои ҷиноятҳои баррасишаванда низ пурра таълуқ дошта метавонад. Вобаста ба мафҳуми тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар адабиёти илмӣ ақидаҳои гуногун ҷой дорад.

Бо дарназардошти он ки меъёрҳои дар қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ дарҷгардида, ки ба ҷиноятҳои марбут ба ба таври ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ дахл доранд, дорои аломатҳои асосӣ, муҳим ва ҳатмии тарафи объективии чунин кирдор мебошанд, ин масъала ба мавзуи таҳлили мо табдил меёбад.

Дар робита ба ин масъала, дар адабиёти илмии соҳаи ҳуқуқ андешаҳои гуногун баён гардидаанд, ки метавон онҳоро шартан ба се гурӯҳ тақсим намуд:

Якум, гурӯҳи олимон (ба монанди А.М. Доронин, О.М. Сафонов, Д.В. Пучков ва дигарон) қайд мекунанд, ки тарафи объективии ҷинояти мазкурро ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ ( иттилооти шабакаҳои компютерӣ, дар компютер, дар системаи МЭҲ ё шабакаи онҳо) нигоҳдошташаванда ташкил медиҳад, агар ин кирдор боиси нобуд шудан, баста шудан, тағйир ё нусхабардории иттилоот, халалдор шудани кори

компютер, системаи хисоббарор ё шабакаи онҳо гардида бошад [161, с. 155], [178, с. 87], [175, с. 223].

Аз таҳлили андешаҳои ин олим бармеояд, ки се аломати ҳатмии тарафи объективии ҷинояти ба тaври ғайриқонунӣ ба даст даровардани иттилооти компютерӣ мавҷуд буда, онҳо ба шакли зерин муайян карда мешаванд:

1. Хавфи иҷтимоии амали ғайриқонунӣ, ки ба ба даст овардани тамоми иттилооти бо қонун муҳофизатшаванда равона шудааст;

2. Оқибати ин кирдор, ки метавонад дар шакли вайроншавӣ, басташавӣ, таҳриф, ё нусхабардории маълумоти компютерӣ, инчунин халалдорсозии фаъолияти компютер, системаи компютерӣ ё шабакаҳои марбут ба он ифода ёбад;

3. Робитаи сабабӣ байни кирдори содиршуда ва оқибати ба вуҷудомада, ки дар натиҷаи он маълумот ба тaври ғайриқонунӣ ба даст оварда мешавад.

Дуюм, гурӯҳи олимон (масалан, Г.С.Курбанов, М.М. Маликовсев, ва С.Д. Бражник) тарафи объективии ин кирдорро тамоми усулҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ медонанд [200], [171, с. 102], [154, с. 189]. Муаллифон тарафи объективии ин ҷиноятро ба тaври васеъ пешниҳод кардааст. Ҳатто ҳолати истифодаи иҷозатномаҳои қалбакӣ, ҳифзи иттилоот бо роҳи ҳифзнамоӣ, дастрасии беиҷозат ба рамзҳои муҳим, муқовимат ба ҳифзи зеҳнии иттилооти компютерӣ (аломатҳои ҳушдоркунанда, ворид кардани фармон дар бораи қатъи гуфтугу) ва ғайра дар пешнизҳоди онҳо дида мешавад. Аслан муқаррароти қонунгузориро нигарем дар он овардааст, ки «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» истилоҳи ғайриқонунӣ тамоми роҳу воситаҳоро, ки тавассути он иттилоот ба даст оварда мешаванд фаҳмида мешавад.

Сеюм, ақидаи гурӯҳи олимон (М.В. Старичков, Е.С. Лоскутова, В.Н. Чернишов) низ мавҷуд аст, ки тибқи он тарафи объективии ин ҷиноятро ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ташкил медиҳад [182, с. 237], [129,

с. 463]. Пешниҳоди мазкур ба таври васеъ истифода шудааст. Барои инро ҷонибдорӣ кардан бояд дастрасии ғайриқонуниро муайян кард, ки таҳти ин мафҳум чи фаҳмида мешавад. Агар чанде, ки ин ақида ба таври васеъ истифода мешавад, вале дуруст ва қобили ҷонибдорӣ мебошад. Меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ низ ин ҳолатро пешбинӣ мекунад. Ҳар амали ғайриқонуние, ки содир мешавад ва қасдаш ба бадаст овардани иттилоот мебошад, алакай тарафи объективии моддаи 301 КҶ ҶТ-ро бояд ташкил диҳад. Ба таври қонунӣ ба даст овардани иттилоотро низоми қонунгузории соҳавӣ муайян мекунад. Агар меъёрҳои онҳо вайрон гардад баъдан қонунгузории ҷиноятӣ онро ҳамчун ҷиноят эътироф мекунад. Барои ҳаматарафа пурра ва дуруст муайян кардани танзими қонунии дастрасии қонунии иттилоот бояд ҳавола ба дигар меъёрҳои қонунгузорӣ карда шавад. Яъне диспозитсияи бланкетӣ ва ҳаволакунанда бояд амал намояд.

Мувофиқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, тарафи объективии ҷинояти ба таври ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ метавонад дар шакли яке аз ҳаракатҳои алтернативии зерин зоҳир гардад:

а) нусхабардории иттилооте, ки дар системаи компютерӣ, шабакаи компютерӣ ё захирагоҳи электронии маълумот (махзани мошинҳо) ҷойгир аст;

б) ба тарзи дигари ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооте, ки дар ҳамин гуна системаҳо ва шабакаҳо нигоҳ дошта мешаванд;

в) дастрасӣ пайдо кардан ба иттилооте, ки тавассути шабакаҳои алоқаи компютерӣ ирсол мегардад.

Таҳлили амалия нишон медиҳад, ки аз ҷониби судҳо ҳангоми муайян кардани тараи объективӣ мушкилиҳо дида мешавад. Масалан бо Ҳукми суди н.Фирдавсии ш.Душанбе шаҳрванд А. бо қисми 1 м.301 ва қ.1 м.299 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб шудааст. Ҳолати кор ин аст, ки шаҳрванд А дар ҶДММ солҳои 2018-2024 ба ҳайси анборчӣ кор ва фаъолият мекард. Вазифаи рӯзмарраааш ин буд, ки молҳои ба ҶДММ воридшударо қабул мекард ва молҳои истеҳсолшударо ба муштариён

тақсим мекард. Оид ба ҳисоби молиявӣ директори ҶДММ ва сармуҳосиб ҳамарӯза анборчиро соатҳои 5 бегоҳ даъват карда, ҳисоббаробаркуниро бо ӯ анҷом медоданд.

Рӯзе сармуҳосиб ҳосили ҷамъи 6-моҳаро мустақилона баровarда, аз рӯи ҳисоби худ анборчиро ба маблағи 2.371.000 сомонӣ қарздор баровардааст. Анборчӣ бошад сармуҳосибро якчанд маротиба мушоҳида карда, бо худ хулоса баровардааст, ки ӯ қаллоб аст ва ба анборчӣ хусумат дорад. Тахминан аввалҳои сентябри соли 2024 як бегоҳ тахминан соати 17.30 дақиқа бо сармуҳосиб оид ба масъалаҳои шахсии худ дар утоқӣ корӣ бо анборчӣ нишаста буданд. Дар ҳамин вақт директори ҶДММ вобаста ба якчанд масъалла сармуҳосибро ба утоқи корӣ даъват карда, тахминан 20 дақиқа суҳбат мекунанд. Анборчӣ бошад, дар утоқи кории сармуҳосиб чой нӯшида менишинад. Аз ин ҳолати хомушӣ ва оромӣ истифода карда, якчанд барномаҳои компютериро, ки ҳисоби молиявии корхона дар он инъикос ёфтааст, нусхабардорӣ кардааст. Мақсад аз нусхабардорӣ ин буд, ки шаҳрванд А мехост дар онҳо маълумоти таҳрифшуда ворид намояд ва аз ин қарз худро халос намояд.

Судҳо танҳо ҳангоми баҳо додани ҳодисаи ҷиноят ва муайян кардани тарафи объективӣ бештар нишондоди иштирокчиён, диспозитсияи моддаи 301 КҶ ҶТ ва далелҳои дар рафти тафтишот пешниҳодшударо ба назар мегиранд. Ин ҳолатҳоро мо бо чунин асосҳо нодуруст мешуморем:

1. Судҳо ҳангоми таъини ҷазо ва маҳкумшуда эътироф кардани шаҳрванд бо моддаи мазкур бояд аввалан назар ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ карда, дар кадом ҳолат ва то кадом андоза маълумот ғайриқонунӣ ё қонунӣ эътироф мешавад. Аммо мутаассифона аз 90%-и ҳолатҳое, ки мо вохӯрдем дар ҳукмҳои судӣ баҳо додан ба дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дида намешавад. Гузашта аз ин диспозитсияи моддаи 301 КҶ ҶТ дар шакли бланкетӣ (ҳаволакунанда) пешбинӣ шудааст. Тибқи ин модда маълумот дар ҳолате ғайриқонунӣ аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ эътироф мешавад, ки агар дастрасии онро дигар санадҳо маҳдуд ё манъ карда бошанд.

2. Баҳо додан ба ҳодисаи ҷиноят бояд аввалиндараҷа бо муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ амалӣ шавад ва дар асоси он далелҳо баҳо дода шаванд. Барои баҳо додани нишондоди иштирокчиён бояд дараҷаи қонунӣ будани онҳо баҳо дода шавад, ки ин ҳам бошад тавассути меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ё дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ амалӣ мешавад. Масалан нишондоди шаҳрванд А дар ҳолате далели ҷиноят эътироф кардан шуда метавонад, ки агар вайроншавии меъёри қонунӣ дар он дида шавад.

3. Моддаи 301 КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки «...агар ин боиси вайронкунии назарраси ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд, ё ташкилот ва ё манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҷамъият, ё давлат гардидааст». Яъне андозаи зарар ё поймолшавии ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷабрдида бояд ба инобат гирифта шавад. Маълум аст, ки ҷабрдида ё шахси ҷиноятсодиркарда бо ҳар роҳе набошад барои манфиати худ ҳар нишондоди беасосро пешниҳод мекунад. Вале суд бояд ҳаматарафа пурра ва объективона инро баҳо диҳад. Тибқи қ. 3 м. 60 КҶ ҶТ «Ҳангоми таъини ҷазо суд принсипи фардикунонии ҷазоро ба асос гирифта, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор, аз ҷумла, ҳолатҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, таъсири ҷазои таъиншуда ба ислоҳи маҳкумшуда ва ба шароити зиндагии оилаи ӯ ё шахсони дар таъминоти ӯ буда, инчунин, фикри ҷабрдидаро ба назар мегирад». Дурустии андозаи зарар аз суханони иштирокчиён бояд баҳо дода нашавад. Ин ҳолатро суд бояд аз рӯи инстинкти ботинии худ баҳо диҳад.

4. Дар ин ҳодисаи ҷиноят аслан нусхабардорӣ, яъне ба даст овардани иттилооти компютерӣ дида мешавад, аммо ба таври назаррас вайрон шудани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрванд дида намешавад.

Ба фикри мо низ тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютериро худи бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бо кадом роҳе набошад, ташкил медиҳад. Асос ин, ки меъёрҳои қонунгузорӣ дар ин самт вайрон шуда бошад ва ба ҷамъият давлат ё шаҳрвандон зарар расидааст.

Барои муайян кардани тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бояд мо унсурҳои таркибии м. 301 КҶ ҶТ, яъне аломатҳои асосии онро баррасӣ намоем.

Амали нусхабардории ғайриқонунӣ ё ба таври дигар ба даст овардани иттилооте, ки дар системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ ва махзани маълумоти электронии компютерӣ ҷойгир аст, инчунин дастрасӣ ба маълумоте, ки тавассути шабакаҳои алоқаи компютерӣ ирсол мегардад, ҳамчун шаклҳои гуногуни зоҳиршавии тарафи объективии ҷиноят арзёбӣ мегардад. Унсурҳои асосии ин амалҳо чунинанд:

1. Иттилоот – маълумоти рақамие, ки дар муҳити электронии компютерӣ нигоҳ дошта мешавад ва қонуни ҳифзи ҳуқуқӣ дорад;

2. Нусхабардории ғайриқонунии иттилоот – сабт ва нигоҳдории маълумоти мазкур бе иҷозат ва бар хилофи муқаррароти қонун;

3. Ба даст овардани иттилоот бо усулҳои дигар – ҳар гуна шакли дастрасии беиҷозат, аз ҷумла рахна кардан, истифодаи барномаҳои махсус ва ё фиреби корбар;

4. Системаи компютерӣ, шабакаи компютерӣ ё махзани мошинҳо – муҳитҳо ва воситаҳое, ки иттилоот дар онҳо захира, таҳия ё коркард мешавад;

5. Дошта гирифтани иттилооте, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад – нигоҳ доштан ё пазириши ғайриқонунии маълумоте, ки ҳангоми интиқол тавассути шабакаҳо (масалан, интернет) равон мешавад. Ин унсурҳо якҷоя таркиби амалеро ташкил медиҳанд, ки барои ҷавобгарии ҷиноятӣ асос гузошта метавонанд.

Ҳолатҳои дар боло овардашуда, ки бояд мавриди таҳлил қарор гиранд, аломатҳои асосии тарафи объекивии ин ҷиноят ба ҳисоб мераванд.

**1. Иттилоот.** Дар фарҳанги истилоҳоти забони тоҷикӣ иттилоот он чи ба дигаргунии вазъият дар низомҳои табиъӣ ва сохтагӣ ё нишонашинохтӣ меанҷомад фаҳмида мешавад [101, с. 543]. Иттилоот ин маълумоти бошуурона дар бораи олами гирду атрофи мо мебошад, ки объекти нигоҳдорӣ, табдилдиҳӣ, интиқолдиҳӣ ва истифодабарӣ шуда метавонад.

Иттилоот донишест, ки дар ишораҳо, паёмҳо, ахборҳо, огоҳиҳо ва ғайра ифода ёфтааст. Ҳар як инсон дар ҷаҳон бо баҳри иттилооти намудҳои гуногун иҳота шудааст [206]. Дар ин мафҳум иттилоот ба маъноҳои ғайриҳуқуқӣ (фалсафӣ, забонӣ, мантиқӣ, сотсиологӣ ва ғ) низ омадааст. Дар назарияи фалсафӣ иттилоот ба маънои васеъ ва маҳдудаш фаҳмида мешавад.

Иттилоот – ба маънои васеъ мафҳуми абстрактӣ буда, вобаста ба мабда маъноҳои зиёд дорад. Ба маънои маҳдудаш агар нигарем, иттилоот новобаста аз шакли пешниҳоди онҳо фаҳмида мешавад. Айни замон таърифи ягонаи истилоҳи иттилоот вуҷуд надорад. Аз нуқтаи назари соҳаҳои гуногуни дониш ин мафҳум бо маҷмуи хоси худ тавсиф мешавад. Дар умум гуем агар иттилоот маҷмуи маълумотест, ки дар муҳити моддӣ сабт шудааст, инчунин маълумоти шифоҳӣ дар вақт ва фазо нигоҳ дошта ва паҳн карда мешавад. Дар илми ҳуқуқӣ низ иттилоот ба маънои ҳуқуқиша тавсиф ёфтааст. Масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» мафҳуми иттилоотро ба таври зайл шарҳ додааст: «Иттилоот ин маълумот дар бораи шахс, ашё, факту ҳодисаҳо, зуҳурот, равандҳо ва мулоҳизаҳо доир ба онҳо, сарфи назар аз шаклҳои манзур гардидаашон мебошад» [9] Ин мафҳум дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» низ дар ин шакл пешбинӣ шудааст. Қонунгузорӣ ба маънои аҳаммияти ҳуқуқиаш онро истифода намудааст. Яъне ин мафҳум дар низоми қонунгузорӣ ба як маъно, ки дар боло гуфта гузаштем истифода мешавад. Қонунгузории ҷиноятӣ низ иттилоотро ба маъное истифода мекунад, ки низоми қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст. Дар таҳлили мавзуи мо низ ба ҳамин маъно истифода мешавад.

Вақте ки дар Қонуни ҷиноятӣ сухан дар бораи иттилоот меравад, маълумотҳое дар назар дошта мешавад, ки бо қонун ҳифз мешавад ва барои онҳо низоми махсуси ҳифзи ҳуқуқии онро муқаррар кардааст (масалан, сирри давлатӣ, хизматӣ ва тиҷоратӣ, маълумоти шахсӣ ва ғ.). Шарту талаботи истифодаи онро пурра қонун пешбинӣ кардааст. Дар ин

асно муқаррароте ҷой дорад, ки тибқи он иттилооти бо қонун ҳифзшаванда он маълумотеро меноманд, ки махфияти ҳатмӣ ва ҷавобгарӣ барои ифшои он мавҷуд аст, инчунин маълумоте, ки барои онҳо соҳиби он чораҳои ҳифзие, ки ба таъмини якпорчагӣ ва (ё) дастрас будани он нигаронида шудаанд, муқаррар кардааст [204]. Қонунгузорӣ иттилооти бо қонун ҳифзшавандаро таъриф надодааст, аммо ибораи «ҳифзи иттилоот»-ро пешбинӣ намудааст. Ҳифзи иттилоот – пешгирии дахолати худсарона ба захираҳои иттилоот, амалҳои ғайриқонунӣ ҳангоми гирифтан, нусхабардорӣ кардан, интишор додан, таҳриф намудан, нобуд сохтан ё банду баст кардани иттилоотро таъмин менамояд [9].

Мақсади асосии қонунгузорӣ дар самти ҳифзи иттилоот дар он ифода меёбад, ки низоми ҳуқуқии захираҳои иттилоотӣ ҳамчун объекти моликият ба таври устувор таъмин карда шавад. Қонунгузорӣ кӯшиш менамояд, ки аз дахолати ғайриқонунии шахсони бегона ба захираҳо ва системаҳои иттилоотӣ, инчунин аз амалҳои беиҷозати нусхабардорӣ, тағйирдиҳӣ, бандубаст, таҳриф ё нобудсозии иттилоот ҷилавгирӣ карда шавад.

Ин тадбирҳо ба ҳифзи пуррагӣ, саҳеҳият, дақиқият ва ягонагии иттилооти ҳуҷҷатишуда равона гардида, имкони идоракунии равандҳои коркард ва истифодаи он тибқи шарту талаботе, ки аз ҷониби соҳиби маълумот ё шахси ваколатдор муайян мегардад, фароҳам месозанд. Илова бар ин, қонунгузорӣ ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро низ дар назар дорад, аз ҷумла: ҳифзи сирри шахсӣ ва маълумоти махфӣ дар системаҳои иттилоотӣ; фош накардани сирри давлатӣ ва маълумоти маҳрамона; пешгирии ихроҷ, дуздӣ, сохтакорӣ ва таҳрифи иттилоот.

Ҳамзамон, он ҳуқуқи субъектҳоро дар раванди ташаккул ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ, инчунин рушди системаву технологияҳои иттилоотиро дар бар мегирад.

Иттилооти бо қонун ҳифзшаванда якчанд намудҳо мешаванд, ки онҳоро мо дар боло гуфта гузаштем. Аммо қайд кардан зарур аст, ки ҳар як навъи иттилоот тавассути қонунҳои соҳавии худ шарту талаботи қонунӣ

ба даст оварданро дорад, ки ҳангоми риоя нагардидан талаботҳои истифодаи иттилооти бо қонун ҳифзшаванда вайрон мегардад.

Аз ин гуфтаҳо хулоса кардан мумкин аст, ки иттилоот як шакли моликият мебошад, ки ҳуқуқи истифодабарӣ, ихтиёрдорӣ ва соҳибӣ карданро ба таври махсус ва бо талаботҳои гуногун дорад ва хусусияти махфяти ҳатмӣ ва ҷавобгарӣ барои ифшои онро доро мебошад.

**2. Нусхабардории ғайриқонунии иттилоот.** Нусхабардории иттилоот – ин кӯчонидани иттилоот ба масолеҳи дигари барандагони иттилоот, ҳангоми бе тағйир нигоҳ доштани иттилооти аввала фаҳмида мешавад [89, с. 301].

Нусхабардории иттилоот ҳамчун оқибати ҷинояти дар моддаи 301 КҶ ҶТ мебошад. Аз нуқтаи назари фарҳанги истилоҳоти забони тоҷикӣ истилоҳи «нусхабардорӣ» ягон мушкилии хосе ба бор намеорад. С.И. Ушакова ин истилоҳро нусхабардории чизе ё такрористеҳсоли дақиқ ифода мекунад [189, с. 176].

Нусхабардории иттилоот аз нуқтаи назари техникӣ ин интиқоли иттилоот ё як қисми он аз як воситаи техникӣ ба дигараш мебошад.

Дар илми ҳуқуқҳиносӣ олимоне, ки дар ин соҳа таҳқиқоти илмӣ мебаранд, бояд ба як нуқтаи асосӣ омада вобаста ба нусхабардории иттилоот як мафҳуми умумиро пешниҳод кунанд [27, с. 8]. Зеро ба татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ таъсир мерасонад. Аммо ин мафҳум аз нигоҳи онҳо маъноҳои гуногуни семантикӣ дорад. Дар қонунҳои соҳавӣ мафҳуми нусхабардории иттилоот оварда нашудааст, вале аз мазмуни меъёрҳои дигари қонунгузорӣ бармеояд, ки нусхабардориро ҳамчун такрори иттилоот мефаҳмад. Нусхабардории ғайриқонунӣ моддаи 301 КҶ ҶТ аслан такрори иттилоот беиҷозатро дар назар дорад. Яъне бар хилофи иродаи соҳиби иттилоот ё бар хилофи он, нигоҳ доштани маълумоти аслӣ, дар ҳолати имконнопазир будани истифодаи минбаъдаи он ба таъинот мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ олимон ба таври гуногун нусхабардории иттилоотро маънидод мекунанд:

Баъзе олимон нусхабардории иттилоотро бо паҳн ва ифшои он баробар медонанд [199].

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон нусхабардории ғайриқонунии иттилоотро ҳамчун амале мефаҳманд, ки метавонад оқибати ҷавобгарии ҷиноятиро дар пай дошта бошад ва онро дар ҳама гуна шакли моддӣ такрор кардани маълумот арзёбӣ мекунанд. Ба андешаи онҳо, чунин нусхабардорӣ метавонад дар шаклҳои гуногун сурат гирад: сабти дастӣ аз рӯи иттилооти намоишдодашуда дар экрани дисплей; интиқоли иттилоот ба дигар воситаҳои электронӣ, ба монанди хотираи компютери дигар, гардонандаи берунии компютерӣ ё дигар дастгоҳҳои рақамӣ; эҷоди нусхаи чопӣ бо истифода аз таҷҳизоте мисли принтер; нусхабардорӣ тавассути каналҳои электронии алоқа, аз ҷумла дар шабакаҳои интернетӣ.

Дар ҳама ҳолатҳо, чунин амали нусхабардорӣ ҳамчун шакли моддии такрори иттилооти муҳофизатшаванда арзёбӣ гардида, дар сурати ғайриқонунӣ буданаш метавонад асос барои ҷавобгарии ҷиноятӣ гардад, яъне ин муаллифон дар умум ғайриқонунӣ сохтани нусхаҳои мазмуну моҳияти иттилооти дахлдор дар ҳама гуна шакли моддиро дар назар доранд.

Ин ҷо нуқтаи назари сеюмро пешниҳод кардан мумкин аст, ки тибқи он нусхабардории иттилооти компютерӣ ин дар ҳама гуна шакли моддӣ такрористеҳсол кардани ахборот мебошад [46, с. 17], [83, с. 283].

Ястребов Д.А. ин ҳолатро васеътар шарҳ дода пешниҳод дорад, ки аксбардории ахбор аз экрани монитор ва чоп кардан низ шакли нусхабардории иттилооти компютерӣ мебошанд ва бояд бо моддаи 272 КҶ ФТ (мутобиқ ба м.301 КҶ ҶТ) бояд бандубаст гарданд.

Аз пешниҳоди олимони дар боло овардашуда маълум мегардад, ки нусхабардорӣ ин аз як манба ба манбаи дигар дар шакли аслӣ ва такрорӣ интиқол ё истеъсол кардани иттилоот мебошад. Дигар муҳим нест, ки ба кадом воситаҳо амалӣ мешавад. Лекин як камбудие дар ин пешниҳодҳо дида мешавад, ки дар шакли ғайриқонунӣ нусхабардориро эътибор

надодаанд. Вақте ки аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ин масъала баррасӣ гардад, бояд ҷанбаи ғайриқонунӣ низ дар баробари нусхабардорӣ таҳлил шавад. Зеро нусхабардории иттилоот бе ғайриқонунӣ ҳеҷ моҳият надорад ва ҳангоми баррасӣ арзиши худро гум мекунад.

Моддаи 301 КҶ ҶТ бошад, ҳеҷ гуна аломатҳо ё усулҳои нусхабардориро дар меъёри модда пешбинӣ накардааст. Барои қонуни ҷиноятӣ асос ин, ки бо ду талабот ҷавобгӯ бошад: ғайриқонунӣ бошад ва аз дар шакли такрорӣ истеҳсол шавад.

Мо низ ба нуқтаи назари қонунгузории ҷиноятӣ розӣ ҳастем. Яъне нусхабардории иттилоот агар бо ду талабот (ғайриқонунӣ бошад ва аз дар шакли такрорӣ истеҳсол шавад) ҷавобгӯ бошад дигар ба кадом воситаи нусхабардорӣ мешавад муҳим нест, аллакай ғайриқонунӣ эътироф мешавад.

Масалан бо ҳукми суди н. Фирдавсии ш.Душанбе шаҳрвандон А.Б. ва В. гунаҳгор дониста шуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд [227].

Дар рафти тафтишот муайян шуд, ки онҳо 23 феврали соли 2024 маълумоти компютериро, ки хусусияти тиҷоратӣ доштааст аз ҶДММ ба таври пинҳонӣ тавассури принтер нусхабардорӣ карда дастрас намудаанд.

Аз ҳукми баррасишуда маълум шуд, ки суд нусхабардории маълумоти компютериро бо истифода аз принтер низ нусхабардорӣ эътироф мекунанд.

Аз таҳлили меъёри моддаи 301 КҶ ҶТ бармеояд, ки нусхабардории иттилоот таҳти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор дорад. Барои ҷамъият хавфнокии ин ҷиноятро пеш аз ҳама қонуни ҷиноятӣ бо шакли муқаррар намудани иттилоот алоқаманд медонад. Иттилоот бояд дар шакли электронӣ (рақамӣ) пешниҳод карда шавад. Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки бо нусхабардории иттилооти компютерӣ қонунгузор маънои такрори онро дар ягон шакли моддӣ надорад, балки дар шакли

электронӣ ба васоити компютерӣ, ба хотираи компютер ё шабакаҳои онҳо нусхабардориро дорад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми бандубасти амали ҷинояткор мутобиқи м. 301 КҶ ҶТ бояд на танҳо далели интиқоли маълумоти зикршуда ба дигар воситаи алоҳида муайян карда шавад, балки инчунин муайян кардани он, ки нусха дар кадом шакл - электронӣ ё не, таҳия шудааст.

Дар ин маврид, мо бо ақидае мувофиқат намекунем, ки усулҳои дигаре, ки нусхабардории иттилоотро бо истифода аз амали дастӣ, мисли аксбардорӣ аз экрани монитор ё чоп кардан, ҳамчун шаклҳои зарароварии дастрасии беиҷозат ба иттилооти компютерӣ метавон қабул кард.

Аз ин рӯ, нусхабардории иттилооти компютерӣ бояд ҳамчун такрори маълумот дар шакли электронӣ маънидод шавад, ки бар зидди иродаи соҳиби ҳуқуқи қонунии иттилоот сурат мегирад.

Қонунгузории амалкунанда тайёр намудани нусхаҳои барномаҳои компютерӣ ё махзани маълумотро иҷозат медихад, ба шарте ки ин нусха танҳо барои мақсадҳои бойгони ё иваз намудани нусхаи қонунӣ ба даст овардашуда дар ҳолатое, ки чунин нусха гум, нобуд ё корношоям гашта бошад. Ҳамзамон, нусхаи барномаи компютерӣ ё пойгоҳи додаҳо барои дигар мақсадҳои дар модда зикршуда истифода бурда намешавад ва агар истифодаи минбаъдаи ин нармафзор қонунӣ набошад, бояд нобуд карда шавад.

Барои ба талаботи м.301 КҶ ҶТ ҷавобгӯ будан зарур аст, ки нусхабардории маълумот дар натиҷаи истифодаи барнома-таҷҳизоти компютерӣ анҷом дода шавад.

Масалан, дар ш. Хуҷанд шаҳрванд А., ки аз компютери хонааш ба интернет дастрасӣ дошт, дар ибтидои соли 2019 ҳангоми кор дар шабакаи интернет ду барномаи компютерии зарароварро ба компютери худ нусхабардорӣ кардааст, ки имкони нусхабардории маълумоти беиҷозатро фароҳам овардааст. Баъдан, дар моҳи ноябри соли 2021 - феврали соли 2022, ӯ аз ин барномаҳо истифода бурда, номҳои почтаи электронӣ,

ҳисобҳо ва паролҳоро бидуни огоҳӣ ба соҳибон ва истифодабарандагони қонунии онҳо ба компютери худ нусхабардорӣ карда, инчунин маълумотро дар бораи осебпазирии сайтҳои шахсони дигар нусхабардорӣ кардааст.

Ҳангоми баррасӣ ва таҳлили масъалаи нусхабардории иттилоот аз компютер бояд як мушкилие, ки бо хусусиятҳои техникии компютер алоқаманд аст ва дар нусхабардории автоматии иттилоот ифода ёфтааст, вақте ки иттилоот на дар муҳитҳои ҷудогона аз асл, балки дар муҳитҳои аслӣ такрор мешавад (масалан, якчанд файлҳои якхела ва мундариҷаи якхела) ё дар муҳити якхела, ки дар ихтиёри истифодабаранда боқӣ мемонад (масалан, нусха дар хотираи компютер нигоҳ дошта мешавад, ки системаро бо компютери додашуда ташкил медиҳад ё дар дискет диск дидаву дониста дар компютер гузошта шудааст) бояд қайд карда шавад.

Оё дар ин маврид дар бораи нусхабардории иттилоот сухан рондан мумкин аст? В.В. Крилов дар ин бора қайд мекунад, ки «ҳангоми ворид шудан ба системаи иттилоотии компютер баъзе барномаҳои иттилоотие ҳастанд, ки ба таври автоматӣ кушода мешаванд ё ба баъзе қисмҳои иловагии компютер (флеш, дискет, диск ва ғ.) нусхабардорӣ мешаванд, аммо инро ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ гуфтан мумкин нест» [167, с. 103].

Дар баробари ин Д. Ястребова низ дуруст қайд мекунад, ки шахс бояд аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои нусхабардорӣ озод карда шавад, агар он ба таври автоматӣ анҷом дода шавад, хусусияти мобайнӣ (яъне дар байни барномаи компютерӣ ва нуқтаи интиуоли иттилоот ҷой дорад) ё муваққатӣ дорад ва ҳадафи ягонаи он таъмин намудани самаранокии коркарди маълумот мебошад. Дар ин ҳолат мавҷуд набудани ҷиноятро нишон медиҳад.

Чунин ба назар мерасад, ки нусхабардории автоматии иттилооти компютерӣ, ки дар натиҷаи амали автоматӣ новобаста аз иродаи истифодабаранда ба вуҷуд омадааст, вобаста ба таркиби расмӣ метавонад

натиҷаи дастрасии беиҷозат эътироф карда шавад, аммо ба назари мо аломатҳои ҷиноят (барои ҷамъият хавфнокӣ ва гунаҳгорона)-ро доро намебошад.

**3. Бо дигар усул ба даст овардани иттилоот.** Дигар усулҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани исттилооти компютерӣ маънои ба даст овардани имконияти амалӣ намудани ваколатҳои молумулкӣ (ихтиёрдорӣ ё истифодаи он) нисбат ба як ё якчанд барномаҳои компютерӣ бидуни иродаи соҳибмулк мебошад.

Олими Н. Бабий дар ин замина чунин пешниҳод мекунад, ки мафҳуми «бо дигар усул ба даст овардани иттилооти компютерӣ» маънои ба даст овардани маълумотро бе ризоияти молик, мисли ҳолатҳои дуздӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ, ё бо ризоияти номустақим ва бар хилофи хоҳиши ӯ (тамаъҷӯӣ) дорад.

Ба андешаи мо, усули ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ фарогири ҳар гуна роҳҳое мебошад, ки бо нусхабардорӣ алоқаманд нестанд. Ин роҳҳо метавонанд ба монанди пайвасти ғайриқонунии ба системаи компютерӣ, истифодаи дастгоҳҳои гӯшӣ ва аксбардории дурдаст, дуздии интиқолдиҳандаҳои иттилоотӣ ва партовҳои саноатӣ (масалан, корзина), хондани маълумот дар массивҳои истифодабарандагони дигар, инчунин боқимондаи иттилоот дар хотираи система пас аз иҷрои дархостҳои ваколатдор ва дигар усулҳои шабеҳро фаро гиранд.

Қонунгузории ҷиноятӣ таҳти мафҳуми «бо роҳҳои дигар ғайриқонунӣ ба даст оварани иттилооти компютерӣ» фақат ду ҳолатро дар назар дорад:

– **ғайриқонунӣ чоп кардани иттилоот аз компютер.** Чоп кардани иттилоот ин тавассути барномаҳои компютерӣ (Майкрософт Офисс Ворд, Аксесс, Экзел) бо истифода аз қисми иловагии компютер (принтер) амалӣ карда мешавад. Бо роҳҳои ғайриқонунӣ бошад дар ҳолате ин амал ҷой дошта метавонад, ки бе иҷозати молик бошад, иттилооти ғайр бошад, яъне ба дигар кас таълуқ дошта бошад, бо мақсади расонидани зарар ба андозаи назаррар ҷой дошта бошад.

**- ба шабакаи интернет партофта баъд аз он ба даст овардани он.** Шабакаи интернет - шабакаи компютерӣ мебошад, ки бо компютерҳои ҷаҳон пайваст мебошад. Интернет аз шабакаҳои майдатари компютер сохта шудааст. Ин шабакаҳо бо истифода бурдани интернет протоколи стандартӣ хабарро мегиранд ва мефиристанд. Протокол бошад монанди забоне, ки компютер мефаҳмад. Партофтани маълумот ба шабакаҳои интернетӣ (мубодилаи маълумот, интиқоли рақамӣ, алоқаи рақамӣ) - интиқоли физикии додаҳо (ҷараёни битҳои рақамӣ) дар шакли сигналҳо аз як нуқта ба нуқта ё аз нуқта ба якчанд нуқтаҳо тавассути телекоммуникатсионӣ тавассути канали интиқоли додаҳо, одатан барои минбаъда коркард бо технологияи компютерӣ мебошад. Ин амалиёт ба таври дар сомонаҳо ҷойгир кардан, дар шакли дар ТОП-ҳо ҷойгир кардан, реклама кардан мебошад. Ба таври ғайриқонунӣ бошад ин амалиёт хилофи танзими қонунгузорӣ ва иродаи ҳифзкунандаи

Роҳҳо ва усулҳои дигари ба даст овардани иттилооти компютерӣ дар баъзе манбаъҳои илмӣ ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

– нусхабардории беиҷозат;

– боздошт (бастан-перехват)-и иттилооте, ки тавассути воситаҳои алоқаи компютерӣ интиқол меёбад.

Нусхабардории беиҷозат маънои сабти такрорӣ ва доимии маълумоти компютериро дар муҳити электронӣ, мисли мошин ё дигар муҳитҳо, бидуни иҷозати соҳиби ҳуқуқӣ, шахсони ваколатдор ё истифодабарандаи қонунӣ дорад. Инчунин, нусхабардорӣ метавонад дар шакли чопи ин маълумот дар таҷҳизоти компютерӣ низ амалишаванда бошад.

Барои нусхабардории маълумоти аслии компютер дар шакли аслии худ шарт нест. Мо чунин мешуморем, ки нусхабардории беиҷозати як қисми пойгоҳи додаҳо, маълумоти интихобшуда аз маҷмуи умумии иттилоот ё нусхабардории пурра ё қисман тавассути дастнависи маълумот ба воситаи рақамӣ ё коғазӣ бо дастрасии визуалӣ ба иттилооти компютерӣ бояд ҷиноят ҳисобида шавад. Чоп кардани иттилооти компютерӣ дар

хотираи шахс, масалан, тавассути дарки визуалӣ ва муттаҳидсозии он дар шаклҳои моддӣ, ба назар мерасад, ки метавонад ба нусхабардорӣ низ мансуб дониста шавад. Бар асоси ин назария, ҳангоми муайян намудани тарафи объективии таркиби ҷинояти мавриди баррасӣ, нусхабардории беиҷозат бояд ҳамчун истеҳсоли нусхаҳои мазмуни иттилооти компютерӣ бе иҷозати соҳиби молик ё субъекти дигари ваколатдор фаҳмида шавад. Маълумоти аслии нусхабардорӣ ба тағйир ё осеб дучор намешавад ва молик ё дигар соҳибони қонунӣ имконияти истифодаи мақсадноки онро гум намекунанд. Навъи муҳитҳои нусхабардорӣ (магнитӣ, оптикӣ, коғаз ва ғайра) аҳаммияти воқеӣ надорад.

Мо бар он андешаем, ки хавфнокии ҷамъиятии нусхабардории беиҷозати иттилооти компютерӣ бо хусусиятҳои предмети ҷинояти мавриди назар муайян мегардад. Бо вуҷуди ин, дурусттар мебуд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар ҳолатҳое татбиқ шавад, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бо зарари ҷиддӣ алоқаманд бошад, яъне дар ин маврид нусхабардорӣ на танҳо сабаби ҷиноят, балки шарти зарурӣ барои таъйини ҷавобгарӣ мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ ҳамеша зарари калон намерасонад, ки дар натиҷа арзёбӣ ва ҳукмгузории ҷиноятӣ метавонад душворӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, муайян кардани дараҷаи хатари ҷамъиятии кирдори содиршуда хеле душвор мешавад. Аммо ин муносибатҳои ҷамъиятиро, ки тартиби гирифтани иттилооти компютериро муқаррар мекунанд, вайрон мекунад. Дар робита ба ин, мо пешниҳод менамоем, ки ба боби 20 « Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи алоқа ва истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ»-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароте ворид карда шавад, ки ҷавобгарии маъмуриро барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, ки боиси расонидани зарари ҷиддӣ намегардад, пешбинӣ мекунад. Мо чунин мешуморем, ки барои такроран содир кардани ин кирдор дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ

ё расонидани заррар ба миқдори калон муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофики максад мебошад.

**Боздоштан (бастан-перехват)-и иттилооте, ки бо истифода аз воситаҳои алоқаи компютерӣ интиқол дода мешавад -** ғайриқонунӣ мусодираи иттилооти компютерӣ дар дастгоҳҳое, ки онро нигоҳ намедоранд, балки танҳо дар фазо интиқол медиҳанд (ғайриқонунӣ пайваст шудан ба хатҳои алоқа, ворид кардани блокҳои махсуси навъи «Троянский конь» ба барномаҳо, аз дастгоҳҳои гуногуни техникӣ аз фосилаи дур дарёфт кардани иттилоот аз ҳисоби шуоъҳои электромагнитӣ ва ба даст овардани хатти алоқаи электромагнитӣ модулятсияи басомади интиқолдиҳанда [70, с. 1064].

Олими соҳа В.Б. Вехов ду усули гирифтани иттилооти компютериро пешниҳод мекунад: фаъол ва ғайрифаъол [31, с. 58].

Дар усули фаъол ҳамлакунанда мустақиман бо пайвастшавӣ ба таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ дар компютер, система ё шабака маълумотро мегирад. Масалан, ин метавонад пайвастшавӣ ба хатти чопгар ё хатти телефонии канали алоқа бошад, ки барои интиқоли маълумот ва сигналҳои идоракунии таҷҳизоти компютерӣ истифода мешаванд.

Усули фаъол бо боздошти электромагнитӣ фарқ мекунад, ки он бе пайвастшавӣ ба система сурат мегирад. Дар ин ҳолат радиатсияи электромагнитие, ки ҳангоми кори таҷҳизоти компютерӣ тавлид мешавад, сабт ва ба муҳити физикӣ интиқол дода мешавад.

Соли 2001 Конвенсияи Шурои Аврупо дар робита ба боздошти ғайриқонунии иттилооти компютерӣ муқаррароти махсус пешниҳод намудааст. Ба маънои ин муқаррарот боздошти маълумот бо истифода аз воситаҳои техникӣ – яъне ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумот аз системаи компютерӣ ё маълумоти дар дохили он интиқолёфта, аз ҷумла радиатсияи электромагнитӣ, ки маълумотро дар бар мегирад, дар назар гирифта мешавад.

Ҳисоб кардани иттилооти компютерӣ ҳамчун объекти дуздӣ нодуруст

аст ва сабабҳои он чандтаанд. Аввалан, объекти дуздӣ асосан ашё (мол ё мулк) ва баъзан ҳуқуқи моликият ё амалҳои молумулкӣ мебошанд. Дуюм, муайян кардани арзиши маълумоти «дуздида» ҳамчун аломати субъекти дуздӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мушкил аст. Сеюм, бар хилофи дуздӣ, нусхабардории ғайриқонунӣ ҳадафи ҷиноятро – худи иттилоотро, на ашё ё молумулк, дар назар дорад.

Ҳамзамон, тибқи моддаи 301 Кодекси ҷиноятии ҶТ дуздии диск бо маълумоти компютерӣ ҷиноят ҳисоб мешавад, вале ин мавзуъ барои ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкор, масалан дар ҳолати дуздии хурд, монеа эҷод намекунад. Дар ниҳоят, арзиши иттилооти компютерӣ бо арзиши интиқолдиҳандаи он (масалан, диски сахт ё дигар таҷҳизот) иртиботи мустақим надорад.

Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари қонунгузории ҷиноятӣ дуздии иттилооти компютерӣ ғайриимкон аст.

**Системаи компютерӣ, шабакаи компютерӣ ё махзани мошинаҳои компютерӣ**.

Системаи компютерӣ як дастгоҳи мураккабест, ки аз аз воситаҳои зиёди дар як дастгоҳ мавҷуда ва бо ҳам алоқамандбуда иборат аст, ки барои иҷрои доираи васеи вазифаҳои ҳисоббарорӣ якҷоя кор мекунанд. Системаҳои компютерӣ маҷмуи компютерҳо, таҷҳизоти фаъоли шабакавӣ, низоми мураккаб ва идоравӣ мебошанд, ки барои бомуваффақият фаъолияти системаи мураккаби автоматикунонидашудаи корхона заруранд.

Системаи компютерӣ маҷмуи ҷузъҳои гуногунест, ки барои коркарди додаҳо якҷоя кор мекунанд. Мақсади системаи компютерӣ ин аст, ки раванди ҳалли масъала дар компютер то ҳадди имкон сода карда шавад. Системаи амалкунандаи компютер унсурҳои мураккаб вапечдарпечро муттаҳид мекунад, яъне элементҳои мураккаби дастгоҳҳои механикии компютер, ки тамоми вазифаҳои физикиро иҷро мекунанд. Унсурҳои мураккаби компютерӣ барномаҳое мебошанд, ки барои система навишта шудаанд. Онҳо амалҳои мантиқӣ ва математикиро иҷро мекунанд ва ба истифодабаранда қобилияти

идоракунии компютерро фароҳам меоранд. Ҳуҷҷатҳо дастурҳо ва рӯйхати амалиёти қобили қабулро дар бар мегиранд, ки ба истифодабаранда имкон медиҳанд ҷузъҳои мураккаб ва печдарпечи компютери худро пурра истифода барад. Ҳамаи ин печдарпечиҳо бо мақсади ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, истифодабарӣ, инчунин интиқоли маълумотҳои компютерӣ мебошанд. Иттилоотҳои компютерӣ аслан дар қисмҳои асосӣ ва иловагии компютер нигоҳ дошта мешаванд, ки инҳоянд:

- ҳомили электронӣ,
- низоми электронӣ
- шабакаҳои компютерӣ

Ҳомили электронӣ, ин воситаи моддем мебошад, ки барои сабт, нигоҳдорӣ ва такрори иттилооте, ки бо технологияи компютерӣ коркард мешавад, истифода мешавад. Ҳомили электронӣ барои сабти як ё якчанд иттилоотҳои рақамӣ инҳоро дар бар мегиранд:

- ҳомилҳои оптикӣ (CD-ROM, DVD-ROM, Disc Blu-ray);
- ҳомилҳои нимноқил (хотираи флешдор, дискҳои SSD);
- ҳомилҳои магнитӣ (лентаҳои магнитӣ, дискетҳо, дискҳои сахт).

Низоми электронӣ низомест, ки аз ҷузъҳои электронӣ дар шакли мушаххас сохта шудааст ва тартиби махсуси истифодабарӣ дорад. Дар дохили системаи электронӣ сигналҳои электрикӣ мавҷуданд, ки он иттилооти ҷамъовардашуда нигоҳ дошта мешаванд. Ин восита инчунин иттилооти коркардшуда ва маълумоти захирашударо руи кор меорад. Дар шабакаҳои компютерӣ якчанд намудҳои низоми электронӣ мавҷуданд (электроникаи кайҳонӣ, электроникаи автомобилӣ, технологияи компютерӣ, таҷҳизоти назоратӣ ва ченкунӣ, электроникаи тиббӣ, электроникаи маишӣ, электроникаи саноатӣ, электроникаи энергетикӣ, таҷҳизоти радарӣ ва навигатсионӣ, воситахои алока ва ғ.), ки маълумотро дар худ нигоҳ дошта метавонанд.

Шабакаи телекоммуникатсионӣ (ва ё шабакаи алоқа) системаи технологӣ мебошад, ки хатҳои алоқа, каналҳо, бастабандҳо ва истгоҳҳои ниҳоиро фаро мегирад. Ин системаро барои таъмин намудани истифодабарандагон бо алоқаи

барқӣ, тавассути терминалҳои абонентӣ, ки ба истгоҳҳои ниҳоӣ пайваст мешаванд, ташкил кардаанд. Бо ибораи дигар, шабакаи телекоммуникатсионӣ маҷмуи воситаҳои техникӣ мебошад, ки тавассути онҳо алоқаи барқӣ амалӣ мегардад.

Ба шабакаҳои телекоммуникатсионӣ дохил мешаванд:

1. Шабакаҳои компютерӣ (барои интиқоли маълумот).

2. Шабакаҳои телефонӣ (интиқоли иттилооти овозӣ).

3. Шабакаҳои радиоӣ (интиқоли иттилооти овозӣ - хадамоти пахши барномаҳо).

4. Шабакаҳои телевизионӣ (интиқоли овоз ва тасвир – хизматрасонии пахши барномаҳо).

Дар маҷмуъ, ҳомили электронӣ, низоми электронӣ ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ воситаҳои махсуси нигоҳдории иттилооти компютерӣ мебошанд, ки истифодабарандагон дар системаи иттилоотии компютерӣ ба онҳо такя мекунанд.

5. **Дошта гирифтани иттилоот, ки ба воситаи алоқаи компютерӣ фиристода мешавад.** Шабакаҳои компютерӣ ин системаи компютерие мебошад, ки пайвасткунандаи шабакаҳои интиқолдиҳандаи иттилоотҳо, таъминкунандаи амалишавии хизматрасониҳои гуногуни иттилоотӣ-ҳисоббаробаркунии истифодабарандагон, инчунин воситаи манфиатбахш, бехатар ва боэътимоди нигоҳдори маълумотҳо ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки имрӯз интиқоли иттилоот аксаран тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ қисман зиёд анҷом дода мешавад. Ин шабакаҳо мафиатбахшиаш дар ин аст, ки махфӣ ва ба таври дуру дароз иттилоотро дар худ нигоҳ медорад.

Се усули аслӣ барои ташкил кардани интиқоли маълумот байни ду компютер мавҷуд аст:

- пайваст кардани ду компютер, ки дар масофаи кӯтоҳ қарор доранд, тавассути портҳои алоқа бо истифода аз кабелҳои махсус, ки метавонанд аз намудҳои Twisted Pair, Coaxial Cable, Fiber Optic Cable ва дигарон бошанд;

- интиқоли маълумот аз як компютер ба компютери дигар тавассути модем бо истифода аз хатҳои алоқаи симӣ, бесим ё моҳворай (ба монанди Zyxel, D-Link, USRobotics, Acorp, Tenda, Cisco ва ғ.);
- пайваст кардани компютерҳо ба шабакаҳои иҷтимоӣ (Твиттер, МайлАгент, Телеграмм, Инстаграм, Имо, Вотсап ва ғ.)

Тартиби дошта гирифтани иттилоот аз шабакаҳои компютерӣ тавассути барномаҳои компютерӣ (Майкрософт ворд, ПДФ, Paragon,Backup & Recovery, Win Mend File Copy, XX Copy, Pickmv, Copy Changed Files, FBackup, EaseUS, Iperius Backup, MiniTool ShadowMaker, Bacula, Bareos ва ғ.) амалӣ карда мешавад. Тамоми иттилооте, ки дар хотираи компютер мавҷуданд ва дошта гирифта мешаванд дар хотираи ҳомилҳои электронӣ ё низоми электронӣ иттилоот ба таври эътимоднок, бехатар ё доимӣ нигоҳ дошта мешавад, ки ин тарафи масъалларо низ бояд баррасӣ кард.

Нигоҳдории маълумот як соҳаи муҳими рушди технологияи иттилоотӣ мебошад, ки пас аз пайдоиши таҷҳизоти нигоҳдории идоранашаванда ба вуҷуд омадааст. Системаҳои нигоҳдорӣ дар соҳаҳои гуногун (дар мағозаҳо ва бонкҳо то корхонаҳои калон) истифода мешаванд. Бо зиёд шудани талабот ба маълумоте, ки бояд нигоҳ дошта шаванд, мураккабии нигоҳдорӣ барои он меафзояд. Нигоҳдории маълумот маънои сабти баъзе маълумотро дар дастгоҳҳои нигоҳдорӣ барои истифодаи минбаъда дорад. Ҳама системаҳои нигоҳдории маълумотҳо аз рӯи меъёрҳои гуногун ба синфҳо тақсим мешаванд, ки инҳоянд:

Хотираи дастрасии тасодуфӣ (RAM-оперативная память) нигаҳдории муваққатӣ барои маълумотест, ки протсессор метавонад онро зуд хонад ё чоп кунад. Вай ба таври динамикӣ мебошад, яъне маънои онро дорад, ки маълумот дар он танҳо ҳангоми кор кардани компютер захира карда мешавад ва ҳангоми хомӯш кардани он гум мешавад.

Хотираи доимӣ (постоянная память). Ин навъи хотира барои хондан мебошад. Аз тарафи дигар, новобаста аз ҳолати қувваи компютер маълумотро дар худ нигоҳ медорад. Намунаҳои дастгоҳҳои хотираи доимӣ дискҳои сахт

(HDD-жёсткий диск), дискҳои сахти ҳолати сахттар (твердотельные накопители (SSD)) ва хотираи флешдор мебошанд.

Регистрҳои протсессорӣ – блокҳои хурди хотира мебошанд, ки бевосита дар протсессор ҷойгиранд. Онҳо дастрасии зудтарини маълумотро ба ҳама намудҳои хотира таъмин мекунанд ва барои нигоҳ доштани натиҷаҳои мобайнӣ ва назорати иҷрои фармоишҳо аз ҷониби протсессор истифода мешаванд.

Хотираи кэш як намуди хотираи компютер мебошад, ки дастрасии фавриро ба маълумот таъмин мекунад. Ин миқдори ками хотираи хеле зуд аст, ки бевосита дар болои протсессор ё дар наздикии он ҷойгир аст. Он барои нигоҳдорӣ ва дастрасии зуд маълумот ва дастурҳои зуд-зуд истифодашаванда тарҳрезӣ шудааст.

Хотираи буферӣ (буфер), майдони хотираест, ки барои муваққатан нигоҳ доштани маълумот ҳангоми интиқол байни ду ҷой ҷудо карда шудааст. Ин махсусан дар ҳолатҳое муфид аст, ки суръати хондани маълумот аз суръати навиштани он фарқ мекунад.

Ин намуди хотираҳо дар илми техника ва технология зиёданд ва рӯз аз рӯз инкишоф ёфта истодаанд, аммо аз ҳама паҳнгаштатаринашон намудҳои зикршуда мебошанд.

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ дар худ хотираҳои махсуссе доранд, ки ба муҳлати дароз ба таври эътимоднок ва бехатар маълумотро нигоҳ медоранд. Муҳлати нигоҳдории иттилоотро дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебавон ба вақт (дақиқа, соат, рӯз, ҳафта ё сол) идора карда шавад.

Ғайр аз ин дар ҷинояти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот аломатҳои иловагӣ низ ҷой дорад (тарз,ҷой, вақт, восита ва олоти содиршавии ҷиноят).

Бинобар ин аломатҳои иловагии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро, ки қонун ҳифз кардааст, таҳлил мекунем.

Тарзҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ маҷмуи усулҳо ва роҳҳое иборат мебошанд, ки ҷинояткор барои содир кардани он истифода мебарад. Онҳо метавонанд хеле гуногун бошад.

Олим Степанов-Егианс чунин тарзҳои содиршавии ин ҷиноятҳоро пешниҳод мекунад: бо истифода аз номи ягон каси дигар; иваз кардани суроғаи физикии дастгоҳи техникӣ; тахмин кардани парол; дарёфт ва истифодаи пробелҳо (сафедчаҳо) дар барнома; дигар гуна фиреби дигари системаи амнияти иттилоотӣ [86, с. 66].

А.Г. Волеводз чунин усулҳои содир кардани ин ҷиноятро пешниҳод мекунад:

– истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ ё барномавӣ, ки имкон медиҳанд системаҳои муқаррарнамудаи амниятро бартараф кунанд;

– истифодаи ғайриқонунии паролҳо ва рамзҳои эътиборнок барои ворид шудан ба компютер ё анҷом додани дигар амалҳо бо мақсади дастрасӣ ба система ё шабака бо номи истифодабарандаи қонунӣ;

– дуздии интиқолдиҳандагони иттилоот, агар барои ҳифзи онҳо чораҳои махсус андешида шуда бошад ва ин кирдор боиси нобудшавӣ ё басташавии иттилоот гардад [32, с. 496].

Олимони дигар, аз ҷумла Е.И. Панфилова ва А. Попов, бар он ақидаанд, ки усулҳои ғайриқонунии дастрасӣ ба иттилооти компютерӣ бо истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ амалӣ мешаванд, ки ба онҳо имкон медиҳанд системаҳои муқаррарнамудаи амниятиро убур карда, паролҳо ва дигар маълумоти истифодабарандаи қонуниро ғайриқонунӣ истифода кунанд.

Ғайриқонунии дастрасӣ ба иттилоот ду тарз дошта метавонад: аввал, бо дуздии мустақими интиқолдиҳандагони иттилоот (масалан, диск, флешка ва ғайра) ва гирифтани маълумоти нигоҳдошташуда дар онҳо; дувум, тавассути боздошти иттилоот бо истифода аз технологияҳои компютерӣ.

В.И. Струков якчанд истилоҳоти техникиро пешниҳод мекунад, ки тавассути онҳо тарзҳои содиршавии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ ба миён меояд [87, с. 14-15]:

**жучок** – хосияти насби микрофон дар компютер бо мақсади боздоштани суҳбатҳои кормандони хизматрасон;

**насбкунии маълумот –** ин имконииятро медиҳад, ки иттилооти заруририро ҷамъоварӣ кунанд ва технологияи гузаронидани онро дар система таҳлил намоянд;

**тозакунии партовҳо** – ин раванд ҷустуҷӯи маълумоте мебошад, ки истифодабаранда пас аз истифодаи компютер боқӣ гузоштааст. Он ду навъ дорад: физикӣ ва электронӣ. Навъи физикӣ метавонад тафтиши қуттиҳои партов, ҷамъоварии чопҳо, мукотибаи корӣ ва ғайраро дар бар гирад; навъи электронӣ бошад, санҷиши маълумоте мебошад, ки дар хотираи мошин боқӣ мондааст;

**усули таъқиби одамони содалавҳ (дураком)** – воридшавии беиҷозат ба минтақаҳои пӯшидаи фазоӣ ва электронӣ мебошад. Моҳияти он дар он аст, ки шахс метавонад бо гирифтани чизҳои марбут ба кор дар компютер ва бо гардиш дар назди дари баста, ки терминал дар он ҷойгир аст, пас аз интизории истифодабарандаи қонунӣ ворид шавад;

**кофтукови рахнаҳо** – истифодаи нокомӣ ё хатоҳои барномасозӣ барои истифодаи такрории осебпазирӣ мебошад;

**қаллобӣ (фиребгарӣ)** – ин усул ҳангоми пайваст шудани тасодуфии системаи « бегона» истифода мешавад.

Ҳамлагар бо тавлиди посуххои қобили эътимод метавонад гумроҳии истифодабарандаро, ки дар тӯли чанд вақт иштибоҳан пайваст шудааст, нигоҳ дорад ва барои ӯ маълумоти муфид, аз қабили кодҳои истифодабарандаро ба даст орад [136, с. 18].

Ин истилоҳотҳоро методҳо низ гуфтан мумкин аст.

Ақидаҳои пешниҳодшуда олимон гара чанде гуногун бошанд вале қобили эътирофанд. аммо ба таври пурра нестанд. Ба фикри мо тарзҳои асосии содиршавии ин ҷиноятҳоро ба таври мушаххас дақиқ кардан номумкин аст. Танҳо ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки тамоми роҳу воситаҳои истифодашаванда, ки иттилооти компютерӣ ба таври

ғайриқонунӣ ба даст оварда мешавад, тарзҳои содиршавии ҷинояти мазкурро ташкил медиҳанд.

Дигар аломати иловагии тарафи объективии ҷинояти баррасишаванда ин ҷойи содир шудани ҷиноят мебошад. Ҷойи содиршавии ҷиноят дар ҷинояти мазкур барои бандубаст танҳо дар амали кодеки ҷиноятӣ вобаста ба макон заррур мебошад.

Дар бораи масъалаи ҷойи содиршавии ҷиноят андешаи олимон ихтилофангез ба назар расида, ки асосан мафҳуми «ҷойи ҷиноят» дар сатҳи қонунгузорӣ хуб танзим нашудааст. Қонунгузорӣ мафҳуми «вақти ҷиноят»-ро равшан кардааст, аммо моҳияти истилоҳи «ҷойи ҷиноят» дар қонунгузорӣ ҳанӯз ба таври возеҳ муайян нагардидааст.

Олим Н.Ф. Кузнетсова пешниҳод кардааст, макони содир шудани ҷиноят як ҳудуди мушаххас (заминӣ, обӣ ё ҳавоӣ), ки ҷиноят дар он ҷо содир мешавад. Ба фикри мо дар ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ ин мафҳумро ба таври умумӣ эътироф кардан номумкин аст. Зеро иттилоотро метавон тавассути шабакаҳои иҷтимоии сатҳи байналмиллалӣ ба даст овард.

Хусусияти хоси ҳама ҷиноятҳои компютерӣ фаромиллии онҳо мебошад (хусусияти фаромарзӣ барои ин амалҳо дар қонунгузории кишварҳои гуногун пешбинӣ шудааст). Маҳз фаромарзӣ будани кирдорҳои ҷиноятӣ ошкор, тафтиш, пешгирии содиршавӣ, инчунин муқаррар намудани ҷойи содир шудани ҷиноятҳоро хеле душвор мегардонад [158, с. 114-115]. Ҷиноятҳои компютерӣ метавонанд дар як кишвар оғоз ёбанд ва дар кишварҳои дигар идома пайдо кунанд. Инчунин, оқибатҳое, ки дар ҳудуди як давлат рух медиҳанд, метавонанд дар кишварҳои дигар низ таъсир расонанд. Дар чунин ҳолатҳо масофа, назорати сарҳад ва зарурати ҳузури ҷисмонӣ аҳаммияти худро гум мекунанд. Агар ҷиноят вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот содир гардад ва ҳамзамон аз чанд компютер иҷро шавад, пас теъдоди ҷойҳои содиршавии ҷиноят бо шумораи компютерҳои истифодашуда баробар мешавад. Дар ҳамин ҳолат,

ҳангоми таҳқиқи чунин кирдорҳо муайян кардани давлате, ки ваколати тафтишро дорад, нақши муҳим пайдо мекунад.

Дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ин масъала мутобиқи қисми 1 моддаи 91 Конвенсияи ИДМ «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 7 октябри соли 2002» [127, с. 82-130] ҳал карда мешавад.

Давлате, ки Конвенсияи зикршударо имзо кардааст, уҳдадор аст, ки нисбати шаҳрвандони худ ё гумонбарон дар содир кардани ҷиноятҳо дар қаламрави давлати дигар таъқиби ҷиноятӣ анҷом диҳад, агар он кирдор дар ҳарду давлат ҷазои ҷиноятӣ дошта бошад. Барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва фаврии ҷиноятҳое, ки аз ҷониби як ё якчанд шахс дар қаламрави ду ё зиёда давлатҳои аҳдкунанда содир шудаанд ё ба манфиатҳои онҳо дахл доранд, гурӯҳҳои муштараки тафтишотӣ ва оперативӣ ташкил карда мешаванд.

Хусусияти дигари муайян кардани ҷойи содиршавии ҷиноят дар соҳаи иттилооти компютерӣ вобаста ба усули ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот аст. Дастрасӣ ба иттилооти компютерӣ метавонад бевосита, бавосита ё омехта бошад. Мувофиқи андешаронии И.Г. Иванова, ҷойи содиршавии ҷинояти компютерӣ дар ҳолати дастрасии бевосита ҷойи коркарди мустақими иттилоот шумурда мешавад.

Вобаста ба дастрасии бавосита олим маконҳои зеринро ҳамчун ҷойҳои содиршавии ҷиноят муайян мекунад:

– компютере, ки бо он суиқасди ҷиноятӣ анҷом дода шудааст;

– ҷойҳое, ки дар онҳо таҷҳизоти радиошунавонӣ барои гӯш кардани радиатсияи электромагнитӣ истифода мешавад;

– компютере, ки дар он оқибатҳои дастрасии беиҷозат ба маълумоти компютерӣ ошкор гардидаанд.

Ин ҷойҳо ҷойи воқеии содиршавии ҷиноятро нишон медиҳанд, вақте ки дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот ба таври бавосита ба амал омада бошад.

Бояд дар назар дошт, ки пешниҳоди И. Г. Иванова оид ба бандубасти ҷойҳое, ки дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ сурат гирифтааст, категорияи куҳнашудаи «Компютерҳо» -ро дар бар мегирад. Дар айни замон, иттилооти компютериро дар васоити гуногун ва дар шакли сигналу аломатҳои гуногун пайдо кардан мумкин аст.

Бо дарназардошти ин, масъалаи муайян кардани макони содир шудани ҷинояти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ ва татбиқи қонунгузории дахлдор дар ҳар ҳолат алоҳида ҳал мешавад. Ин мушкилӣ шаффофият ва ҳамоҳангии кори байналмилалии мақомоти ҳифзи ҳуқукро мураккаб мекунад.

Дар ҳолатҳои фаромиллӣ (фаромиллӣ – ҷиноятҳое, ки дар чанд кишвар ҳамзамон содир мешаванд) салоҳияти оғоз ва тафтишоти парванда метавонад ба давлати он кишвар вобаста бошад, ки ҷинояткор дар он ҷой ҳангоми содир кардани кирдор қарор дошта бошад.

Ҳангоми ба амал омадани оқибатҳои ҷиноят дар кишварҳои сеюм, масъала бояд бо истифода аз созишномаҳои байнидавлатӣ ва бо риояи принсипҳои ҳуқуқии қабулшуда, аз ҷумла роҳ надодан ба табъиз ва ҳамкории зич бо кишвари зарардида ҳал карда шавад. Агар шахси гунаҳкор номаълум бошад, вале ҷабрдида маълум бошад, имкон вуҷуд дорад, ки парвандаи ҷиноятӣ дар қаламрави он давлат оғоз гардад, ки ҷабрдида дар он ҷо кор ва зиндагӣ мекунад.

Агар ҷиноятткор ҳангоми содир кардани кирдор дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, парванда бояд аз ҷониби мақомоти ваколатдори маҳаллӣ оғоз гардад. Пас аз анҷоми тадқиқоти зарурӣ ва муайян кардани ҷои аслии содиршавии ҷиноят, парвандаи ҷиноятӣ метавонад ба мақомоти ваколатдори маҳалли воқеии ҷиноят супорида шавад. Ин раванд кафолат медиҳад, ки ҳам ҳуқуқи ҷабрдидагон ҳифз мешавад ва ҳам ҳамкории байнидавлатӣ дар мубориза бо ҷиноятҳои компютерӣ тақвият меёбад. Масалан, агар ҷабрдида аз ҷиноят ба мақомоти н.Синои ш.Душанбе шикоят кунад ва баъдан маълум шавад, ки

ҷинояткор ин ҷиноятро аз компютери насбшуда дар н.Фирдавсӣ содир кардааст, он гоҳ маводи парвандаи ҷиноятӣ бояд ба мақомоти ваколатдори н.Фирдавсӣ дода шавад.

Дигар аломати иловагии тарафи объективии ин ҷиноят ин вақти содир шудани ҷиноят мебошад. Вақт фосилаи ин ё он давомнокист, ки дар давоми он чизе рух медиҳад; лаҳзаи мушаххасе, ки дар он чизе рӯй медиҳад [73, с. 84], [38, с. 127]. Аз нуқтаи назари фалсафӣ вақт ин шакли ҷараёни тамоми равандҳои механикӣ, органикӣ ва равонӣ, шарти имкони ҳаракат, тағйирот ва рушд мебошад [72, с. 450].

Тибқи қонунгузории ҷиноятӣ вақти содир кардани ҷиноят вақти содир кардани кирдори (беамалии) барои ҷамъият хавфнок сарфи назар аз вақти ба амал омадани оқибати он эътироф карда мешавад [2]. Маълум аст, ки ин муқаррарот дар маҷмуъ ба ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ, хусусан моддаи 301 КҶ ҶТ дахл дорад.

Дар ҷиноятҳои баррасишаванда бошад, баъзе олимонба он ақидаанд, ки вақти содир шудани ҳар як ҷинояти компютерӣ, сарфи назар аз замони ба вуҷуд омадани оқибатҳои он, вақти анҷоми кирдор эътироф карда мешавад [51, с. 84].

Муҳлати содир шудани ҷиноятҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ асосан ба усули иҷрои онҳо вобаста аст. Дар ҳолатҳои тарзҳои бавосита ва омехтаи содиркунӣ, ки бештар бо истифода аз шабакаҳои компютерӣ анҷом меёбанд, киберҷинояткорон аксар вақт соатҳои шом ва шабро, яъне аз 20:00 то 4:00-ро барои амали худ интихоб мекунанд.

Аммо агар ҷиноят бо усули бадастоварии бевосита содир шавад, вақти содиршавӣ бо реҷаи кории муассисае, ки таҷҳизоти компютерӣ дар он ҷойгир аст, муайян карда мешавад. Одатан, ин соатҳои корӣ аз 9:00 то 18:00 мебошанд.

Воситаҳои ғайриқонунӣ барои ба даст овардани иттилооти компютерӣ асосан интиқолдиҳандагони иттилоот ва ҳамчунин воситаҳои

бартарафсозии системаҳои муҳофизатиро дар бар мегиранд. Барои иҷрои дастрасии беиҷозат одатан маҷмуи муайяни асбобҳо истифода мешаванд, ки ин асбобҳо метавонанд таҷҳизоти периферӣ ё воситаҳои интиқолдиҳандаи иттилоот бошанд.

Ю.В. Гаврилин пешниҳод мекунад, ки вобаста ба усули дастрасӣ байни воситаҳои содир намудани ҷиноятҳои дар м.301 КҶ ҶТ дар моддаи фарқ карда шавад:

- ҳангоми дастрасии бевосита ба воситаҳои комиссия ба ин «интиқолдиҳандагони иттилооти автоматӣ, инчунин воситаҳои ҳифзи иттилоот» дохил мешаванд [35, с. 88];

- дар ҳолати дастрасии бавосита ба воситаҳои комиссия «таҷҳизоти шабакавӣ (дар ҳолати дастрасии беиҷозат аз шабакаҳои маҳаллӣ), инчунин воситаҳои дастрасӣ ба шабакаҳои дурдаст (алоқаи телефонӣ, модем) дохил мешаванд» [134, с. 141-145].

Дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

Тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютериро худи бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бо кадом роҳе набошад, ташкил медиҳад. Асос ин, ки меъёрҳои қонунгузорӣ дар ин самт вайрон шуда бошад ва ба ҷамъият давлат ё шаҳрвандон зиррар расидааст.

Иттилоот як шакли моликият мебошад, ки ҳуқуқи истифодабарӣ, ихтиёрдорӣ ва соҳибӣ карданро ба таври махсус ва бо талаботҳои гуногун дорад ва хусусияти махфяти ҳатмӣ ва ҷавобгарӣ барои ифшои онро доро мебошад.

Нусхабардории иттилоот агар бо ду талабот (ғайриқонунӣ бошад ва аз дар шакли такрорӣ истеҳсол шавад) ҷавобгӯ бошад дигар ба кадом воситаи нусхабардорӣ мешавад муҳим нест, аллакай ғайриқонунӣ эътироф мешавад.

Пешниҳод мегардад, ки ба боби 20-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи

алоқа ва истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ бахшида шудааст, тағйирот ворид карда шавад.

Дар натиҷаи таҳлилӣ андешаҳои зикргардида ба хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузории ин бахш ҳамеша ба такмил ниёз дошта, махсусан зарур аст, ки дар он ҷавобгарии маъмурӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерие, ки боиси расонидани зарари ҷиддӣ намешавад, пешбинӣ гардад. Бо дарназардошти сатҳи хавфи иҷтимоии чунин кирдорҳо, мувофиқ мебуд, ки дар ҳолати такроран содир шудани он дар давоми як соли пас аз таъини ҷазои маъмурӣ, ё агар ин амали ғайриқонунӣ боиси расонидани зарари калон гардад, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шавад. Ин тарзи танзим метавонад ба ҷудо кардани сатҳҳои гуногуни хатарнокии кирдорҳо, таъмини муносибати мутавозин байни ҷазои маъмурӣ ва ҷиноятӣ, ва пешгирии такрори чунин ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат намояд.

Аз ин рӯ ба мақсад мувофиқ аст, ки дар фасли 11 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» (бобҳои 26-27), моддаи нав оид ба тасарруфи маълумотҳои компютерӣ, ки ба шаҳрванд, ҷамъият ва давлат зарари молумулкӣ мерасонад, пешбинӣ карда шавад.

# БОБИ 3. АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИВИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИТТИЛООТ

## 3.1. Субъекти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот

Яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти ҷиноят мебошад. Зери мафҳуми субъекти ҷиноят шахси воқеии мукаллафи ба синну соли муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ расидае, ки ҷиноят содир кардааст, фаҳмида мешавад (м.22 КҶ ҶТ). Аз ин меъёр бармеояд, ки барои субъекти ҷиноят эътироф кардан се аломати ҳатмӣ ҷой дорад: шахси воқеӣ бошад; мукаллаф бошад; ба синну соли муайяншуда расида бошад.

Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрвандӣ, душаҳрвандӣ ё бисёршаҳрвандидошта фаҳмида мешавад.

Шахси мукаллаф-шахсест, ки қобилияти гунаҳкорона амал намуданро дошта бошад, яъне дорои сифатҳои зеҳниву иродавӣ бошанд, ки ба ӯ имкон диҳанд, хусусиятҳои воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнок будани кирдори худро дарк намуда ва онҳоро идора карда тавонад [104, с. 65].

Ба синну соли муайян расидан. Яъне дар вақти содир шудани ҷиноят субъект бояд ба синни 16-солагӣ ва дар ҳолатҳои истисноӣ ба синни 14-солагӣ расида бошад (м.23 КҶ ҶТ).

Дар баъзе ҳолатҳо бошад, субъекти ҷиноят дорои аломатҳои иловагӣ мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд [104, с. 65]. Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ, субъекти ҷиноят одатан ҳамчун шахсе фаҳмида мешавад, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор аст ва барои кирдори (амал ё беамалӣ)-и худ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда метавонад.

Ин ҷо мо ба масъаллаи асосӣ - субъекти ҷинояти баррасишаванда (ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ) рӯ меорем.

Ба сифати субъекти ин ҷиноят олимон ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқиро дохил мекунанд, ки дар саҳифаҳои минбаъда онро баррасӣ мекунем. Ҳатто дар санадҳои байналхалқӣ ин масъала низ

тарҳрезӣ шудааст. Масалан, мутобиқи моддаи 12 Конвенсияи оид ба киберҷинояткорӣ аз соли 2001 муқаррар шудааст, ки ҳар як тараф чунин чораҳои қонунгузорӣ ва дигар чораҳоро меандешад, ки барои таъмини он, ки шахсони ҳуқуқӣ ё шахси воқеие, ки ба таври инфиродӣ ё дар ҳайати яке аз мақомоти шахси ҳуқуқии дахлдор амал барои кирдори ҷиноятие, ки мутобиқи Конвенсияи мазкур пешбинӣ шудаанд, ки аз номи ӯ аз ҷониби ҳар як шахс содир шудааст, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Тибқи ин санад шахсони воқеие, ки дар шахси ҳуқуқӣ вазифаи роҳбарикунандаро ишғол менамояд, ва дорои чунин нишонаҳоро доранд ба ҳайси субъекти ҷиноят баромад мекунанд:

а) ваколати намояндагии ин шахси ҳуқуқиро доранд;

б) ҳуқуқи қабули қарор аз номи ин шахси ҳуқуқиро доранд;

в) ҳуқуқи ба амал баровардани назорат дар доираи ин шахси ҳуқуқиро доранд.

Ғайр аз ин дар бораи эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят дар адабиёти илмӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳо ақидаҳо ва муқаррароти гуногун пешбинӣ шудаанд. Бинобар сабаби он, ки қонунгузории ҷиноятии мо ба сифати субъекти ҷиноят (хусусан ҷиноятҳои баррасишаванда) танҳо шахси воқеиро медонад. Мо низ дар ин доира таҳлилҳои илмиро анҷом медиҳем.

Таҳлили диспозитсияи моддаи 301 КҶ ҶТ ба мо нишон медиҳад, ки ба сифати субъекти ин ҷиноят танҳо шахси воқеии мукаллафи ба синни муқарраршуда расида баромад карда метавонад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи мавҷудияти категорияҳои субъекти умумӣ ва субъекти махсуси ҷинояти мазкур хулоса барорем. Тибқи м. 301 КҶ ҶТ ба ҳайси субъекти ҷиноятӣ мазкур шахси воқеии мукаллафи ба синни 16 расида баромад мекунад. Аммо қонунгузор як нишонаи махсуси ин субъектонро муайян кардааст. Яъне шахсе, ки ҳуқуқи дастарсӣ ба иттилооти компютериро надорад.

Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки назар ба субъекти махсус оид ба субъекти

умумии ин ҷиноят баҳсҳо камтар дида мешавад. Нуқтаи назари олимон низ дар ин соҳа гуногунанд, ки онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1. Баъзе олимон ба сифати субъекти ин ҷиноят шахси мукаллафи ба синни 16 расидаро пешниҳод мекунанд [158, с. 119], [113, с. 69-76]. Дар ақидаи олимони мазкур танҳо ду шарти асосӣ дида мешавад. Яъне мукаллаф будан ва ба синни 16- солагӣ расиданд. Ин ақида ба фикри мо маҳдуд аст. Зеро масъаллаи эътирофи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ин ҷиноят, дорандаи дониши махсус дар соҳаи техника ва технология будан дар ин пешниҳо дида намешавад.

2. Олимони дигар пешниҳод доранд, ки асоси ҷавобгариро барои субъекти ин ҷиноятҳо танҳо синну сол (ба синни 16 расида) ташкил медиҳад. Дар масъаллаи номукаллафии субъект аллакай ба таври автоматӣ маълум аст, ки субъекти ҷиноят шуда наметавонад [48, с. 703], [115, с. 47-52]. Олимон фикри худро бо он асоснок мекунанд, ки ин ҷиноятҳо танҳо дар шакли қасд содир мешавад, ки онро танҳо мукаллаф дарк менамояд. Ба фикри мо дар муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ бояд шартҳои умумии ҷавобгарӣ ба таври пурра пешбинӣ шаванд. Зеро дар ҳар минтақа ва аз ҷониби субъектони гуногуни ҳуқуқтатбиққунанда ба таври гуногун субъект муайян карда мешавад. Гузашта аз ин принсипи қонуният муайян кардааст, ки «меъёрҳои КҶ ҶТ дақиқан ва мутобиқи матни он бояд фаҳмида шаванд». Бинобар ин ин ақида низ ба назар гирифта намешавад.

3. Ин гурӯҳи олимон чунин мешуморанд, ки як шахси мукаллафи ба синни 16 расида, ба истиснои истифодабарандаи қонунии ин иттилооти компютерӣ ба сифати субъекти ин ҷиноят баромад карда метавонад [130, с. 8-15]. ин ҷо ақидаи олимон ба фикри мо каме нуқсоннокӣ дорад. Зеро истифодабарандаи қонуние ҳаст, ки қасди содир кардани ин кирдорро надорад ё дар бораи барномаҳое ки дар компютер насб шудаанд ва иттилоот дар он маҳфуз шудаанд, маълумоти кофӣ надорад. Онро истифода бурда наметавонад.

4. Ақидаи дигари олимон ин аст, ки шахси воқеии мукаллафи ба синни 16 расида, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда содир кардааст ва боиси оқибатҳои пешбининамудаи қонун гардидааст, ба сифати субъекти ҷинояти мазкур баромад карда метавонад [34, с. 75], [36, с. 245]. Ин муқаррароти қонунгузории ҷиноятии кишвари мо низ рост меояд.

5. Гурӯҳи охирини олимон бошанд, пешниҳод доранд, ки шахси вокеии мукаллафи ба синни 16 расида, ки дар системаи автоматикунонидашуда ё шабакаи автоматикунонидашуда кор мекунад ё аз хизматрасониҳои онҳо истифода мебарад (истифодабарандаи ҳуқуқӣ), вале ҳуқуқи кор кардан бо иттилооти муайян надорад ё шахси бегона мебошад. (шахсе истифодабарандаи ҳуқуқӣ нест) [39, с. 243], [42, с. 104]. Ин нуқтаи назар ба фикри мо ҷолиби дастгирӣ аст. Зеро субъекти ин ҷиноят ба истиснои аломатҳои умумӣ боз аломатҳои махсуси худро дорад. Яъне дорои дониши махсус бошад, истифодабарандаи қонунӣ бошад ё ҳуқуқи истифодаи ғайриқонуниро надошта бошад, дар гуноҳи ӯ қасди бевосита ҷой дошта бошад. Бинобар ин ақидаи мазкурро бо ҷонибдорӣ мекунем.

Ногуфта намонад, ки вобаста ба кам кардани синну соли субъекти ҷинояти мазкур низ баъзе ақидаҳо ҷой дорад. Қонунгузории ҶТ вобаста ба кам будани синну сол танҳо ҷавобгарии маданиро муқаррар кардааст. Ҷавобгарии маъмурӣ низ дар ин самт аз синни 16-солагӣ оғоз мегардад.

Дар айни замон, шумораи бештари олимон кам кардани синну соли ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир кардани ҷинояти мазкур барои субъектони он аз синни 14 -солагӣ раво мебинанд [185, с. 11].

Онҳо андешаи худро бо ин асос далелнок месозанд, ки аксар вақтноболиғон то синни 16-сола дорои малака ва донишҳои компютерие мебошанд, ки ҳатто аз баъзе калонсолон болотар меистанд. Дар асоси ҳамин, чунин фарз карда мешавад, ки ин наврасон на танҳо қобилияти дарк кардани хавфи иҷтимоии кирдоре, ки содир мекунанд, доранд, балки метавонанд оқибатҳои ҷиддии амалҳои ғайриқонунии марбут ба

бадастории иттилооти компютериро низ дуруст фаҳманд ва пешбинӣ намоянд.

Дар ин самт ақидаи баъзе олимон (ба монанди В.И. Радченко, Л.С. Михаила, Лопатина Т.М. Шахрай С. С. Ястребов, Д.А. Мазуров В.А., Айсанов Р.М., Машшенко Д.Г., Шарков А Е, Карпов В.С., Малишенко Я. Г., Баштшшн А. И.) [54, с. 568], [170, с. 254], [194, с. 166] низ ин ҷо овардан мумкин аст, ки тибқи пешниҳоди онҳо ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ инчунин метавонад ба хисороти махсусан калони моддӣ, марг ё зарари вазнин ба саломатӣ оварда расонад, ки муаллифони ин ақида ин навъи ҷиноятро бо дуздӣ ё амали террористӣ дар як қатор мегузорад.

Ба гуфтаи А.Ж. Кабанова, синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои баррасишаванда бояд аз ҳисоби «мавҷудияти бештари воситаҳои техникии нигоҳ доштан, коркард ва ба аксарияти аҳолй додани ахборот, баланд бардоштани дараҷаи маълумот дар соҳаи истифодаи технологияи олӣ» кам карда шавад [165, с. 24].

Дар муқобили ин олимон Р.М. Айсанов баромад карда бар ин назар аст, ки то 14 сол поин овардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ аз ҷалби наврасон ба гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ бо ҳадафи истисмор, бо баҳонаи бемасъулиятӣ ҷилавгирӣ карда, ангезаи ҳазлу масхарабозии наврасонро маҳдуд мекунад [152, с. 192].

Олимони дигар низ фикри асоснок пешниҳод мекунанд, ки тибқи он синни 16-солагиро синни оптималии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин кирдорҳо медонанд. Масалан. И.А. Сало таклифи паст кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои тарҳрезишударо комилан беасос медонад [177, с. 92].

Ҳангоми ворид кардани меъёри коҳиши синни ҷавобгарии ҷиноятӣ ба қонунгузории ҷиноятӣ, бояд маҷмуи омилҳое ба инобат гирифта шаванд, ки имкони муайян кардани рафтори мақсаднок ва огоҳонаи ноболиғро

фароҳам месозанд, яъне бояд муайян гардад, ки интихоби рафтори ғайриқонунӣ аз ҷониби шахс на тасодуфӣ, балки натиҷаи ирода ва муносибати дохилии ӯ нисбат ба кирдори барои ҷамъият хавфнок мебошад.

Тавре маълум аст, қобилияти шахс барои дарк намудани моҳияти кирдору назорати рафтораш ба сатҳи дониш, камолоти иҷтимоӣ, таҷрибаи зиндагӣ ва хусусиятҳои биологӣ вобастагӣ дорад. Гарчанде наврасони аз 14 то 16-сола маъмулан дорои дониши техникӣ ва малакаҳои ибтидоии кор бо компютер мебошанд, аммо онҳо то ҳол дар марҳилаи ташаккули равонӣ қарор доранд. Аз ин рӯ, қобилияти арзёбӣ кардани оқибатҳои рафторашон ва муносибати масъулона нисбат ба кирдори худ, дар муқоиса бо шахсони синнашон аз 16 боло, пасттар мебошад.

А.Н. Баштовая дуруст қайд мекунад, ки таърифи қонунгузории синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ дар бораи дараҷаи тараққиёти маънавии аҳли ҷамъият, дар бораи ақидаҳои дар он доир ба қадру қимати одам ҳукмфармост [114, с. 55-59]. В.С. Карпов ба муқобили паст кардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ баромад карда, «аз принсипи наҷот додани репрессияҳои ҷиноятӣ» мебарояд ва таклиф мекунад, ки «якҷоя тадбирҳои пешгирикунанда кор карда баромада шаванд. Ба кам кардани дараҷаи ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ дар байни ноболиғон, бо гузаронидани лексияҳо дар муассисаҳои таълимӣ, паҳн намудани барномаҳои махсус дар телевизион ва матбуот, даъват ба риояи қонун дар ин самт» ва ҳуқуқвайронкуниҳо нигаронида шудаанд [166, с. 209].

Андешаи олимон қобили қабул буда, дар ин замина ташаккули маърифати ҳуқуқӣ дар миёни ноболиғонро як унсури калидии пешгирии ҷиноятҳои компютерӣ метавон ҳисобид. Аз ин рӯ, гузаронидани корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ки ба ташаккули ниёзҳои мусбати наврасон дар муҳити рақамӣ равона шудааст, муҳим ва саривақтӣ мебошад. Омӯзиши ҳуқуқӣ дар ин самт бояд ба баланд бардоштани сатҳи

дониши техникӣ ва маърифати ҳуқуқии наврасон равона гардида, ба онҳо қоидаҳои истифодаи бехатар ва масъулонаи интернет, истифодаи дастгоҳҳои компютерӣ, шиносоӣ бо усулҳои ҳифзи маълумоти шахсӣ, ва фаҳмиши оқибатҳои ҳуқуқии рафтори ғайриқонунӣ дар фазои рақамиро омӯзонад. Инчунин, пешниҳод менамоем, ки дар мактабҳо барномаҳои таълимии махсус таҳия ва ҷорӣ карда шаванд, ки дар онҳо дарсҳои амалӣ ва виртуалӣ оид ба амнияти рақамӣ ва ҳуқуқи киберӣ ба таври мунтазам баргузор гарданд. Ин гуна тадбирҳо метавонанд ба ташаккули ҳисси масъулият ва эҳтиром ба қонун дар байни наврасон мусоидат намоянд ва ҳамзамон эҳтимолияти иштирокашон дар кирдорҳои ғайриқонунии марбут ба технологияҳои иттилоотиро коҳиш диҳанд.

Паҳлуи дигаре, ки дар ин зербоб бояд баррасӣ гардад, ин субъекти махсуси ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ мебошад. Субъекти махсус дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои аломатҳои иловагӣ мебошанд. Аломатҳои иловагии субъекти махсус вобаста аз муқаррароти пешбининамудаи диспозитсияи моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ муайян карда мешавад.

Мутобиқи мавқеи В. Павлов, субъекти махсуси ҷиноятро шахси аз ҷиҳати ҷисмонӣ солимфикри ба синни муқаррарнамудаи қонун расида, дорои хусусиятҳои иловагии ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок буда, барои ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан қобилият дорад. Мо ҳамчун субъекти махсуси ҷинояти мавриди таҳқиқ шахсеро мефаҳмем, ки бо истифода аз мавқеи хизматиаш ба маълумоти компютерӣ ғайриқонунӣ дастрасӣ дошта бошад [174, с. 32].

Қонунгузории ҷиноии ҶТ тафсири категорияи «истифода аз мақоми хидматӣ»-ро дар бар намегирад, ки дар байни олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ дар бораи мундариҷаи мафҳуми таҳлилшуда ба мувофиқа нарасидааст. С.С. Шаҳрой дар робита бо ин ҷиноятҳо мавқеи мансабиро ҳамчун мақоми расмии шахс муайян мекунад, ки ҳангоми мавҷудияти вазифаҳои хизматии бо қонун ё қоидаҳои махсус ба зиммаи ӯ гузошташуда

ифода карда мешавад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ду самт барои муайян кардани чунин аломати субъекти махсус, ба мисли истифодаи мақоми хизматӣ мавҷуд аст. Онҳо одатан ҳамчун ба маънои васеъ ва маҳдуд муайян карда мешаванд.

Ба маънои маҳдуд олимон танҳо он субъектеро дар назар доранд, ки гирифтани иттилоот танҳо бо роҳи маҷбурӣ, таҳдид ё дигар таъсиррасониҳо амалӣ карда шавад (мутобиқ ба қ. 2 м. 301 КҶ ҶТ), ё ба таври дигар гуем аз ҷониби шахсоне содир мешаванд, ки ғарази шахсӣ доранд.

Масалан, Р. Айсанов чунин мешуморад, ки «истифода аз мақоми хидматӣ маънои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро дорад, ки шахс бо истифода аз ҳуқуқҳои танҳо дар асоси фаъолияти хидматии худ дода шудааст» [75, с. 208]. Олим танҳо онҳоеро дар назар дорад, ки бо истифода аз мансаби хизматӣ ин кирдорро содир мекунад, инчунин шахсоне, ки дар ташкилотҳои тиҷоратӣ вазифаҳои роҳбариро иҷро мекунанд.

Олими дигар В.В. Голубев, ба сифати субъекти махсуси ин ҷиноят танҳо онҳоеро медонад, ки дар сохаи технологияи хисоббарор вазифаҳои рохбарикунандаи дахлдорро ишғол менамоянд. Ба ин дохил мешавад, барномасозон, операторони хисоббарорӣ, танзимгарони таҷҳизот ва ғайраҳо [119, с. 23].

«Ин ҷо боз як нуқтаи назари муҳим ҷой дорад, ки тибқи он дар эътироф намудани шахс ба сифати субъекти махсуси дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ бояд на ба мавқеи махсуси у, балки ба он бояд эътибор дод, ки шахс маҳз аз руи мавқеъ ё қобилияти худ имконияти содир намудани чунин чиноятро дорад» .

Муҳаққиқони дигар дар ин самт С.А. Буз, С.Г. Спирина чунин мешуморад, ки «истифода аз мақоми хизматӣ метавонад аз ҷониби кормандони ҳама гуна ташкилот, новобаста аз шакли моликият ва тобеият (тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ), аз ҷумла шахсони дигар (масалан, кормандони ташкилоти назораткунанда амалӣ карда шаванд, ки дар ташкилоти

назоратшаванда ба техникаи хисоббарорӣ дастрасӣ пайдо мекунанд» [28, с. 40].

С.А. Пашин бар ин назар аст, ки «истифода аз мақоми хидматӣ дар ин ҷо маънои истифодаи имкони дастрасӣ ба компютер дар натиҷаи кори анҷомдодашуда (тибқи шартномаи меҳнатӣ, шартномаи ҳуқуқи шаҳрвандӣ) ё таъсир расонидан ба хидмати шахсоне мебошад, ки чунин дастрасӣ доранд. Дар ин ҳолат субъекти ҷиноят ҳатман шахси мансабдор нест» [76, с. 245].

Дар ақидаҳои овардашудаи олимон танҳо як хусусияти хоссаи фардии шахс дида мешавад. Яъне касе, ки маълумот ва собиқаи маъсуси истифодабарии компютерӣ дорад. Тибқи ин ақидаҳо шахс дидаю дониста ба ин кирдор даст мезанад ва ғарази шахсӣ ҳам дорад.

Баррасӣ ва омӯзиши зиёда аз 170 ҳукмӣ судӣ ба мо имкон медиҳад, ки ба хулосае оем, ки судҳо ҳангоми баҳодиҳии ҷиноятҳо тибқи қисми 2 моддаи мазкур, аломати «истифода аз мавқеи хизматӣ»-ро бо дарназардошти тафсири васеи он дар илми ҳуқуқӣ дар назар доранд.

Масалан, бо ҳукми суди н. И. Сомонии ш. Душанбе шаҳрванд В. бо моддаи 301 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб шудааст. Дар ҳукм омадааст, ки шаҳрванд В бо истифода аз мақоми хизматӣ ба маълумоти аз ҷониби қонун ҳифзшавандаи компютерӣ дастрасии ғайриқонунӣ содир кардааст, ки дар натиҷа ба он тағйирот ворид карда шудааст. Ӯ бо сабаби дар соҳаи истифодаи техникаи компютерӣ дониши кофӣ доштанаш тибқи шартномаи меҳнатӣ муҳандиси ҶДММ буд. Номбурда системаи биллингии ҶДММ-ро истифода намуда, дар иттилооти компютерии дар ин ширкат мавҷудбуда ба суратҳисобҳои балансии муштариёни ҶДММ тағйирот ворид намояд.

Аз ҳукми суд бармеояд, ки истифодаи мақоми хизматии шахс маънои ба даст овардани иттилооти аз ҷониби қонун ҳифзшавандаи компютерӣ бо сабаби мавқеи хизматӣ мебошад. Ба андешаи аксари олимон, чунин дастрасӣ ҳангоми анҷом додани амалҳо дар доираи салоҳияти хизматии

шахс сурат мегирад, гарчанде ки ин амалҳо бо вайрон кардани тартиби иҷрои уҳдадориҳои вазифавии ӯ, ки бо қонун ё шартнома муайян шудаанд, анҷом ёбанд. Дар баъзе ҳолатҳо судҳо истифодаи мақоми хизматиро васеъ шарҳ дода, онро на танҳо ба ваколатҳои расмӣ, балки ба ҳолатҳои ба туфайли вазифа дастрас будани иттилоот низ татбиқ мекунанд. Аз ин лиҳоз, истифодаи чунин мақом ҳангоми дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ арзёбӣ мешавад.

Барои мисол шаҳрванд К бо ҳукми суди ш. Исфара дар асоси моддаи 301 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ ҷалб шудааст. Ӯ дар ҶДММ ба сифати мутахассиси таъминотчии кори системаҳои компютерӣ ва кор бо барномаҳои компютерӣ кор мекард. 17 ноябри соли 2024 дар давоми аз соати 10 то 12 ӯ бо сабаби иҷрои вазифаҳои хизматиаш ба утоқи кории директори ҶДММ даромада гӯё, ки системаи компютерии утоқи кории ӯро ба кор медарорад. Бо истифода аз набудани директор тамоми маълумотҳое, ки дар системаи компютерии директор дар бораи вазъи кории кормандон ҷой дошт пурра нест мекунад [233].

Чунон ки аз ҳукми суд бармеояд, шаҳрванд К, ки корманди ташкилот буда, ба таҷҳизоти компютерии ташкилоти хизматрасон дастрасӣ доштааст, аз ҷониби суд дар содир намудани ҷинояти қисми 2 моддаи 301 КҶ ҶТ гунаҳкор дониста шуд.

Ба андешаи мо, истифодаи мансаб дар чунин ҳолатҳо истифодаи ваколатҳои вобаста ба вазифа, мавқеи хизматӣ ё салоҳияти расмӣ мебошад, ки ба шахс имкони дастрасӣ ба компютер ё шабакаи иттилоотиро медиҳад. Шахсоне, ки тибқи вазифа ё кори иҷрокардаашон чунин дастрасӣ доранд, метавонанд истифодабарандагони компютер, барномасозон, кормандони шуъбаҳои барномавӣ ё мутахассисони хидматрасонии техникӣ бошанд. Гарчанде ки онҳо ба таҷҳизоти компютерӣ дастрасии иҷозатдошта доранд, ин маънои онро надорад, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба тамоми иттилооти маҳдуд ё ҳассосро низ доро мебошанд. Ба ибораи дигар, онҳо ё мустақиман, бо

роҳи тахмин кардани парол ё тағйири танзимоти дастрасӣ – дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоотро таъмин мекунанд, ё бо роҳандозии барномаҳои махсусе, ки барои дастрасии беиҷозат пешбинӣ шудаанд, амал менамоянд. Дар чунин ҳолатҳо, масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо бо сӯистифода аз мансаб, балки бо нақзи эътимоди хизматӣ низ алоқаманд мебошад.

Ин ҷо бояд ҳолатҳоеро баррасӣ кард, ки дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ба миён меоянд ва мавзуи тадқиқоти олимони ҳуқуқшинос мебошанд. Ба ин баромад карда метавонанд:

- содир намудани ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ аз ҷониби шахсе, ки қаблан бинобар ӯҳдадориҳои касбии худ ба иттилооти компютерӣ дастрасӣ дошт, вале баъди ба охир расидани ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти компютерӣ кирдори ҷиноятӣ содир кардааст. Ба гуфтаи В.М. Старичкова ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан дар асоси сӯиистифода аз мақоми хидматӣ аз лаҳзаи ба миён омадани нияти шахси гунаҳкор вобаста аст.

Ба назари мо, агар мақсад ҳангоми муносибатҳои меҳнатӣ ё маданӣ ба вуҷуд омада бошад, бояд аломатҳои бандубасткунандаи дахлдор мавриди баррасӣ қарор гиранд. Дар ҳолате, ки тайёрии пешакӣ вуҷуд надошта, ният пас аз қатъи ҳуқуқи дастрасӣ пайдо шавад, хусусиятҳои бандубастӣ ба назар гирифта намешаванд. Қонунгузорӣ содиршавии кирдори ҷиноятиро бо назардошти ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти компютерӣ дар доираи вазифа ва мавқеи хизматӣ танзим мекунад (моддаи 301, қисми 2-и КҶ ҶТ). Аз ин рӯ, содир кардани дастрасии ғайриқонунии иттилооти компютерӣ пас аз анҷоми уҳдадориҳои хизматӣ ба ин банди модда тааллуқ надорад ва барои он ҷавобгарӣ тибқи қисми 1-и ҳамин модда муқаррар мегардад.

Дар мавриди шахсоне, ки бидуни истифода аз мақоми хидматӣ дастрасии ғайриқонуниро ба иттилооти компютерӣ анҷом медиҳанд, мо бо назарияи В.М. Старичков мувофиқем, ки агар мавқеи хизматӣ ҳангоми содир кардани кирдори ҷиноятӣ ҳеҷ гуна бартарии воқеӣ надода бошад, ин аломат набояд ба ҳайси бандубаст ба ҳисоб гирифта шавад. Танҳо

истифодаи таҷҳизот ё имкониятҳои хизматӣ наметавонад асоси пурзӯр кардани ҷавобгарӣ бошад. Масалан, агар шахс аз компютери ташкилот маълумоте нусхабардорӣ кунад, ки ба таври қонунӣ дастрас аст, пас барои чунин кирдор бояд ҷавобгарӣ муқаррар гардад.

Дар солҳои охир шумораи содиршавии ин намуди ҷиноятҳо дар ташкилотҳо дар ҳудуди кишвар хело кам ба назар мерасад (шояд хусусияти латентиро ба худ касб кардааст ё шояд содир намешавад). Заррар аз ин ҷиноятҳо ҳам камтар дида мешаванд. Инро метавон бо он шарҳ дод, ки аксари парвандаҳои ҷиноии дастрасии ғайриқонунӣ дар содатарин категорияи парвандаҳо – парвандаҳои марбут ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ дар бораи логин ва паролҳои истифодабарандагони қонунии интернет оғоз мешаванд. Дар ҳоли ҳозир ин ташкилот тарғиби дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерии кормандони худ ва мутаносибан бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат накарда, мустақилона бо гунаҳкор ин масаларо баррасӣ менамояд.

Илм ҳуқуқшини самтҳои омӯзиши худро васеъ карда истодааст ва зарурати даровардани тағйирот вобаста ба хусусиятҳои субъекти дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ ба моддаи мазкур низ шуда метавонад. Рӯйхати ҳамаи унсурҳои ҷиноят, ки ретсидиви субъектро ташкил медиҳанд, бояд ба моддаи мазкур дохил карда шаванд. Ба фикри мо дар диспозитсияи моддаи мазкур набудани аломати ретсидив нуқсоннокии қонунгузор мебошад. Таркиби қисми 2 м. 301 КҶ ҶТ танҳо якчандкарата содир шудани ин кирдорро муқаррар кардааст. Аммо такроран содир шудани ҷиноят аз ҳолати редсидивӣ вобаста ба хавфнокиаш фарқ мекунад. Маҳз ҳамин аст, ки КҶ ҶТ дар моддаҳои алоҳида такрори ҷиноят ва ретсидиви ҷиноятро пешбинӣ кардааст.

Дар фарҳанги истилоҳи забони тоҷикӣ истилоҳи «ретсидив» ба маънои такрорӣ оварда шудааст. Аммо қонунгузории ҷиноятӣ инҳоро аз ҳам ҷудо кардааст. Ретсидиви ҷиноят ҳамчун қасдан содир кардани ҷиноят аз ҷониби шахсе эътироф карда мешавад, ки барои ҷинояти қаблан қасдан

содиркарда доғи судӣ дорад [183, с. 237], [163, с. 27], [174, с. 32], [58, с. 126].

Содир намудани ҷиноят дар шакли ретсидив аз ҷониби ҳамон шахс хавфи ҷамъиятии ҷинояткориро зиёд мекунад ва нишон медиҳад, ки ӯ ба риояи талаботи қонунҳои ҷиноятӣ майл надорад. Такрори пайвастаи ҷиноятҳо барои ҷомеа талафоти ҷиддӣ ба бор меорад ва эҳтимоли содир шудани ҷиноятҳои навро дар оянда афзоиш медиҳад. Бо ин ҳолат, зарурати муқаррар кардани ҷазоҳои сахттар дар қонунгузории ҷиноятӣ барои ҳолатҳои ретсидиви ҷиноятҳои компютерӣ номувофиқ ба назар мерасад. Чунки ретсидиви ҷиноят бештар хусусияти тасодуфӣ дорад, дар ҳоле ки такрори махсус ҳангоми содир кардани ҷиноятҳо ба маънои воқеии афзоиши хавфи ҷамъиятӣ мебошад. Тадқиқотчиёни масъалаҳои ҷинояткории компютерӣ бештар ба хусусиятҳои криминологии шахсияти ҷинояткоре, ки ин навъи ҷиноятҳоро содир мекунад, таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Лазим аст қайд намуд, ки мафҳумҳои «субъекти ҷиноят» ва «шахсияти ҷинояткор» бояд фарқ карда шаванд, зеро «субъекти ҷиноят» мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, хусусиятҳои ҳуқуқии шахсро дар содир намудани ҷиноят муайян мекунад, дар ҳоле ки «шахсияти ҷинояткор» мафҳуми криминологист ва хусусиятҳои шахсиятии ҷинояткорро инъикос менамояд.

Шахсияти шахси ҷиноятсодиркарда шахсияти шахсе фаҳмида мешавад, ки бинобар хислатҳои хоси психологиаш, ақидаҳои зиддиҷамъиятӣ, муносибати манфӣ нисбат ба арзишҳои ахлоқӣ ва интихоби роҳи аз барои ҷамъият хавфнок барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ ё нокомии у ҷиноят содир кардааст [135, с. 127].

Хусусиятҳои шахсияти гунаҳкор дар фарқ кардани дараҷаи ҷавобгарии ҷинояткор, бахусус ҳангоми муайян кардани намуди ҷазо ва андозаи он, ҳамчунин дар қабули қарор дар бораи озод кардан аз ҷазо нақши муҳим доранд. Дар ҳукм бояд маълумоти муфассал дар бораи шахсияти судшаванда, ки барои баррасии парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият дорад, оварда шавад, масалан: касб, сатҳи таҳсил, вазъи оилавӣ ва дигар ҷанбаҳои

ҳаёти шахсӣ. Ин маълумот ба суд имконият медиҳад, ки ҳукми адолатиро бо дарназардошти ҳолатҳои шахсӣ ва иҷтимоии ҷинояткор қабул намояд.

Мавқеи криминологҳо дар он аст, ки "маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткор барои тафтишот чандон фоида надорад, зеро аксари ҷиноятҳои компютерӣ нокушода боқӣ мемонанд ва ақаллияти онҳо фош мешаванд» [102, с. 40-41].

Мафҳуми хеле маъмул ва истифодашаванда «хакер» мебошад. Худи ҳакерҳо онро тарҷеҳ медиҳанд, ки онро «муваффақият, ба таври касбӣ идора мекунанд». Воқеан, дар фаҳмиши аслӣ, ҳакер як барномасози хеле касбӣ ва хеле кунҷкоб аст, ки қодир ба ҳалли ғайриоддӣ аст. Дар яке аз сомонаҳои сервери машҳури ҷустуҷӯии mpotu.uapskh.gi.com - «Инострангско-русский фразеологический» маҳз ҳамин тавр муайян карда шудааст [209]. Дар ин ҷо гуфта мешавад, ки феълан вожаи «хакер»тақрибан танҳо барои номи шахсе истифода мешавад, ки бадхоҳ, ғайрисотсиалӣ ва албатта хатарнок аст, яъне синоними калимаи «cracker» аст, ки ба компютерҳо ва шабакаҳо истифода мешавад [67, с. 11]. Дар луғати дигари Glossary.ru, ки дар ҳамин сомона нашр шудааст, ҳакер танҳо шахсе таъриф шудааст, ки амалҳои мухталифи ғайриқонунӣ содир мекунад, аз қабили: беиҷозат ворид шудан ба шабакаҳои компютерии дигарон ва дарёфти маълумот аз онҷо; ғайриқонунӣ нест кардани муҳофизат аз маҳсулоти нармафзор ва нусхабардории онҳо; эҷод ва паҳн кардани вирусҳои компютерӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, хулоса намудан мумкин, ки субъекти ин ҷиноят шахси воқеие мебошад, ки ба синни 16 расида, дар системаи автоматикунонидашуда ё шабакаи автоматикунонидашуда кор мекунад ё аз хизматрасониҳои он истифода мебарад, вале ҳуқуқи кор бо иттилооти муайянро надорад, ё шахси бегона мебошад. Субъект ба истиснои аломатҳои умумӣ дорои аломатҳои махсус ҳам ҳаст, яъне ӯ дониши касбӣ дошта, қасди бевоситаи содир намудани кирдори ғайриқонунӣ дорад, новобаста аз он, ки истифодабарандаи ҳуқуқӣ аст ё не.

### 3.2.Тарафи субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот

Эътироф намудани доктринаи қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба принсипи айбдоркунии субъективӣ (м.7 КҶ ҶТ) зарурати таҳлили тарафи субъективии ҷиноятро, ки ҳолати психологии аҳли ҷомеаро ташкил медиҳад, талаб мекунад.

Таҷрибаи тафтишию судӣ нишон медиҳад, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ (хусусан ҷиноятҳо вобаста ба дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ) аксар вакт аз омӯзиши мазмуни мушаххаси тарафи субъективии ҷиноят бо нишон додани шакл ва намуди гуноҳ худдорӣ мекунанд.

Тарафи субъективии ҷиноят яке аз унсурҳои муҳими ҳуқуқӣ ба шумор меравад, ки амали хавфнокро ҳамчун сарҳади субъективӣ муайян мекунад ва ба шахс имконият медиҳад, ки кирдори ҷиноятиро аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо фарқ кунад. Ин унсур аҳаммияти калидӣ дошта, аз маънои худи ҷиноят бармеояд. Он ҳамчун қисми таркибии ҷиноят ва асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ хизмат мекунад, яъне ҷавобгариро аз навъҳои дигар ҷудо менамояд. Бе мавҷудияти гуноҳ ва оқибатҳои кирдори барои ҷомеа хавфнок, амале, ки танҳо дар ҳолати қасдона буданаш ҷазои ҷиноятӣ дорад, ё кирдори пешбинишуда дар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки бе мақсад ё бо сабабҳои дигар содир шудааст, ҷиноят ҳисоб намешавад.

Ҳамчунин, тарафи субъективии ҷиноят имкон медиҳад, ки унсурҳои ҷиноят, ки аз рӯи аломатҳои объективӣ ба ҳам монананд, аз ҳамдигар фарқ карда шаванд. Масалан, ҷиноятҳои тағйир додани иттилооти компютерӣ (моддаи 299), ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот (моддаи 301) ва вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ (моддаи 304) бо ҳам монананд, вале вобаста ба тарафи субъективӣ аз ҳам фарқ мекунанд.

Илова бар ин, намудҳои гуноҳ (қасд ва беэҳтиётӣ), хусусияти ангеза ва мақсади содиршавии ҷиноят, дараҷаи хавфнокии он барои ҷамъият ва шахси ҷиноятсодиркунанда, инчунин хусусияти ҷавобгарӣ ва андозаи

ҷазоро муайян мекунад. Масалан, агар ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ содир шавад, тавассути тарафи субъективии ҷиноят муайян карда мешавад, ки субъекти ҷиноят чӣ гуна баҳо дода шавад ва кадом навъи ҷазо нисбати ӯ татбиқ гардад.

Ҳолатҳои зикршуда имкон медиҳанд, ки асосҳои умумии таъини ҷазо, аз ҷумла ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда нисбати шахси ҷиноятсодиркунанда, махсусан дар амалияи ҳуқуқтатбиққкунанда, ба назар гирифта шаванд (м.60-62 КҶ ҶТ).

Хулоса, тарафи субъективии ҷиноят ин маҷмуи аломатҳои дохила (руҳӣ) мебошад, ки тарафи таҷовузи ҷинояткоронро тавсиф медиҳанд. Ба сифати чунин аломатҳо; гуноҳ, ангеза ва мақсад баромад мекунанд [104, с. 80].

Гуноҳ ин муносибати руҳии шахс нисбати кирдори барои ҷамъият хавфнок содиркардааш ва оқибатҳои он мебошад, ки дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ ифода шудааст [62, с. 12].

Ангеза ва мақсад бошад, аломатҳои факултативӣ (иловагӣ)-и тарафи субъективии баромад намуда, дар баъзе ҳолатҳо ба сифати аломатҳои ҳатмӣ тавсиф дода мешавад.

Бо сабаби он, ки мавзуи асосии баррасишавандаи мо тарафи субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ мебошад, моро зарур аст, ки ба масъаллаи асосӣ гузарем.

Гуноҳ дар ҷиноятҳои баррасишаванда асосан аз муносибати субъект ба факти аз ҷониби ӯ вайрон гардидани меъёри қонунгузории ҷиноятӣ, яъне аз дарки зиддиҳуқуқӣ будани кирдорҳои худ вобастагӣ дорад. Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ бевосита аз ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ маншаъ гирифта, моҳиятан давоми он мебошад ва бинобар ин, бояд аввал дар вайронкунии қонунгузорӣ оид ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ мавҷудияти гуноҳ муқаррар карда шавад.

Муқаррар кардани гуноҳ дар содиршавии ҷинояти мазкур боз ба

масъалаи дарки худи ҳолати вайронкунии қонунгузориро дар ин самт ба миён меорад, чунки аз ин дарк намудани хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршаванда вобастагӣ дорад.

Ҳангоми баррасии ҷиноятҳо дар соҳаи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ муқаррар намудани муносибати руҳии шахс нисбати кирдори содирнамудааш ва оқибати он нақши муҳим дорад.

Дар ин масъалла (тарафи субъективии ин ҷиноятҳо) миёни олимон гуногунандешӣ ҷой дорад, ки онҳоро шартан ба 4 гурӯҳ тақсим карда мумкин аст.

1. Гурӯҳи аввали олимон (А.В.Наумова ва Борчева Н.А. А.Г.Волеводз, К. Н. Евдокимов ва ғ.) ба он ақидаанд, ки тарафи субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро танҳо гуноҳ дар шакли қасди бевосита ташкил медиҳад. ин ҷо шакли беэҳтиётии гуноҳ ҷой дошта наметавонад [53, с. 665], [27, с. 10], [19, с. 16], [172, с. 95], [32, с. 71], [59, с. 285], [63, с. 21], [40, с. 197], [41, с. 44], [95, с. 501]. Ҳатто олимон бо қасди бавосита ҷой доштани ин кирдорҳоро рад мекунанд. Онҳо фикри худро бо он асоснок мекунанд, ки қонунгузор (мақсад аз қонунгузории ҷиноятии ФР) истилоҳи «ғайриқонунӣ»-ро пешбинӣ мекунад. Аз ин истилоҳ бармеояд, ки субъект дидаву дониста кирдорро содир мекунад. Дигар асоси овардаи олимон ин аст, ки барои бегуноҳона расонидани заррар ҷавобгарӣ ҷой дошта наметавонад. Дар ин ҷиноятҳо танҳо гуноҳ дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки шахс дидаю дониста кирдори мазкурро содир намояд. Дар ин мабдаъ олимон С. Кочои ва Д. Савелев иброз медоранд, ки шахсе, ки барои дастрасӣ ба иттилоот кӯшиш мекунад, бояд донад, ки дастрасии озод ба иттилоот маҳдуд аст. Мақсади бо чораҳои ҳифзи иттилоот аз дастрасии шахсони бегона барои дастрасӣ ба иттилоот бояд бартараф карда шаванд (кодҳо, рамзҳо ва ғайра). Ба таври дигар гуем намоиши паёмҳои огоҳкунанда дар экрани компютер, ё огоҳиҳои шифоҳӣ дар бораи манъи дастрасӣ ба иттилоот ва ғайра бояд ҷой дошта бошад [199]. Аммо дар робита ба оқибатҳои он, гунаҳкорӣ метавонад ё қасдан ё беэҳтиёт

бошад [125, с. 53-58].

2. Мавқеи гурӯҳи дуюми олимон (Пашин С.А., Золотухин С.Н., Хун А.З., В.А. Мазуров ва дигарон) бар он аст, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ натанҳо дар шакли қасд, балки аз беэҳтиётӣ низ содир шуда метавонад. Шакли беэҳтиётӣ-гунаҳкорӣ метавонад ҳангоми ҷой доштани дастрасии қонунии ӯ ба иттилооти компютерӣ (яъне як навъ хатои ҳуқуқӣ), инчунин вобаста ба бавуҷудоии оқибатҳои номатлуб ҷой дошта метавонад [76, с. 640], [45, с. 72]. Олими дигар В.А. Мазуров қайд мекунад, ки ҳангоми аз беэҳтиётӣ содир шудани кирдор шахс метавонад танҳо барои суиқасд ба ҷавобгарӣ кашида шавад ва ё умуман таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор нагирад. Ҳатто муаллиф пешниҳод дорад, ки ба Кодекси ҷиноятӣ тағйироти дахлдор ворид карда шавад ва ё барои чунин ҳолатҳо ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шавад.

3. Олимони гурӯҳи сеюм бошанд (С.В. Озерский, Ю Н. Лазарев, А.Ю. Лавров, А.Е. Шарков, Ю. Ляпунов В. Максимов ва диг.) чунин мешуморанд, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ дар шакли қасд (бо қасди бевосита ва бавосита) содир мешавад, аммо дар шакли беэҳтиётӣ метавонад ҳангоми баҳодиҳии қонунӣ будани дастрасии худ ба маълумоти компютерӣ, инчунин нисбат ба оқибатҳои номатлуби дастрасӣ, ки дар диспозитсияи ин меъёри қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, содир шавад [74, с. 24], [193, с. 149], [130, с. 12].

Онҳо чунин мешуморанд, ки субъекте, ки аз беэҳтиётӣ дастрасии ғайриқонуниро анҷом медиҳад, ё хавфнокии амали худро дарк мекунад, вале сабукфикрона амал мекунад ва ё оқибатҳои эҳтимолии хатарнокро пешбинӣ намекунад, гарчанде ки ӯ метавонист ва мебоист пешбинӣ мекард, кирдори ӯ аз беэҳтиётӣ ҳисоб меёбад. Дар муносибат бо қасди бавосита бошад, олимон пешниҳод доранд, ки гунаҳкор дарк мекунад, ки ӯ ба иттилооти компютерӣ ғайриқонунӣ дастрасӣ дорад, ногузирӣ ё эҳтимолияти ба амал омадани ақаллан яке аз оқибатҳои пешбининамудаи

қонунро пешбинӣ мекунад, хоҳони фаро расидани оқибат намебошад ё нисбат ба онҳо бепарвоёна амал мекунад. Ҳангоми ба амал баровардани дастрасии ғайриқонунии иттилооти компютерӣ дар раванди содир шудани баъзе кирдорҳои номатлуб (масалан авбошӣ) шахси ҷинояткор чун коида, нисбат ба оқибатҳои зарарнок бепарво аст.

4. Гурӯҳи охирини олимон бошанд (ба монанди Карпов В.С. Л.А. Сударева, А.И. Абов ва ғ.), пешниҳод доранд, ки дар ин ҷиноятҳо шакли гунохро аз оқибати кирдор баҳо додан мумкин аст. Масалан, нусхабардории иттилоот танҳо бо роҳи нобуд кардан, тағйир додан ё бастани иттилооти компютерӣ сурат мегирад. Ин ҳолат ҳам дар шакли қасд ва ҳам дар шакли беэҳтиётӣ сурат гирифтанаш мумкин аст [166, с. 134], [186, с. 44], [19, с. 25].

Ба андешаи онҳо нусхабардории иттилоот асосан барои ба даст овардани натиҷаи муайян анҷом меёбад. Дар ҳоле ки нобудсозӣ, тағйир ё бастани иттилоот метавонад ҳам қасдан ва ҳам аз беэҳтиётӣ рух диҳад. Бо вуҷуди ин, ба назари мо, ин андеша каме нодуруст аст, зеро агар шахс аз ғайриқонунии дастрасӣ огоҳ бошад, шакли гунохро ба намуди оқибат вобаста кардан мантиқӣ нест, яъне ӯ аллакай бо огоҳӣ ва мақсаднок амал мекунад.

Қонунгузории ҷиноятии ҶТ низ вобаста ба ин масъалла муқаррароти махсусро дар м.301 овардааст.

Аз таҳлили он бармеояд, ки тарафи субъективии ин кирдорро қонунгузории ҷиноятӣ дар шакли қасди бевосита баҳо медиҳад. Қонунгузории ҷиноятӣ ибораи «нусхабардории ғайриқонунӣ ё бо роҳҳои дигари ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот»-ро муқаррар кардааст.

Тибқи меъёри мазкур ва қонунгузории амалкунанда ҳангоми таъсиси системаҳои иттилоотӣ бо истифодаи технологияҳои компютерӣ соҳибони онҳо вазифадоранд чораҳои амниятиро ҷорӣ кунанд, то дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ танҳо қонунӣ ва мунтазам сурат гирад. Шикастани ин чораҳои муҳофизатӣ ҳамеша бо маҳорати махсуси шахсе, ки ба

иттилооти компютерӣ дастрасӣ дорад, вобаста аст. Барои амалӣ сохтани дастрасии ғайриқонунӣ дониши касбӣ лозим аст, ки нишон медиҳад шахс аз хусусияти амалҳои иҷрошуда ва нияти шинос шудан бо иттилоот огоҳ мебошад.

Дар амалияи ҳуқуқтатбиққунанда вобаста ба баҳо додани гуноҳ (тарафи субъективӣ) дар ин ҷиноят низ камбудиҳо дида мешаванд. Масалан бо Ҳукми суди н. Фирдавсии ш. Душанбе шаҳрванд А. бо моддаи 301 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб шудааст. Ҳолат ин буд, ки ӯ аз соди 2018 то соли 2025 дар шабакаҳои барқии ш. Душанбе ба ҳайси таъмиргари системаи иттилоотии корхона кор мекард. Номбурда бо муҳосиби корхона Б. ва нозир-барқчӣ В. маслиҳати якҷоя карда, бо мақсади ба даст овардани фоидаи муфт маҷмуи маълумотҳо вобаста ба низоми молиявии корхонаро, ки дар барномаи Microsoft Exell-и системаи компютерии мудири бахши хазинадорӣ-Г. нигоҳ дошта мешуд, ба даст оварда, тавассути он аз тавозуни шабакаҳои барқӣ ба тавозуни муштариён (истифодабарандагон)-и барқӣ 911.000.000кв/с қувваи барқро, ки арзиши 249.328 сомониро ташкил медод гузаронида, оиди он маълумотро дар системаи иттилоотии барқӣ таҳриф сохтаанд. Маблағи ин қувваҳои барқии дуздидашударо аз муштариён ҷамъоварӣ карда ба манфиати шахсии худ истифода бурдаанд [234]. Ҳангоми баҳо додани қасди онҳо тарафи субъективиро суд бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита баҳо додааст. Аммо ин ҷо якчанд ҳолатҳоест, ки аз ҷониби суд ба назар гирифта нашудааст. Аввал ин ки ин ҷо моддаи 245 КҶ ҶТ барои азонихудкунии моликияти давлатӣ ҷой дошта метавонад. Зеро дар Ҳукм истилоҳҳои «бо мақсади бадаст овардани фоидаи муфт, ва «ғарази шахсӣ» оварда шудааст. Аз ин бармеояд, ки нишонаҳои тасарруф низ ин ҷо ҷой дорад. Моддаи 301 КҶ ҶТ зиёни назаррас гуфта, он шакли зарарро дар назар дорад, ки барномаро нест мекунад, тағйир медиҳад, бастабандӣ (заблокироват) мекунад». Бинобар ин ҳангоми ҷой доштани тасарруф бояд боби ҷиноятҳо ба муқобили моликият (хусусан м. 245 КҶ ҶТ) низ ба назар бояд гирифта шавад. Дигар ин ки ҳолатҳое, ки зиёни

назаррас дар ҳукм ба назар гирифта нашудааст. Ҳамчун заррар суд танҳо маблағи азонихудшударо баҳо додааст. Судҳо ҳангоми баровардани ҳукм ва таъини ҷазо бояд заррари аз ҷиноят расонидашударо пурра баҳо диҳанд. Суиқасди ҷиноят ба чи равона шудааст диққати махсус дода шавад.

Мисоли дигар шаҳрванд Ф, ки дар ҶДММ аз соли 2021 то инҷониб ба ҳайси монтажчии терминалҳои қабули пардохт таъин шуда кор мекард. Номбурда бо роҳи фиреб дар шабакаи компютерӣ (аниқтараш дар системаи ягонаи пардохти фаврӣ), ки дар компютери директори ҶДММ насб шуда буд, тамомияти махзани баҳисобгирии кортҳои пардохтиро тағйир дод, ки боиси тағйирёбии маълумот дар компютер гардидааст. Ӯ бо ин кирдорҳояш ба ҶДММ ба миқдори 2.372.114 сомонӣ заррари молумулкӣ расонидааст [214]. Суд танҳо заррари молумулкиро ба назар гирифта ҳолати ҳодисаи ҷиноятро баҳо додааст. Қасди бавоситаи Б. дар содир намудани ҷинояти м.301 КҶ ҶТ дар дидаю дониста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компӣтерӣ, хоҳони фарорасии оқибати он дар шакли тағйир додани маълумот ва тахмини бошуурона дар бораи ба амал омадани ин окибат мебошад.

Аз мисолҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки камбудиҳо дар муайян кардани тарафи субъективии ҷинояти мазкур зиёд дида мешавад.

Ба фикри мо тарафи субъективии ҷиноят бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита ҷой дошта метавонад. Зеро субъекти ин ҷиноят махсус мебошад. Шахсе, ки вобаста ба дигаргунсозӣ, нест кардан, бастабандии компютер сару кор мегирад, вай дидаю дониста ин кирдорро содир мекунад. Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар шакли беэҳтиётӣ ҷой дошта наметавонад. Зеро шахс надонад, ки чи кирдорро содир кардааст, паст мақсади ҷиноят ба миён омада наметавонад. Ҳангоми беэҳтиётӣ ҷой доштан бояд дигар ҳолатҳои ҷавобгарӣ (маъмурӣ, маданӣ ва ғ.) ба вуҷуд омаданаш мумкин аст, ки ин ҳолатро ҳам аз қонунгузории ҷиноятӣ ҳангоми баҳо додани ҳодисаи ҷиноят муайян кардан мумкин аст.

Оиди ин масъалла мисоли дигар дар масъалаи тарафи субъективии ин

ҷиноят ба таври зайл овардан мумкин аст. Муҳандиси система А., бо мақсади ба даст овардани дастрасии беиҷозат ба пойгоҳи додаҳои системавӣ дар сатҳи маъмурон, ба сомонаи интернетии ЧДММ рахна зада, ба саҳифаи асосии он ва ҷойгиркунии маълумот дар бораи ҳакерӣ ба система ва нусхабардорӣ ҷадвали дорои номи истифодакунӣ ва паролҳои истифодабарандагони система асосии он тағйирот ворид кардааст.

Маълум шуд, ки А. гуноҳро бо қасди бевосита содир кардааст, зеро вай хавфи ҷамъиятии кирдорашро дарк карда, фарорасии оқибатҳои номатлубро дар шакли тағйир додан ва нусхабардории маълумоти бо қонун ҳифзшавандаро пешгӯӣ карда, хостори ба амал омадани ин оқибатҳо шудааст. Лаҳзаи ихтиёрӣ дар ин ҳолат аз амали мақсаднок бо хоҳиш иборат аст, ки аз саъю кӯшиш ба натиҷаҳои муайян иборат аст, ки ҳадафи ниҳоӣ хизмат мекунад.

Барои баррасии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бо қасди бевосита аломатҳои зеҳнӣ ва иродавӣ ҷой доранд, ки таҳлили онҳо коро моро осон мегардонад ва содиршавии ин ҷиноятҳоро бо қасди бевосита муайян мекунад.

Ҳолати психологии гунаҳкорӣ унсури зеҳнӣ ва ихтиёриро дар бар мегирад. Унсури зеҳнӣ қобилияти дарк кардани шахсро дар бар мегирад, ки ҳам аломатҳои воқеии вазъияти мушаххас ва оқибатҳои рафтори ӯ ва ҳам зарари расонидашудаи онро дар назар дорад.

Аломатҳои ихтиёрӣ самти бошууронаи кӯшишҳои ақлӣ ва ҷисмониро барои тайёрӣ ба содиркунии ҷиноят, расидан ба мақсади асосӣ, худдорӣ кардан аз содиркунӣ, интихоб роҳу усули содиркунии ҷиноят ифода мекунанд.

Лаҳзаи зеҳнии сабукфикрии ҷиноят аз он иборат аст, ки шахс аз эҳтимолияти оқибатҳои кирдорҳои худ пурра огоҳ аст [180, с. 161]. Лаҳзаи зеҳнӣ дар кирдори шахс ҳангоми содиршавии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ дар расонидани зарар бо объектҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда ифода меёбад, ки оқибат кирдори барои

ҷамъият хавфнок, яъне расонидани зиёни назаррас ба молик (истифодабаранда)-и системаи иттилоотии компютерӣ ба вуҷуд меояд, яъне шахс пурра кирдори барои ҷамъият хавфноки худро дарк мекунад ва хоҳони фаро расидани оқибати лаҳзаи иродавии он аст.

Лаҳзаи иродавӣ бошад, ин аст, ки шахс боварӣ дорад, ки вазъиятро зери назорат гирифта, аз фарорасии оқибатҳои ҷамъиятӣ онро пешгирӣ мекунад [189, с. 176].

Ҳангоми содир намудани ҷинояти пешбининамудаи моддаи 301 КҶ ҶТ бо қасди бевосита ё бавосита аломати зеҳнӣ дар гунноҳ як аст – ҳолати психологии гунаҳкор, ки дарк намудани хусусияти барои ҷамъият хавфнок будани кирдори худ, ки ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ нигаронида шудааст ва ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок дар шакли зарари назаррас дар натиҷаи ин амалҳо унсури зеҳнии қасдро ташкил медиҳад. Бо қасди бевосита ва бавосита танҳо дараҷаи пешбинии оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок фарк мекунад. Мо чунин мешуморем, ки ҷинояткор ҳангоми содир кардани ин ҷиноятҳо бо қасди бавосита танҳо имконияти воқеии руй додани ин ҷиноятро пешбинӣ мекунад ва бо қасди бевосита бошад ногузир ё имконияти ба амал омадани оқибатҳои хавфнокро медонад.

Лаҳзаи ихтиёрӣ (иродавӣ)-и ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ аз хоҳиши ба амал омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ё дар сурати мавҷуд набудани хоҳиши расонидани зарари калон ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда бо муносибати бепарвоёна нисбат ба онҳо иборат мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки ҳангоми амалӣ намудани дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти аз ҷониби қонун ҳифзшавандаи компютерӣ (вақте ки шахси ҷиноят содиркарда воқеан хатари барои ҷамъият хавфнокии амали худро дарк мекунад), унсури ихтиёрии тарафи субъективии ҷинояти баррасишавандаро метавон ифода кард, ки хохиши ба амал омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ҳангоми кушиши

ҷинояткор барои оқибатҳои муайяне, ки дар диспозитияи меъёри бо қонуни ҷиноятӣ зикр шудаанд (касди бевосита). Аз тарафи дигар, бо интизории эҳтимолияти оқибатҳои ҷиноятӣ, вақте ки ҷинояткор намехоҳад, балки бошуурона ба рух додани оқибатҳои номатлуб роҳ медиҳад ё дар содиршавии онҳо беparвоёна рафтор мекунад. Бо ин тибқи қисми 3 моддаи 28 КҶ ҶТ сухан дар бораи қасди бавосита меравад.

Дар масъалаи тарафи субъективии ҷинояти пешбининамудаи моддаи 301 КҶ ҶТ, ки дар шакли қасд ба вуҷуд меояд, дар амалия низ ба таври пурра ҳал нашудааст. Масалан, муҳандиси система А., бо мақсади ба даст овардани дастрасии беиҷозат ба пойгоҳи додаҳои системавӣ дар сатҳи маъмурон, ба сомонаи интернетии ҶДММ рахна зада, ба саҳифаи асосии он ва ҷойгиркунии маълумот дар бораи ҳакерӣ ба система ва нусхабардорӣ ҷадвали дорои номи истифодакунӣ ва паролҳои истифодабарандагони система асосии он тағйирот ворид кардааст.

Маълум шуд, ки А. гуноҳро бо қасди бевосита содир кардааст, зеро вай хавфи ҷамъиятии кирдорашро дарк карда, фарорасии оқибатҳои номатлубро дар шакли тағйир додан ва нусхабардории маълумоти бо қонун ҳифзшавандаро пешгӯӣ карда, хостори ба амал омадани ин оқибатҳо шудааст. Лаҳзаи ихтиёрӣ дар ин ҳолат аз амали мақсаднок бо хоҳиш иборат аст, ки аз саъю кӯшиш ба натиҷаҳои муайян иборат аст, ки ҳадафи ниҳоӣ хизмат мекунад.

Ин ҷо аз амалияи судӣ боз як мисоли дигарро овардан мумкин ст, содиршавии ин кирдорро дар шакли қасди бавосита нишон медиҳад. Биёед як мисоли амалияи судиро нишон диҳем, ки имкони бо қасди ғайримустақим содир кардани ҷинояти мавриди назарро нишон медиҳад.

Шаҳрванд Б, ки монтажчии терминалҳои қабули пардохт шуда кор мекард., бо роҳи фиреб ба ҶДММ дар сурати мавҷуд набудани аломатҳои дуздӣ, ҳангоми дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти аз ҷониби қонун ҳифзшавандаи компютерӣ дар шабакаи компютерӣ (тағйир додани тамомияти махзани баҳисобгирии кортҳои пардохтӣ) системаи ягонаи

пардохти фаврӣ), ки боиси тағйирёбии маълумот дар компютер гардидааст, зарари молумулк ӣ расонидааст.

Қасди бавоситаи Б. дар содир намудани ҷинояти м.301 КҶ ҶТ дар дидаю дониста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компӣтерӣ, хоҳони фарорасии оқибати он дар шакли тағйир додани маълумот ва тахмини бошуурона дар бораи ба амал омадани ин окибат мебошад.

Паҳлуи дигари масъалаи баррасишаванда ин ангеза ва мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ мебошад.

Ангеза ва мақсад пеш аз ҳама, яке аз муҳимтарин мафҳумҳои психологиест, ки бо ёрии он табиати ботинии кирдори инсон ва моҳияти он кушода мешавад. Он ҳамчун ҷузъи муҳимтарини сохтори психологии ҳар як фаъолияти инсон, монанди қувваи ҳаракатдиҳандаи он амал карда, сабаби дохилии рафтори нодурусти шахси мушаххасро муайян мекунад. Ангеза ва мақсад дар навбати худ аломатҳои факултативӣ (иловагӣ)-и тарафи субъективии баромад намуда, дар баъзе ҳолатҳо ба сифати аломатҳои ҳатмӣ тавсиф дода мешавад.

Ҳангоми баррасии баъзе аломатҳои факултативии ҷинояти дар моддаи 301 КҶ ҶТ пешбинишуда, ба андешаи мо, масъалаи ангезаи ин ҷиноят, дар бораи он мақсадҳои ангезаҳои дохилие, ки ҷинояткоронро ҳангоми содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок роҳнамоӣ мекунанд, таваҷҷуҳи махсус додан лозим аст.

Бояд дар назар дошт, ки ангеза аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷинояти баррасишаванда нест ва ба бандубасти ин кирдор таъсир намерасонад, яъне қонун ҷавобгарии ҷиноятиро вобаста ба ангеза мутобиқи моддаи 301 КҶ ҶТ пешбинӣ намекунад. Дар ҳамин ҳол, ангезаи дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ имкон медиҳад, ки шахсияти ҷинояткорро минбаъд тавсиф карда, ҳангоми таъини ҷазо ба назар гирифта шавад.

Аз баррасӣ ва таҳлили 170 парвандаи ҷиноятӣ вобаста моддаи 301 КҶ ҶТ ба мо маълум шуд, ки ангезаи содиршавии ҷиноятҳои баррасишаванда бештар дар ин ҳолатҳо дида мешавад:

а) бо ғарази шахсӣ (манфиати худ) – 86,4% (қаллобӣ дар иттилооти компютерӣ ҳамчун марҳилаи омодагӣ барои ба даст овардани фоида - 44,4% ва суиқасд бо пайвасти интернети ройгон - 42%);

б) манфиати тадқиқотӣ (таҷовузҳо вобаста ба нишон додани камбудиҳои системаи амнияти иттилоотӣ) - 9,4%;

в) ҳиссиёти қасосгирӣ – 3,1%;

г) содир намудани ҷиноят дар ҳолати ҳаяҷон (ба истилоҳ ангезаи бозӣ) - 3,1%.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ангезаи ғаразнок маъмултарин сабаби ангезандаи дохилии бевоситаи ин амали ҷиноятӣ мебошад. Дар айни замон, бисёре аз олимон тамаъро ҳамчун ангезаи асосии ҷиноятҳои компютерӣ мешуморанд, ки шумораи онҳо сол аз сол меафзояд ва дигар омилҳои ангезандаро ба вуҷуд меоранд.

Илова бар ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ сабабҳои зерини дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ муайян карда шудаанд: ангезаҳои авбошӣ, терроризм, ангезаҳои сиёсӣ, хоҳиши шомил шудан ба субкултураи хакерӣ, кунҷковӣ ва ғайра [43, с. 238], [197].

Мавҷуд набудани нишонаи ангеза дар муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ пешбинӣ мекунад, аз имкони содир кардани ин ҷиноят бо ҳар гуна ангеза шаҳодат медиҳад, ки аз рӯи гуногунрангии онҳо асоснок ба назар мерасад. Ангеза аломати факултативии тарафи субъективи буда, барои бандубасти ҷиноятҳои баррасишаванда аҳаммият надорад, балки он имкон медиҳад, ки кирдори содиршуда маълум карда шуда, ба ин васила принсипи ҷавобгарии фардӣ татбиқ карда шавад.

Қисми дуюми моддаи 301 КҶ ҶТ низ истилоҳи маҷбур кардан барои додани иттилооти ғайриқонуниро пешбинӣ мекунад. Аз ин муқаррарот

бармеояд, ки тарафи субъективиро бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита дар назар дорад. Таҳти маҷбур кардан дар қисми дуюми ин модда бо чунин роҳҳо ба амал баровардани мақсад ва анзезаи ҷинояткор дар назар дошҳта мешавад:

а) бо роҳи таҳдиди ифшо кардани маълумоти беобрӯкунанда нисбати шахс ё наздикони ӯ;

б) бо роҳи таҳдиди ошкор кардани чунин маълумотҳое, ки шахс мехоҳад онҳоро пинҳон дорад;

в) бо роҳи таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбат ба шахс ё наздикони ӯ;

г) бо роҳи таҳдиди несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки шахс ё наздикони ӯ ва ё шахсони дигар.

Дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунанда низ аз ҷониби судҳо ҳолатҳои асосии ангеза ва мақсади ҷиноят дар шакли махсус муайян карда намешавад. Танҳо ҳамчун тарафи субъективӣ ном бурда баҳо дода мешавад. Аз таҳлили 150 парвандаи ҷиноятӣ ба мо маълум шуд, ки дар 90%-и ҳолатҳои ҷойдошта судяҳо танҳо содиршавии кирдори мазкурро бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита гуфта баҳо медиҳанд. Масалан, бо ҳукми суди н. Рӯдакӣ шаҳрванд К. бо қ.2 м. 301 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб шуда буд. Ҳолати ҳодисаи ҷиноят ин буд, ки шаҳрванд дар ҶДММ (солҳои 2016-2024) ба ҳайси корманди бахши хоҷагидорӣ кор мекард. Тахминан охирҳои моҳи сентябри соли 2024 ӯ аз мудири бахши муҳосибот Л. ба таври пинҳонӣ пайваста хоҳиш мекард, ки рамзи компютер ва барномаҳои махсусгардонидашударо, ки бахши муҳосиботи ҶДММ дар онҳо ҷойгир буданд, ба ӯ диҳад. Мақсади гирифтани рамзро ба шаҳрванд Л намегӯяд. Аммо, мудири бахши муҳосибот Л. хоҳиши шаҳрванд К.-ро рад мекард. Шаҳрванд К. шаҳрванд Л.-ро бо таҳдиди паҳн кардани маълумотҳои бадномкунанда ва нишон додани ин маълумотҳо ба шавҳари ӯ (ки сирри махфии шаҳрванд К. буд) маҷбур мекунад. (Шаҳрванд К. ин маълумотҳоро бо чунин тарз ба даст оварда буд. Тахминан моҳҳои июн-июли соли 2024 мудири бахши муҳосибот Л. ва корманди бахши

хоҷагидорӣ К. якҷоя маслиҳат мекунанд, ки ба н.Варзоб барои истироҳат мераванд. Шаҳрванд К. Мехоҳад бо як рафиқи худ равад ва аз ӯ хоҳиш мекунад, ки дугонаи дигарашро гирад, яъне якҷоя чор нафар шуда раванд. Маслиҳати онҳо пурра пешакӣ ба анҷом расид. Он ҷой шаҳрванд Л. бо дугонааш М. майнӯшии зиёд карда маст мешаванд. Пас аз майнӯшии зиёд дар қисми шаб шаҳрванд К. бо рафиқаш Н., ки ҳамроҳи онҳо рафта буд, дар ҷойгаҳи хобашон онҳоро тани бараҳна суратҳо ва наворҳои видеоӣ мегирад.) Шаҳрванд Л. аз пастшавии шаъну шарафаш дар назди оила ва наздиконад ва вайроншудани муносибатҳои оилавиаш бо шавҳараш тарсида рамзро ба ӯ мегуяд. Ӯ тамоми маълумотҳои бахши муҳосиботро, ки ба ҶДММ таалуқ дошт ва сирри тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад мегирад.

Суд ҳангоми баррасии ин парванда танҳо ҳодисаи ҷиноятро бо дидаю дониста содиршавии он баҳо медиҳад. Яъне ангеза ва мақсади содиршавии ҷиноятро тамоман ба эътибор намедиҳад. Назари судяҳо ҳам ба он аст, ки ангезаи содиршавии ин ҷиноятҳо тибқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятии ҶТ ба бандубасти ҷинояти мазкур таъсир намерасонад ва ягон аҳаммият ҳам надорад. Асос ин ки гуноҳ дар шакли қасди бевосита содир шуда бошад, муҳим ангеза шуда наметавонад.

Дар натиҷаи таҳлил ва баррасии тарафи субъективии ҷинояти мазкур ба чунин хулосаи ниҳоӣ омадем:

Тарафи субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ гуноҳ дар шакли қасди бевоситаро ташкил медиҳад. Ҳолатҳои беэҳтиётӣ дар ҷинояти баррасишаванда ҷой дошта наметавонад. Зеро ки тавре дар боло қойд кардем, субъекти ин ҷиноятҳо махсус мебошад. Пеш аз содир шудани кирдори мазкур шахс қасди пешакӣ, тайёрӣ ва дониши махсус дорад ва баъдан ба ин кирдор даст мезанад. Аз беэҳтиётӣ агар ин кирдор содир шавад, ҷавобгарии граэдданӣ ё маъмуриро ба миён меорад.

Ангеза ва мақсади ҷиноят дар ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ аҳаммияти асосии бандубастнамоӣ дошта наметавонад. Ангеза ва мақсад барои таъини ҷазо метавонад таъсир

расонад ё ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ва сабуккунанда ба назар гирифта шавад.

## ХУЛОСА

Дар асоси таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ва баррасии ҷанбаҳои назариявии он хулосаҳои ниҳоии худро ба таври зайл пешниҳод менамоем:

1. Дар заминаи пажуҳишҳои анҷом дода шуда исбот гардидааст, ки дар КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) ва КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ҳамчун таркиби ҷиноят мавҷуд набуд. Вале бо ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ дар мамлакат меъёре, ки ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилотро муқаррар менамояд дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 ворид гардид. **[4–М].**

2. Ташаккулёбии қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот таърихи тулонӣ надорад, зеро пайдоиш ва рушди чунин кирдорҳо ба пешрафт ва густариши технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионии электронӣ алоқамандии бевосита доранд. Аз ин рӯ, оғози ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятиро дар ин самт метавон маҳз ба соли 1917 мансуб донист, яъне замоне, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои интиқол ё нигоҳдории иттилооти дорои сирри давлатӣ бо мақсади дастрас намудани он барои давлатҳои хориҷӣ, ба таври расмӣ пешбинӣ гардид.

3. Қариб дар ҳамаи Кодексҳои ҷиноятии ҶШФСР солҳои 1922 ва 1926, Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935 ва КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961, сарфи назар аз он ки меъёрҳои ҳаммонанд дар бораи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар моддаҳои алоҳида ҷойгир бошанд ҳам, вале мазмуни онҳо кариб, ки аз якдигар тафовут надорад. Дар ҳамаи онҳо тарафи объективӣ дар намуди дуздидан, интиқол додан ё нигоҳ доштани иттилои дорои сирри давлатӣ бо мақсади додани онҳо ба давлати хориҷӣ, пешбинӣ шуда буд.

4. Таҳлилҳо дар ин самт аз он шаҳодат медиҳад, ки қисми зиёди мамлакатҳои собиқ шуравӣ асоси ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, фақат дар қонунгузории ҷиноятӣ

пешбинӣ кардаанд. Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин ҳаракатҳҳо мушаххасу муайян намояд, мавҷуд нест. **[2–М].**

5. Дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, объекти ҷинояти ғайриқонунии ба даст овардани иттилоот на танҳо муносибатҳои ҷамъиятиро, ки ба интиқоли бехатар ва ҳимояи иттилооти компютерӣ марбутанд (чунончи дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), балки доираи васеътари объектҳоро низ дар бар мегирад. Масалан, дар қонунгузории ҷиноятии Фаронса ва Олмон ин гуна объектҳо ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шахс, озодӣ, сулҳ ва суботи иҷтимоиро фаро мегиранд. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико – амнияти миллӣ ва фаъолияти муътадили иқтисодӣ ҳамчун объектҳои асосӣ ҳисобида мешаванд. Қонунгузории ҷиноятии Қазоқистон бошад, тартибот ва амнияти ҷамъиятиро ҳамчун объекти ин ҷиноят муайян мекунад.

6. Муқаррар гардидааст, ки объекти хелии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ба амнияти иттилоотӣ равона шудаанд. Номгӯйи объектҳоро дар умум муайян кардан ғайриимкон аст. Зеро иттилоот худ мафҳуми васеъ ва беҳудуд аст. Дар қонунгузории ҷиноятӣ иттилоот ба маъное истифода мешавад, ки дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар назар дорад. номгӯи онҳоро қонунгузор ба таври васеъ овардааст.

7. Исбот карда шудааст, ки объекти намудии ин ҷиноятҳо танҳо ба як боб маҳдуд шуда наметавонад, вале вақте, ки сухан дар бораи боби «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» (боби 28 КҶ ҶТ) меравад, боби мазкур танҳо амнияти иттилоотие, ки ба технологияи компютерӣ, системаи компютерӣ ва шабакаҳои компютерӣ равона шудаанд, дар назар дорад. Камбудӣ дар он аст, ки амнияти иттилоотӣ дар боби 28 КҶ ҶТ ҷой дорад, ин аст, ки амнияти иттилоотиро ба маънои маҳдудтар истифода намудааст. Зарур аст, ки номи боби 28 КҶ ҶТ ба таври зайл муқаррар карда шавад: «Боби 28 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва

алоқа». Камбудии дигар дар ин боб дар он аст, ки объекти намудиро ба таври равшан ва фаҳмо пешбинӣ накардааст, яъне хусусиятҳои компютерии иттилоот ин ҷо нишон дода нашудааст. Дар боби мазкур танҳо объекти намудӣ ба тавре маҳдуд шудааст, ки амнияти иттилооти компютерӣ ва алоқаи шабакаи техникиро дар назар дорад. Қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ин масъала меъёрҳоро дар боби 28 КҶ ҶТ ҷой дода, самти муайян кардани объекти намудии ин ҷиноятҳоро - ҷиноятҳоеро, ки ба муносибатҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунӣ бо маълумоти компютерӣ халал мерасонанд, муқаррар кардааст.

8. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи баррасишаванда ба хулосае омадааст, ки дар моддаи 301 КҶ ҶТ калимаҳои «нусхабардории қасдани ғайриқонунӣ» ва «бо дигар усули ғайриқонунӣ» ҳар ду як маъноро ифода мекунанд. Нусхабардории ғайриқонунӣ як усули ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумот мебошад. Пас дар алоҳидагӣ дар диспозитсияи модда овардани он (нусхабардории ғайриқонунӣ) шарт нест ва дар ҷойи ин ду ибора «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» истифода шавад мувофиқи мақсад мебошад. Бинобар ин, хуб мешуд, ки дар диспозитсияи моддаи 301 КҶ ҶТ тағйирот ба таври зайл ворид карда шавад: ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти бо қонун ҳифзшавандае, ки дар ҳомили электронӣ нигоҳ дошта мешаванд, дар низоми иттилоотӣ маҳфузанд, ё тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ интиқол дода мешаванд, агар ин боиси вайронкунии назарраси ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд, ё ташкилот ва ё манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҷамъият, ё давлат гардидааст. **[5–М].**

9. Асоснок мегардад, ки объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба сохтан, ба даст овардан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда ва таъминкунандаи доимии вазъи амнияти иттилоотӣ ва кори муътадили МЭҲ, системаи МЭҲ ё шабакаҳои онҳо мебошад.

10. Ҳамчун предмети ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ ин омилҳоро метавон номбар кард: иттилооти компютерӣ; компютер ва қисмҳои он, ки иттилоот дар он нигоҳ дошта мешавад; барномаҳои компютерӣ, ки иттилоотро маҳфуз нигоҳ дошта метавонанд; шабакаҳои техникии алоқавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ. Аммо инҳо дар ҳар як ҷиноятҳои содиршуда метавонанд ба таври алоҳида баромад карда тавонанд, яъне агар дар натиҷаи содиршавии ҷиноят ба он заррар расад ё онро дигаргун кунад, пас ба сифати предмети ин ҷиноят баромад карда метавонад. Ҳар яки онро (иттилооти компютерӣ; компютер ва қисмҳои он, ки иттилоот дар он нигоҳ дошта мешавад; барномаҳои компютерӣ, ки иттилоотро маҳфуз нигоҳ дошта метавонанд; шабакаҳои техникии алоқавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ) ба таври умумӣ предмети ҷиноят гуфтан ғайриимкон аст. Зеро ҳолате мешавад, ки ин ҷиноят содир мешавад аммо ба онҳо дар ҳолатҳои гуногун заррар мерасад. Масалан иттилоот ҳангоми нусхабадорӣ заррар намебинад, вале ҳангоми нест кардан ба ӯ заррар расонида мешавад. Предмети ин ҷиноят вобаста ба тарзи содиршавии ҷиноят ё сӯиқасди ҷиноят метавонад дар ҳар як ҷиноят ба таври алоҳидагӣ тағйир ёбад.

11. Тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютериро худи бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бо кадом роҳе набошад, ташкил медиҳад. Асос ин, ки меъёрҳои қонунгузорӣ дар ин самт вайрон шуда бошад ва ба ҷамъият, давлат ё шаҳрвандон заррар расидааст. Иттилоот як шакли моликият мебошад, ки ҳуқуқи истифодабарӣ, ихтиёрдорӣ ва соҳибӣ карданро ба таври махсус ва бо талаботҳои гуногун дорад ва хусусияти махфияти ҳатмӣ ва ҷавобгарӣ барои ифшои онро доро мебошад. Нусхабардории иттилоот агар бо ду талабот (ғайриқонунӣ бошад ва аз дар шакли такрорӣ истеҳсол шавад) ҷавобгӯ бошад, дигар ба кадом воситаи нусхабардорӣ мешавад муҳим нест, аллакай ғайриқонунӣ эътироф мешавад.

12. Ҳамчун субъекти ин ҷиноят шахсони воқеии мукаллаф, ки

синнашон аз 16 сол зиёд аст ва дар системаи автоматикунонидашуда ё шабакаи автоматикунонидашуда кор мекунанд ё аз хизматрасониҳои он истифода мебаранд, вале ҳуқуқи кор бо иттилооти муайянро надоранд, ё шахсони бегона (наистифодабарандагони ҳуқуқӣ) метавонанд шомил бошанд. Ин субъектҳо, ба истисноӣ аломатҳои умумӣ, хусусиятҳои махсус доранд, яъне дорои дониши касбӣ буда, ё истифодаи қонунии ҳуқуқи дастрасӣ надоранд ва қасди бевоситаи содир намудани кирдор дар гуноҳи онҳо мавҷуд аст. **[3–М].**

13. Тарафи субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ гуноҳ дар шакли қасди бевоситаро ташкил медиҳад. Ҳолатҳои беэҳтиётӣ дар ҷинояти баррасишаванда ҷой дошта наметавонад. Зеро ки тавре дар боло қайд кардем, субъекти ин ҷиноятҳо махсус мебошад. Пеш аз содир шудани кирдори мазкур шахс қасди пешакӣ, тайёрӣ ва дониши махсус дорад ва баъдан ба ин кирдор даст мезанад. Аз беэҳтиётӣ агар ин кирдор содир шавад, ҷавобгарии маданӣ ё маъмуриро ба миён меорад. **[3–М].**

Ангеза ва мақсади ҷиноят дар ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ аҳаммияти асосии бандубастнамоӣ дошта наметавонад. Ангеза ва мақсад барои таъини ҷазо метавонад таъсир расонад ё ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ва сабуккунанда ба назар гирифта шавад.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд:

1. Ҷиҳати ҳифзи ҳарчӣ бештари иттилоот ва ҷоннок кардани таъмини амнияти иттилоотӣ дар заминаи ташаккули бесобиқаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешниҳод мегардад, ки ба боби 20 «Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи алоқа ва истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ» -и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёре пешбинӣ карда шавад, ки ҷавобгарии маъмуриро барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, ки боиси расонидани зарари ҷиддӣ намегардад, муқаррар намояд. Инчунин зарур аст, ки барои такроран содир кардани ин кирдор дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ ё расонидани заррар ба миқдори калон муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофики мақсад мебошад.

2. Дар Фасли 11 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» (бобҳои 26-27), зарур аст, ки дар моддаи нав дар бораи тасарруфи иттилоотӣ компютерӣ, ки ба шаҳрванд, ҷамъият ва давлат заррари молумулкӣ мерасонад, пешбинӣ карда шавад **[6–М].**

3. Асоснок карда мешавад, ки объекти намудии ғайриқонуни ба даст овардани иттилоот танҳо ба як боб маҳдуд шуда наметавонад. Аммо вақте ки сухан дар бораи боби «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» (Боби 28 КҶ ҶТ) меравад, боби мазкур танҳо амнияти иттилоотие, ки ба технологияи компютерӣ, системаи компютерӣ ва шабакаҳои компютерӣ равона шудаанд, дар назар дорад. Камбудӣ дар он аст, ки амнияти иттилоотӣ дар боби 28 КҶ ҶТ ҷой дорад, ин аст ки амнияти иттилоотиро ба маънои маҳдудтар истифода намудааст. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки номи боби 28 КҶ ҶТ ба таври зайл иваз карда шавад: «Боби 28 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва алоқаи барқӣ». **[3–М].**

4. Муаллиф зарур шумоҳидааст, ки бо ба инобати ҳифзи арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ дар шароити рушди бесобиқаи шабакаи иттилоотии электронӣ ва муътадилии тартиботи ҷамъиятӣ, моддаи 301 (1) ба КҶ ҶТ дар мазмуни зайл пешбинӣ гардад:

**Моддаи 301 (1). Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, тавассути шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасонионҳо**

1) Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, тавассути шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасонионҳо, ки боиси халалдор гардидани тартиботи ҷамъиятӣ ва косташавии арзишҳои ахлоқию фарҳагӣ мегардад, -

бо ... ҷазо дода мешавад.

Албатта, тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмӣ, ки дар ин соҳа пешбинӣ шудаанд, метавонанд ба тақвияти амнияти иттилоотӣ ва муқовимат бо таҳдидҳои гуногун дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон таъсири мусбат расонанд. **[5–М].**

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

[2]. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Қонуният, 2012. – 488 с.

[3]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои рақамии электронӣ» аз 30-юми июли сорли 2007 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2007. – № 6, ст. 532; № 7, ст.682, ст. 560; 2011 г, № 3, ст. 166.

[4]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10-уми майи соли 2002 [Матн] // Ахбори Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон. – 2002. – № 4, қисми 2, мод. 320; 2012. – № 7, мод. 698; 2014. – № 1164.

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6-уми августи соли 2001 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – № 7, мод. 502; 2005. – № 12, мод. 639; 2019. –№ 1595.

[6]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» аз 3-юми июли соли 2012 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2012. – № 4, мод. 689.

[7]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19-уми марти соли 2013 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2013. – № 3, мод. 201; 2016. – № 5, мод. 365; 2017. – № 1407.

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 15-уми майи соли 2002 [Матн] // Ахбори Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон. – 2002. – № 11. мод. 696; 2005. – № 12, мод. 646.

[9]. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18 июни соли 2008 таҳти № 411. – Сомонаи расмии Маркази миллии

қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: www. mmk. tj. (санаи муроҷиат: 07.05.2022)

[10]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10.05.2002, №55 [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https: // majmilli.tj /қонуни ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бора. (санаи муроҷиат: 06.07.2024).

[11]. Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, таҳти №7 [Текст] // Бюллетени Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №1-2 (21-22). – С. 82-144.

[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18.06.2008. №411 – [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: http:// mmk.tj (санаи муроҷиат: 06.07.2024).

[13]. Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25–уми марти соли 2011 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – №3, мод. 155; с. 2014. – №7, қ. 1, мод. 387; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017. – №1447

[14]. Соглашение между правительствами государств-членов Шанхайской Организации Сотрудничества в области обеспечения международной информационной безопасности: заключено в г. Екатеринбурге 16 июня 2009 года // Бюллетень международных договоров. – 2012. – № 1. – С. 13-21.

